**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**УДК: [37.018.1+37.018.2+37.034] (575.3)**
**ББК: 74.9+74.200.5**
**С – 30**

**САИД НИЁЗМУҲАММАД САИД**

# ҶАНБАИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ҶАРАЁНИ КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Гулмадов Файз - доктори илмҳои педагогӣ**

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА……...……………………..…………………..……....3 – 14**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТАРБИЯИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ………………………………………………15 – 84**

**1.2.** Хусусиятҳои махсуси ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ......................................15 – 36

**1.1.** Моҳият ва мазмуни ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ..........................................36 – 62

**1.3.** Ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми дарс ва корҳои беруназсинфӣ……………………..62 – 81

**ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ……………………………………….**81 – 84

**БОБИ II. ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАИ КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ……………………..……85 – 156**

**2.1**. Тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ воситаи муҳими ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ………………85 – 96

**2.2.** Асосҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ……96 –113

**2.3.** Ғанӣ гардонидани малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар корҳои гуногуни коллективона........113–150

**ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ**……………………………………150 – 156

**ХУЛОСА…**………………….…………………………………156 – 160

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**……………………………..…….........161 – 177

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Тоҷикистони соҳибистиқлол дар раванди инкишофи худ давраи муҳими таърихиро аз сар гузаронида истодааст. Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, аз ҷумла иқтисодӣ, низоми сиёсӣ ва соҳаи маориф азнавсозӣ ва ислоҳот вусъати тоза ёфта истодааст.

Азнавсозӣ ва ислоҳоти маориф татбиқ намудани чунин як низомеро тақозо менамояд, ки тавонад тамоми кори тарбияи ахлоқии насли наврасро ба дараҷаи талаботи имрӯза, ба ҷараёнҳои пешқадами дар ҷомеа баамаломада баланд бардошта тавонад.

Бояд дар назар дошт, ки ҷаҳони зуд тағйирёбанда, ки ба он хусусияти ноустуворӣ, тағйирёбандагӣ, зуд ивазшавии ахбор хос мебошад, моро водор месозад, ки ба масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас ба таври ҷиддӣ, бо диду тафаккури нав муносибат намоем. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз дар ҷомеа нисбат ба тарбияи маърифатнокии ахлоқии насли наврас, аз ҷумла хонандагон як изтиробе эҳсос карда мешавад. Ғайр аз ин, дар оила пастшавии симои ахлоқии падару модар мушоҳида карда мешавад, ки ин ногузир ба пастравии ахлоқи кӯдакон боис мегардад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст: «Дар сиёсати иҷтимоии мамлакат соҳаи илм ва маориф яке аз масъалаҳои калидӣ боқӣ мемонад. Соҳаи маориф инчунин омили муҳими амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад, чунки дар ҷаҳони имрӯзаи пуртазод, танҳо насли навраси бо донишҳои замонавӣ ва маҳорати касбӣ мусаллаҳ қодир аст кори таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намояд» [140].

Солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф қабул гардид, ки дар

дигаргунию тағйирот ба соҳаи маориф ва таълиму тарбия кумаки амалӣ мерасонанд. Масалан, Консепсияи мактаби милли Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007), инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (дар таҳрири нав (2013) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».

Вазъи имрӯза дар ҷомеа зарурияти ба низом даровардани ҷараёни аз худ намудани арзшҳои маънавӣ-ахлоқиии насли наврасро ба миён мегузорад. Бинобар ин, дар ишароити нави инкишофи ҷомеа дар назди илми педагогика ҷорӣ намудани модели нави таҳсилот гузошта мешавад, ки, вазифаи он аз тарбияи шахсияти нотакрор иборат буда, дар навбати худ талаботи ҷиддӣ зоҳир намудан ба бошуурона азхудкунии сифатҳои ахлоқии насли наврасро тақозо мекунад.

Бояд зикр намуд, ки тарбияи сифатҳои ахлоқӣ дар хонандагон дар сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки агар ин кор аз синни хурди мактабӣ оғоз карда шавад. Дар байни сифатҳои ахлоқие, ки дар мактаббачагони хурдсол ташаккул дода мешавад, тарбияи ҷуръатноки ахлоқӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар бисёр мавридҳо хонандагони синфҳои ибтидоӣ бинобар сабаби беҷуръатӣ, шармгинӣ рафторҳои дурусти ахлоқиро содир карда наметавонанд. Аз сӯи дигар аз сабаби он ки таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол ҳанӯз маҳдуд аст, онҳо дар иҷрои рафторҳои ахлоқӣ душворӣ мекашанд, яъне онҳо гумон мекунанд, ки оё рафтори содиркардаи онҳо дуруст аст ё не? Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, махсусан тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар назария ва амалияи педагогӣ заминаҳои муайяни назариявӣ барои ҳалли масъалаи ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии хонандагон, аз ҷумла хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳқиқотҳои арзишманд анҷом дода шудааст.

Солҳои охир масъалаи тарбияи ахлоқии хонандагон мавриди таҳқиқоти олимони соҳаи психология, педагогика, фалсафа, иҷтимоиёт қарор гирифтааст. Олимони Россия ҷанбаҳои гуногуни масъалаи тарбияи ахлоқии хонандагон, аз ҷумла: назария ва амалияи маҳорат ва малакаи дар ҷараёни таълиму тарбия аз худ намудани рафторҳои ахлоқӣ аз ҷониби хонандагон (Е.В. Бондаревская, С.В Кульневич); назарияи инкишофи шахсият (Л.И. Божович, А.А. Бодалев, Л.С. Выготский, Б.З. Вульфов, В.В. Давыдов, А.Г. Ковалев, А.Н. Леонтьев, Л.С. Рубинштейн, А.И. Рувинский, Д.И. Фельдштейн); инсонгароии мазмуни таълим ва тарбия (И.Ю. Алексашина, Ш.А. Амонашвили, Н.Л. Селиванова); категорияи этикӣ (ахлоқӣ) дар ташаккули шахсият (С.Ф. Анисимов, Л.М. Архангельский, О.П. Целикова); интихоби маънавият аз ҷониби шахс (В.М. Бакштановский, А.В. Бездухов, В.В. Борзых, Н.Н. Крутов); инкишофи ахлоқии шахсият (О.С. Богданова, В.И. Петрова, С.В. Черенкова, И.А. Каиров, О.Д. Калинина, Н.П. Шитякова,); таҷрибаи рафторҳои ахлоқӣ ва интихоби рафтори ахлоқӣ (В.Т. Ганжин); баҳамалоқамандии инкишофи коллектив ва ташаккули ахлоқии шахсият (М.Г. Казакина, Т.Е. Конникова, Л.И. Новикова); масъалаи шуурнокии ахлоқӣ (В.Г. Братусь, А.И. Титаренко, Д.С. Шимановский); назарияи арзишҳои ахлоқӣ (А.В. Кириянова, Н.Д. Никандров, А.Н. Нюдюрмагомедов); фаъолнокии иҷтимоии хонандагон (Т.Н. Мальковская, А.В. Мудрик, Б.Д. Парыгин, Р.Г. Гурова, И.С. Кон, В.М. Соколов); психологияи муносибат (В.Н. Мясищев); муносибати мутасили омӯзгор нисбат ба тарбиятгиранда ҳамчун шахсият (В.В. Сериков); муайян намудани самтнокии фаъолияти хонандагон ба арзишҳои муҳими маънавӣ-ахлоқӣ (А.Д. Солдатенков, Т.И. Петракова,

Д.В. Чернишевский); сохтори шуурнокии ахлоқӣ (В.П. Бездухов, Т.В. Жирнова, А.И Титаренко, В.П. Тугаринов, А.К. Уледов); амсилаи маънавият (К.Д. Уткин); ба ҳамалоқамандии арзишҳо бо намудҳои муносибатҳо, дарк ва азхудкунии арзишҳо (Е.И. Шиянов, С.В. Кульневич); назарияи тарбияи ахлоқӣ (И.Ф. Харламов, И.С. Марьенко, Д.И. Водзинский, А.С. Макаренко, Б.Т Лихачев); консепсия ва низоми тайёр намудани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон (Н.П. Шитякова).

Бояд зикр намуд, ки олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар кор карда баромадани ҷанбаҳои гуногуни масъалаи тарбияи ахлоқии хонандагон саҳми муносиб гузоштаанд. Таҳқиқотҳои илмии олимони тоҷик М. Лутфуллозода ва А. Нуров ба масъалаи педагогикаи миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ бахшида шудаанд. Таҳқиқотҳои Каримова И.Х. ба масъалаи инсонигардонии раванди таълиму тарбия бахшида шудааст. Муҳаққиқ Шарифзода Ф. Назарияи таълими ҳамгироро бо назардошти тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ кор карда баромадааст. Олимон Қ.Б. Қодиров, Қ. Абдураҳимов, Х. Афзалов М. Орифӣ, А. Паҳлавонов, А. Ҳалимов, назарияи пайдоиши ақидаҳои педагогии халқи тоҷикро дар қарнҳои гуногун таҳқиқ намудаанд. Муҳаққиқон. И. Арабов Х. Рахимзода масъалаи тарбияи оилавӣ ва аз ҷиҳати ахлоқӣ ба ҳаёти мустақилона тайёр намудани ҷавононро кор карда баромадаанд. Муҳаққиқ Б. Маҷидова таъсири анъанаҳои халқиро дар тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, Д. Латипов ташаккули арзишҳои этнофарҳангӣ ва умуминсонӣ дар хонандагон ва ҷавонон, Б. Рахимов масъалаи ташаккули рафторҳои мадании мактаббачагони хурдсол дар оиларо мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Муҳаққиқон Шарифов А., Бобоева М. дар диссертатсияҳои номзадии худ тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсолро вобаста ба таъсири анъанаҳои халқӣ ва ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳқиқ намудаанд.

Чи тавре ки дарачаи коркардшудаи масъалаи таҳқикшаванда нишон медиҳад, дар педагогикаи имрӯза оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синну соли гуногун таҳқиқотҳои назаррас анҷом дода шудааст. Аммо оид ба тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳқиқоти диссертатсиони алоҳида анҷом дода нашудааст.

Ҳамин тавр, маҷмӯи масъалаҳои иҷтимоӣ-педагогӣ аз нуқтаи назари арзишҳои умумиинсонӣ интихоби мавзуи диссертатсионии **«Ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ»**-ро ба миён овард.

Муҳиммияти таҳқиқоти мазкур аз мавҷуд будани мухолифатҳо ва ҳалли онҳо дар ҷараёни амалии корҳои тарбиявӣ бармеояд, яъне:

– байни дарки омӯзгорон масъулияти мактабро оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ва мавҷуд набудани барномаи аниқ оид ба ҳалли масъалаи мазкур;

– байни муқаррар намудани арзишҳои ахлоқӣ ва муқаррароти амалӣ дар вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

– байни кӯшиш оид ба нигоҳдории арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва самтгирии омӯзгорон ба таҷрибаи мавҷудбудаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол;

– байни стандартҳои омодакардашудаи таълимӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва самаранокии мазмуни онҳо дар мустақилона аз худ кардани арзишҳои ахлоқӣ.

Ҳамин тариқ, ихтилофоти мавҷуда **проблемаи** таҳқиқотро мушаххас месозанд: таҳлил, ҷамъбаст, низомбандӣ ва аз ҷиҳати назариявӣ дарку андарёфти технологияи педагогии ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчубаи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Роҳу усули интихобу тарбияи кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар ҳошияи  муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ барои солҳои 2020-2025», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**: асосноккунии илмӣ-назариявии шароитҳои қобили қабули педагогӣ барои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Баррасии моҳият ва ҷанбаҳои назариявии ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар адабиёти педагогию психологӣ.

2. Муайян кардани пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

3. Таҳияи технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол.

4. Бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ собит сохтани дурустӣ ва мантиқӣ будани фарзияи кории пешниҳодшуда, санҷиш ва арзёбии ҷамъбастии технологияи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол.

**Объекти таҳқиқот**: ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**: маҷмӯи шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол мусоидат менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** бо он муайян карда шуд, ки ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар сурате самаранок мегардад, ки агар:

– амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳия карда шавад, ки самтҳои асосии он дар маҷмӯи ҷузъҳои сохтории он (маҳорат ва малакаҳо, сифатҳои касбӣ-педагогии омӯзгорон) нигаронида шавад;

– ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз технологияи бонизоми ташкилшудаи муосир дар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ иборат бошад, ки дар он авлавият ба мазмун, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон дода шавад;

– мазмуни тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз нуқтаи назари ворид сохтани онҳо ба ҷаҳони мураккаби арзишҳои инсонӣ ва андухтани малакаи ба рафтору кирдори худ ва рафтору кирдори рафиқони худ баҳо дода тавонистан нигаронида шавад;

– мактаббачагони хурдсол ба намудҳои гуногуни корҳои ҷамъиятии коллективона бо мақсади мунтазам ғанӣ гардонидани таҷрибаи содир намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ ҷалб карда шаванд;

– корҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии онҳо ба роҳ монда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**

**Таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар се марҳила, аз соли 2015 то соли 2022 гузаронида шуд.

**Марҳилаи якум, ҷустуҷӯӣ** (солҳои 2015 – 2017). Дар ин марҳила адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба масъалаи ташаккул ва рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тасаввурот оид ба моҳият ва сохтори арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ баррасӣ шуданд. Таҳлили адабиёти илмӣ ва илмию методӣ оид ба мавзуи таҳқиқот гузаронида шуд. Дар ин

марҳила проблема ва фарзияи таҳқиқот баён гардида, мафҳум ва мантиқи он таҳия гардида, консепсияи назариявии таҳқиқ ташаккул ёфт.

**Марҳилаи дуюм, муқарраркунанда ном дорад.** (солҳои 2018 – 2020). Дар ин марҳила маводи озмоишӣ-таҷрибавӣ ҷамъ оварда шуда, таҷрибаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд. Дар асоси маводи назариявӣ ва таҷрибавии ҷамъоваришуда шароити педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ошкор карда шуда, барномаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол муайян карда шуда, марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш гузаронида шуд.

**Марҳилаи сеюм озмоиши ташаккулдиҳанда** (солҳои 2021 – 2022) ном дорад, ки дар марҳилаи мазкур коркард ва низомбандии маълумоти дар рафти таҳқиқот бадастомадаро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои кори назариявию озмоишӣ- таҷрибавӣ амалӣ карда шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

– мавқеи истифодаи самараноки корҳои тарбиявӣ, ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ мутобиқ бо замони муосир роҳандозӣ гардидааст;

– шароттҳои педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти ташкилу ба роҳ мондани корҳои тарбиявии мақсаднок амалӣ карда шудааст;

– мақсади асосии риояи қоидаҳои рафтори ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни мақсаднок ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ  муайян карда шудааст;

– дар ҷараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ  аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии корҳои тарбиявӣ ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ тадбирҳои судманд андешида шудааст.

**Асоси методологии таҳқиқот**:

1. Нуқтаҳои назари методологии коркардашуда оид ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии хонандагони синну соли гуногун аз ҷониби олимон И.С. Маренко, О.С. Богданова, О.Д. Калинина, В.И. Петрова, В.Г. Афанасьев, И.В. Блауберг, Ю.А. Конаржевский, Г.Н. Сериков, Э.Г. Юдин, Е.Н. Князева, С.П. Курдюмов, А.Ю. Лоскутов, А.С. Михайлов, И. Пригожин, А.С. Белкин, Н.М. Яковлева, Е.В. Бондаревская, Г.И. Гайсина, О.Г. Дробнитский, М.С. Каган, Н.Д. Никандров, В.А. Сластенин, А.С. Белкин, Э.Ф. Зеер, Д.А. Иванов, А.В. Хуторской ва ғайра.

3. Назарияи психологии инкишофи шахсият, аз ҷумла назарияи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ (Б.Г. Ананьев, С.Ф. Анисимов, Р.Г. Апресян, Л.М. Архангельский, В.М. Бакшатновский, А.А. Бодалев, Б.С. Братус, Л.С. Выготский, Г.Е. Глезерман, Т.К. Гумницкий. А.И. Гусейнов, О.Г. Дробнитский, Н.Н. Крутов, А.Н. Леонтьев, М. Мамардашвили, А.В. Петровский, С.Л. Рубинштейн, А.А. Спиркин, Б.Т. Лихачев, В.А. Сухомлинский, А.И. Шемшурина, Н.Е. Щуркова, Ш.А. Амонашвили, Н.А. Коваль, Т.И. Петракова, В.А. Черкасов, В.Д. Шадриков, М.П. Шардаков, А.Ф. Шишкин, О.П. Целикова ва дигарон).

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумотро дар диссертатсия асарҳои файласуфон, психологҳо ва олимони соҳаи педагогика дар бораи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташкил намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти эътимодноки аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба даст овардашуда ба шакл дароварда шуд. Дар рафти гузаронидани таҷрибаҳо фикру ақидаи омӯзгорон ва падару модарон оид ба тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба инобат гирифта, таҳлилу ҷамъбаст карда шуд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №2, **№4,** №5, №8, №13-и ноҳияи Данғара ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №3, № 4 ва Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар .

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– хусусиятҳои махсуси ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ошкор карда шудааст;

– аз ҷиҳати назариявӣ ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол асоснок карда шудааст;

– қобилияти интихоби рафторҳои дурусти ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои тарбиявӣ муайян карда шудааст;

– барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқ оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ тарҳрезӣ карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол таҷассумгари сифатҳои баланди ахлоқӣ буда, дар ташаккулу болоравии маънавиёт, мавқеи муайяни ахлоқии хонандагон таконидиҳанда мебошад. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва оила дар раванди ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол саҳми арзишманди худро гузоранд.

2. Барномаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол метавонад ҳамчун низоми бомароми инноватсионӣ дар корҳои тарбиявӣ хизмат кунад.

3. Ташаккули босамари ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар раванди ташкили корҳои тарбиявӣ бояд ҳамчун меъёри ташаккули шахсият хизмат кунанд.

4. Бархурдор будан аз муҳити маънавӣ-ахлоқӣ, таҳлилу баррасӣ намудани рафтору амалҳои шоиставу номатлуб, хулосабарорӣ ва худбаҳодиҳӣ ба рафтори худ ва дигарон.

5. Худтакмилдиҳӣ, худруштдиҳӣ, одат намудан ва мавқеи худро пайдо намудан, мутобиқ гардидан бо муҳити иҳотакардашуда.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки маводи мушаххасе таҳия шудааст, ки аз таъминоти методии шароити педагогӣ иборат буда, татбиқи он имкон фароҳам меорад, ки ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар шароити муҳити тарбиявии мактаб ривоҷ дода шавад. Ҳамчунин мавқеи шахсии муаллифи таҳқиқот оид ба ҷанбаи ҷустуҷӯ намудани воситаҳои самараноки технологияҳои ба мақсад мувофиқи дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ муайян карда шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии мавқеъҳои асосии методологӣ таъмин карда мешавад, ки имкон медиҳанд муносибати низомӣ-якпорчагӣ ба ҳалли масъала ошкор карда шавад; истифодаи маҷмуи методҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба объект, предмет (мавзӯи), мақсад, фарзия ва вазифаҳои он мувофиқанд татбиқ карда шудааст; натичаҳои мусбати кори озмоишӣ, маҷмӯи коркарди миқдории маълумоти бадастомада бо таҳлили сифатии онҳо муқоиса карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароит / рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; консепсияи рушди таъминоти таълимӣ-методии раванди таълим ва восита таълим, хусусиятҳои махсуси таълим, дар сатҳхои мухталифи таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (фаъолияти озмоишию таҷрибавиимуассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз асоснокунии назариявии ғояҳо ва нуктаҳои асосии масъалаи мавриди омӯзиш; тафсири мафҳуми «ҷуръатнокии»; «ғанигардонии таҷрибаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ», ошкоркунии моҳияти тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули шахсияти мактаббачагони хурдсол; барномаи сохторию амалисозии ғанигардонии таҷрибаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ва асоснокунии шароити педагогии татбиқи самараноки ташкили корҳои тарбияви дар ҷараёни дар ва корҳоиитарбиявӣ дар ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозиии диссертатсия:** муқарарот ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳо, шӯроҳои илмию методӣ, мизи мудаввар, ҷаласаҳои шӯроҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, шуъбаи таҳсилоти томактабии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гардида, мазмуни асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.**

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллифи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ интишор шудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тақризшаванда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми дисертатсия:** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва феҳристи сарчашма ва адабиёт таркиб ёфтааст. Диссертатсия аз 177 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТАРБИЯИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 1.1. Хусусиятҳои махсуси ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Барои дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан, ба мақсад мувофиқ аст, ки заминаҳои ташаккули ин сифати ахлоқӣ на фақат дар синну соли хурди мактабӣ, балки ҳанӯз дар синну соли томактабӣ гузошта шавад. «Тамоми тарзи ҳаёти кӯдаки синни томактабӣ, муошırати ҳаррӯзаи ӯ бо ҳамсолон ва калонсолон, фаъолияти ҳаррӯзаи ӯ барои амалӣ намудани қоидаҳои рафтор ва реҷаи устувор ба тағйиротҳои куллии мақсаднок оварда мерасонад, ки дар ин миён талаботи асосии кӯдак кӯшиши дар ҳаёт мавқеи нави иҷтимоӣ пайдо намудан ва ҳангоми иҷрои фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ ҷойгоҳи нав ишғол намудан ба ҳисоб меравад»

Кӯдакони синни томактабӣ кӯшиш менамоянд, ки ба мафҳуми хуб чисту бад чист сарфаҳм раванд. Дар онҳо хоҳиши фаҳмидани мафҳуми рафтори неку бад пайдо мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми рафторҳои нодурусти рафиқонашонро мушоҳида намудан, дарҳол ба мураббиён, ба падару модарон ва шахсони калонсоли оила хабар мерасонанд. Масалан аз қабили, «Гулрафтор бозичаи Шаҳлоро шикаст», «Саъдӣ ҳангоми бозӣ бозичаҳоро ба ҳар тараф партофт», «Меҳрангез гулҳоро канд». Ба ақидаи олими намоёни соҳаи тарбияи кӯдакони синни томактабӣ М.И. Лисина [104] чунин рафтори кӯдакони синни томактабиро ҳамчун хабаркашӣ ҳисобида намешавад. Кӯдакон амалҳои нодурусти ҳамсолони худро на барои он ба калонсолон мегӯянд, ки рафиқонашонро танбеҳ диҳанд, балки бо мақсади он мегӯянд, ки барои зиракиашон онҳоро таъриф намоянд ва дигарон низ мисли ӯ рафторинамоянд. Ҳамзамон, кӯдакон мехоҳанд фаҳманд, ки

калонсолон рафторҳои хубу бади онҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунанд ва дар баробари ин худи онҳо дар ин ё он ҳолату вазъият чӣ тавр бояд рафтор намоянд.

Кӯдакони синни томактабӣ кӯшиш менамоянд, ки бо шахсони аз худашон калонсолтар робитаи наздик пайдо намоянд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки таҷрибаи рафторҳои ахлоқии худро ғанӣ гардонанд. Бинбар ин, дар давраи охири ҳаёти томактабӣ кӯдакон тавассути таҷрибаи муайяни ҳосилшудаи рафторҳои ахлоқӣ малакаҳои аввалини ҷуръатнокии ахлоқиро аз худ кардан мегирад. Тадриҷан дар кӯдакон хоҳиши «хуб будан» ва рафтори худро ба он мувофиқ кунонидан пайдо мешавад. Аз ин рӯ, кӯдакони синни томактабӣ дар рафтори худ ба калонсолон тақлид менамоянд, то рафторашон мақбули онҳо гардад. Бозӣ, ки фаъолияти асосии кӯдакони синни томактабӣ ба ҳисоб меравад, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки зимни бозӣ дар онҳо сифатҳои ғайратнокӣ, масъулиятшиносӣ, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ ва маҳорату малакаи бо маслиҳати якдигар амал кардан ба вуҷуд меояд.

Аз нуқтаи назари психологҳо кӯдакони синни томактабӣ натанҳо аз ҷиҳати умумӣ инкишоф меёбанд, балки донишҳои ахлоқӣ ва рафтори онҳо низ ташакул меёбад, вале доираи донишҳои ахлоқӣ ва дарки меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ он қадар васеъ нест. «Ҳангоми аз худ намудани арзишҳои ахлоқӣ ҳанӯз ба таври хеле кам муқоисакунӣ ва дарки қоидаҳои ахлоқӣ аз нуқтаи назари мавҷуд будани донишу таҷрибаи ҳаётӣ истифода бурда мешавад. Чунки таҷрибаи ҳаётии кӯдакони синни томактабӣ нокифоя, донишашон номукаммал ва тафаккури интиқодиашон инкишоф наёфта мебошад» [102, с.169].

Ҳангоми ба таври мақсаднок ташкил намудани корҳои тарбиявӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ҷараёни ғанигардонии донишҳои ахлоқӣ самаранок ташаккул ёфта, дар онҳо ҳиссиёти меҳрубонӣ ва суботкорӣ рушд менамоянд, ки ин дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии

онҳо заминаи боэътимод мегузорад. Дар робита ба инкишоф ёфтани хусусиятҳои зикргадида дар кӯдакон маҳорату малакаи мустақилона байни худ тақсим намудани кори супоридашуда, фикри дигаронро ба инобат гирифтан ва дар баъзе ҳолатҳо ба онҳо гузашт кардан ташаккул ёфта, ҳамзамон муносибати онҳо ба рафтори шахсӣ ва рафтори рафиқон пурзӯр мегардад.

Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бошад, ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ аниқсозию санҷиши боз ҳам ҷиддиро тақозо мекунанд. Вобаста ба ин, ба хотири ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар назди омӯзгорон масъалаи ғанигардонии хотира ва тасаввуроти хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташаккули рафторҳои ахлоқии онҳо ва кӯмак кардан дар бошуурона аз худ намудани меъёр ва қоидаҳои асосии ахлоқ гузошта мешавад. Дар синну соли хурди аз худ намудани меъёрҳои ахлоқӣ мутобиқан бо сатҳи болоравии инкишофи маънавии онҳо амалӣ карда мешавад. Мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни бозӣ, фаъолияти таълимӣ ва шаклҳои гуногуни корҳои ҷамъиятӣ донишҳои боз ҳам нави ахлоқиро аз худ мекунанд, ки ин омили муҳимми муайянкунанда дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии онҳо маҳсуб дониста мешавад. Бошуурона дарку аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ ва риоя намудани онҳо дар кору фаъолияти ҳаррӯза яке аз шартҳои асосии инкишофи ахлоқии мактаббачагони хурдсол дониста мешавад.

Мушоҳида ва таҷриба нишон медиҳад, ки мактаббачагони хурдсол зуд сарфаҳм мераванд, ки кадом меъёрҳои ахлоқиро аз худ кардан даркор, то дар мактаб ва хона аз рӯи қоидаи муқарраршуда рафтор ва муносибат намоянд. Синну соли хурди мактабӣ даврае мебошад, ки заминаҳои асосии дӯстиву рафоқат, некдилӣ, боназокатӣ, қарзи инсонӣ, тараҳум, боилтифотӣ, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ, ростгӯию боадолатӣ гузошта мешаванд. Синну соли хурди мактабӣ давраест, ки кӯдакон рафторҳои ахлоқиро зудтар аз худ менамоянд. Онҳо ба супориши омӯзгор ва калонсолон нигоҳ накарда, тибқи гуфтаҳои онҳо

амал менамоянд. Онҳо худашон саъю кӯшиш менамоянд, ки ба рафторҳои ҳамдигар таъсир расонанд. Масалан, агар яке аз онҳо ҳангоми навбатдорӣ гулҳои синфро нодуруст об дода бошад, аз ӯ талаб менамоянд, ки бори дигар ин амалро анҷом диҳад, чунки онҳо ҳангоми навбатдориашон ин амалро хубтар иҷро карда буданд. Ҳангоми дастаҷаъмона тоза намудани синф агар яке аз ҳамсинфон супоришро ба пуррагӣ анҷом надода, рафтанӣ шавад, ҳамсинфон аз ӯ талаб менамоянд, ки супоришро то ба охир хушсифат ба анҷом расонад. Ба ҳамин монанд, агар яке аз ҳамсинфон дар вақти дарс китобро сахт-сахт варақ гардонад, ҳамон лаҳза аз ӯ талаб менамоянд, ки ин корро дигар такрор нанамоянд, таъкиди муаллимро ба хотир меоранд, ки агар китобро сахт варақ занем, дариданаш мумкин асмт. Албатта, ин ҷо бояд таъкид намуд, ки ин аз ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон шаҳодат медиҳад. Барои ин амал ҷуръатнокӣ лозим аст.

Ворид шудан ба ҷараёни таълим ва ба таври фаъол иштирок кардан дар он аз мактаббачагони хурдсол ташкилотчигӣ, риояи низоми таълимро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ дар ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии онҳо аҳамияти ҳалкунандаро мебозад. Таълим ва иҷрои корҳои ҷамъиятӣ низ дар аз худ намудани донишҳои нав дар бораи атрофиён, қонуну қодаҳои рафтор ба хонандагон мусоидат мекунанд. Барои боз ҳам васеъ намудани тасаввуроти мактаббачагони хурдсол оид ба  қонуну қоидаҳои ахлоқ онҳоро лозим аст, ки як миқдори муайяни донишҳои ахлоқиро ҳануз дар давраи томактабӣ дар хотираи худ захира кунанд, то дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш онро истифода карда тавонанд. «Барои он ки кӯдак ба фикр кардан оғоз намояд, дар назди ӯ иҷрои ягон кори навро гузоштан лозим, то ки ҳангоми иҷрои ин кор вобаста ба шароити нав ӯ аз донишҳои ахлоқии захиракардаи хеш истифода намояд»,-таъкид кардааст А.В. Запорожетс [72, с.137].

Дар ҳақиқат, давоми 4 сол дар натиҷаи хуб ташкил намудани корҳои тарбиявӣ дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол пешрафтҳои сифатан навро дар кору рафтори онҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Таҳлили ҷараёни ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол имкон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии ин ҷараён таҳлилу ҷамъбаст карда шаванд. Яке аз масъалаҳои мураккаби ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз он иборат аст, ки бештари онҳо аз сабаби надонистани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ рафторҳои нодуруст содир мекунанд. «Барои он ки мактаббачаи хурдсол рафтори дурусти ахлоқиро интихоб намояд, дар ӯ ҳанӯз донишҳои ахлоқӣ кифоягӣ намекунанд. Вақте калонсолон рафтори нодурусти кӯдаконро дида, эрод мегиранд, онҳо барои худро ҳақ шуморидан мегӯянд, ки аз надонистан чунин рафтор кардаанд» [72,с.5]. Тибқи мушоҳидаи мо мактаббачагони хурдсол ҳанӯз ба таври кофӣ мазмуни қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ пурра дарк карда наметавонанд. Ба назари мо ин аз он сабабаб рух медиҳад, ки таҷриба ҳаётии мактаббачагони хурдсол маҳдуд аст ё дар онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ба қадри даркорӣ ташаккул наёфтааст аз ин, маҳдудияти таҷрибаи ҳаётӣ интихоби ҳар гуна рафторҳои ахлоқиро душвор мегардонад, гарчанде кӯдакон тибқи дастури калонсолон амал мекунанд. Чӣ тавре ки таҳқиқотчии масъалаи тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол, муҳаққиқи тоҷик Ф. Гулмадов қайд менамоянд, аҳамияти дарки шуурнокии меъёрҳои ахлоқӣ барои он хеле муҳим аст, ки онҳо тасаввуроти хонандагонро дар бораи қоида, меъёр ва усулҳои ахлоқи шоиста боз ҳам бою ғанӣ мегардонанд. Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз худ намудани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ дар интихоби рафтори дурусти ахлоқӣ аҳамияти хеле муҳим дорад. [63, с. 47].

Бинобар ин, Вале аз рӯи таҷрибаҳои ҳаётии андӯхташуда ва ғанӣ шудани донишу меъёрҳои ахлоқӣ мактаббачагони хурдсол аллакай

шароитҳои аз худ намудани амалҳои иҷтимоии аҳамиятнокро аз худ карда, оҳиста-оҳиста дар онҳо вобаста ба вазъияти баамаломада имкониятҳои қабули қарорҳои имконпазир ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, азхудкунии меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачаи хурдсол такмил ёфтан мегирад, ки ин ба худруштдиҳӣ ва худтакмилдиҳии онҳо мусоидат намуда, дараҷаи тарбиянокии ахлоқии онҳоро мустаҳкам мегардонад. Вобаста ба ин, академик М. Лутфуллозода менависанд: «Агар қоидаҳо ва дастурҳои динӣ тиллоӣ бошанд, тарбия зимни онҳо болотар аз тиллост: тарбия, ки мақсаднок шуд, ҳам тилло ба даст меояд, ҳам зару зевари дигар. Муҳимтар ва самараноктар ҳамин аст, ки аз ин қоидаҳо дуруст истифода барем. Ҳам худамон, ҳам фарзандонамон ва умуман, аҳли башар дар рӯҳияи он тарбия ёбем» [109, с. 17].

Қоидаҳои ахлоқиро бошад, макткббачаи хурдсол аз муаллимону мураббиён, муҳити атроф ва вазъияти муайяне, ки ӯ ҳаёт ба сар мебарад, меомӯзад. Ба шарофати таҷрибаи ҳаётӣ хонандагон тадриҷан монеаҳоро бартараф намуда, рафторҳои хуби ахлоқиро анҷом медиҳад. Рафторҳои хуби ахлоқии инсон ба он вобастагӣ дорад, ки ӯ чӣ қадар таҷрибаи ҳаётиро дар тӯли зиндагии хеш аз худ намудааст. Таҷрибаи ғуншудаи ахлоқӣ бе шубҳа дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ёрии калон мерасонад. Агар шахс итаҷрибаи муайяни ҳаёти надошта бошад, дар иҷрои ин ё он амал беҷуръатӣ менамояд, чунки ӯ ба худ боварӣ ва эътимод надорад, қавиирода нест. Таҷрибаи ҳосилшудаи ҳаётӣ имкон медиҳад, ки дар мактаббачагони хурдсол раванди аз худ намудани меъёрҳои ахлоқӣ ва қонуну қоидаҳои рафтор ба маротиб афзоиш ёбад, ки ин дар ғанӣ гардидани таҷрибаи ахлоқии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар охири соли чоруми таҳсил дар мактаббачагони хурдсол малакаи боз ҳам ташаккул ёфтани донишҳои ахлоқӣ мушоҳида гардида, тасаввурот ва андешарониашон инкишоф ёфта, хусусияти гуногунҷабҳаро касб менамоянд. Агар таҷрибаи ахлоқии хонандагони

синфҳои якуму дуюм дар асоси таҷрибаи шахсии худи онҳо ва дар асоси тақлид намудан ба рафтору кирдори муаллимон ва падару модаронашон андӯхта шавад, хонандагони синфҳои сеюму чорум бошанд, аллакай кӯшиш менамоянд, ки таҷрибаи атрофиёнро таҳлилу баррасӣ намоянд. Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол дар раванди вазъияту ҳолатҳои гуногуни бамиёномада низ бой мегардад.

Психологи намоёни давраи шӯравӣ Б.Г. Ананев чунин менависад: «Ҳаёти инсон ҳамчун таърихи шахсият дар марҳалаи муайяни таърихӣ ва монанди таърихи ташаккули кору фаъолияти он дар ҷомеа ва корҳои ҷамъиятӣ дар вазъиятҳои муайян ба масъалаҳои нави ҳаётӣ мубаддал мегардад. Бешубҳа, инсон як андоза ҳолатеро дар худ қабул мекунад, ки дар вазъиятҳои  муайян ҳаёт ӯро ба ин водор месозад» [12, с.161].

Бояд зикр намуд, ки ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар сурате бомуваффақият ташаккул меёбанд, ки рафтори одамонеро, ки мушоҳида менамоянд, ба таҷрибаи ҳаётии онҳо наздик бошад. Бинобар ин, таҷрибаи ахлоқии мактаббачагони хурдсол одатан дар асоси таҷрибаи одамони  дигар андӯхта мешавад. Мутобиқ ба ин, кӯдак ҳамеша рафтору кирдорҳои худро бо рафтори дигарон муқоиса намуда, дар такя ба рафторҳои намунавӣ амалу рафтори хешро такмил медиҳад. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби психолог А.А. Люблинская мебошад, ки қайд менамояд: «Ҳар қадаре ки мактаббачагони хурдсол мавқеи нодуруст ё бетарафиро ишғол намоянд ва ҳодисаҳои таҳлилнамуда аз ҳаёти амалии онҳо дур бошанд, ҳамон қадар мураккабию сарбаста будани ҷиҳати ахлоқии ҳодисаи мазкур аён мегардад» [106, с. 402].

Дар баъзе ҳолатҳо кӯдакон наметавонанд рафторҳои дурустро анҷом диҳанд, зеро онҳо пештар ба чунин рафторҳо дучор нагардида буданд ё ин ки дар рафтори одамони калонсол ва ҳамсолон чунин амалро мушоҳида накардаанд. Ё ин ки рафторҳои нодурусти дигарон ба

онҳо таъсири манфӣ расонидааст. Масалан, мактаббачаи хурдсол дар кӯча ба одамони калонсол салои намедиҳад, ё дар нақлиёти ҷамъиятӣ ба калонсолон ҷой намедиҳад. Ба саволи он ки: «Чаро ба ҳамаи одамони калонсол салом намедиҳӣ?» чунин ҷавоб медиҳад: «Ман онҳоро намешиносам, ё ин ки ӯ мегӯяд, ки ман ҳамеша бо модарам нишаста меравам». Ҷавоби мактаббачаи хурдсол аз он гӯвоҳӣ медиҳад, ки аввалан, ӯ рафтори нодурусти худро пай намебарад ва сониян падару модар ё омӯзгорон ӯро водор накардаанд, ки шахсони аз худ калонсолро салом диҳанд ва дар нақлиёти ҷамъиятӣ ҷой диҳад. Шояд ин камбудӣ аз он гувоҳӣ диҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз беҷуръатӣ ё шармгинӣ ин амалро иҷро намекунанд.

Олими намоён В.А. Сухомлинский дар китоби худ «Педагогика барои падару модарон» дар ин бора фикру андешаи ҷолиб баён намудааст. Ӯ аз таҷрибаи педагогии худ даҳҳо мисол меорад, ки дар онҳо усулҳои тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ равшан шарҳу эзоҳ дода шудаст. Дар яке аз онҳо сухан дар бораи зани танҳое меравад, ки писари худро хуб тарбия карда, ӯро ба роҳи рост ҳидоят намудааст. Ҳамчунин он зан дар писараш ҳисси инсондӯстӣ ва таваҷҷӯҳ ба инсонро содиқона тарбия намудааст [160, с. 27].

Норасоии таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он вобаста аст, ки теъдоди бештари онҳо бинобар нарасидани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар оила ба воя мерасанд. Ҳамзамон, бинобар сабаби ба корҳои давлатию рӯзғор банд будани падару модарон онҳо кам вақт мeёбанд, ки бо фарзандонашон дарси одобу ахлоқро омӯзонанд. (масалан, ташкил намудани хондани китобчаҳои бачагона аз ҷониби кӯдакон, нақл намудани афсона, гуфтани қиссаю чистон ва ғайра) Албатта, як қисми кӯдакон дар боғчаи бачагон тарбия мегиранд, вале дар шароити деҳот танҳо боғчаҳои мавсимӣ амал мекунанд, ки теъдодашон хеле каманд. Ҳамаи ин боиси норасоии таҷрибаи ҳаётии кӯдакон ва сабаби фарқият миёни донишҳои ахлоқии

азхудкардашуда ва рафтори онҳо мегардад. Дар робита ба ин масъала омӯзгорону падару модаронро лозим аст, ки мактаббачагони хурдсолро ба хотири васеъ намудани таҷрибаи ҳаётиашон бештар ба шаклҳои гуногуни фаъолияти коллективона ва иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар хона ҷалб намоянд.

Барои ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол корҳои тарбиявиро бояд тавре ба роҳ монд, ки кӯдакон таҷрибаи рафторҳои ахлоқиро на фақат тавассути иттилоот аз калонсолон андӯзанд, балки тавассути иштирок дар корҳои коллективона ва рафторҳои намунавии калонсолон низ ба даст оранд.

Ҳақиқти бебаҳс аст, ки дар баъзе ҳолатҳо рафторҳои бешууронаи мактаббачагони хурдсол аз камтаҷрибагии онҳо рух медиҳад. Масалан, вақте ки хонандаи синфҳои ибтидоӣ бо рафиқаш ба кӯча мебарояд, баногоҳ дар роҳ кӯдаки хурдсолеро мебинанд, ки танҳо асту мегиряд. Яке аз рафиқон сабабаби гиряи кӯдакро мепурсад ва мехоҳад ба ӯ кӯмак расонад, вале рафиқаш мегӯяд, «э, биё рафтем, охир ту уро намешиносику». Дар ин ҷо сабаб дар он аст, ки ба рафиқи мактаббача чунин амалҳои некро то ҳанӯз ба ӯ наомӯзонидаанд ва ё ба ин ҳодисаҳо аҳён-аҳён вохурдааст, ё чунин рафторро надидаасту нашунидааст. Психологи маъруф С.Л. Рубинштейн чунин менависад: «Инсон дар дараҷаи баланд шахсият аст, ки дар ӯ ҳадди ақал бетарафӣ, бетафовутӣ ва дар дараҷаи зиёдтар маънавият нисбат ба ҳамаи зуҳуроти аҳамияти ҷамъиятидошта мавҷуд аст. Бинобар ин, барои инсон ҳамчун шахсият шуур дар баробари аҳамияти бунёдӣ доштан, ҳамчунин чун муносибат низ аҳамият дорад. Бидуни шуурнокӣ, бидуни қобилияти бошуурона ишғол намудани мавқеи муайян, шахсият вуҷуд дошта наметавонад» [151, с. 312]. Бинобар ин, ғанӣ гардонидани таҷрибаи ахлоқии мусбат ва дар ин асос дарк намудани рафторҳои бошуурона барои интихоби дурусти рафтор барои мактаббачагони хурдсол ниҳоят зарур аст.

Як хусусияти хоси кӯдакони синни хурди мактабӣ ин тақлид намудан ба рафтори каклонсолон мебошад, ки дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии онҳо мавқеи махсусро ишғол менамояд. Бинобар ин, тақлидкорӣ дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар зери таъсири тақлидкорӣ на танҳо маҳорату малакаи иҷрои ин ё он фаъолият, балки тарзи рафторҳои шоистаи ахлоқӣ низ ташаккул меёбанд. Мувофиқи таҳқиқотҳои психологҳо маълум гардидааст, ки ҳатто кӯдакони аз яксола боло ба рафтори калонсолон тақлид менамоянд. Дар охири давраи томактабӣ тавассути муносибат бо ҳамсолону калонсолон ва иштирок дар корҳои гуногуни ҷамъиятӣ кӯдакон баъзе қонуну қоида ва меъёрҳои ахлоқиро аз худ менамоянд. Ҳангоми муносибат бо калонсолон кӯдакон рафтору гуфтори онҳоро дар амалҳои худ такрор мекунанд. Ин ҷо муҳим он аст, ки кӯдакон рафторҳои хубу шоистаи калонсолонро тақлид намояд. Дар робита ба ин масъала, муносибат ва рафтору гуфтори аъзоёни калонсоли оила, махсусан, омӯзгор барои кӯдакон бояд дар ҷои аввал қарор гирад. Сарфи назар аз он ки муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, коллеҷу макотиби олӣ, коллективҳои меҳнатӣ, яъне муҳите, ки дар он ҳаёти инсон бевосита идома меёбаду ба ӯ таъсир мерасонад, ҳеҷ яке аз онҳо дар якҷоягӣ наметавонанд ҷойи оиларо иваз намоянд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон дар баъзе ҳолатҳо рафтору гуфтори нодурусти шахсони калонсоли оиларо тақлид менамоянд. Масалан, дағалиро, ки мактаббачаи хурдсол аз оила омӯхтааст, ин амалро бо ҳамсоли худ раво мебинад ва намехоҳад, ки бо ӯ муросо кунад, вақте ки инро вазъият тақозо менамояд. Дар баъзе чунин амали кӯдакон ба рафторҳои номатлуби падар дар оила сабаб мегардад. Ҳанӯз педагоги барҷастаи рус А.С. Макаренко қувваи бузурги тарбиявии рафтори падару модаронро қайд намуда, таъкид намуда буд, ки дар баъзе ҳолатҳо падару модарон фаромӯш месозанд, ки бо ҳар як

рафтор, сухан ва амали хеш ба кӯдакон ҳамчун мисоли аёнии тақлидкунӣ таъсир мерасонанд. Ӯ чунин мешуморид, ки ҳаёти ҳаррӯза, муносибати ҳамарӯза бо падару модар аз бисёр ҷиҳат самтнокии аз худ намудани қонуну қоида ва меъёрҳои донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсолро муайян месозад.

Одатҳои бади кӯдакон худ аз  худ пайдо намешаванд. Агар кӯдакон ягон рафтори нодуруст содир кунанд, ё худ дар вақти суханронӣ суханҳои қабеҳро истифода баранд, падару модарон ҳайрон мешаванд, ки онҳо инро аз куҷо ёд гирифтанд. Вале падару модарон баъзан фаромӯш мекунанд, ки худи онҳо бо ҳамсояҳо чунин рафтор намудаанд, кӯдакон бошанд, танҳо онҳоро такрор менамоянду халос. Ба ибораи дигар гӯем, роҳи тайнамудаи ҳаёти кӯдак ин ҳамон роҳи тайкардаи падару модарон мебошад. Аз ҷониби дигар кудакон аз кӯча низ рафтору гуфтори қабеҳро нусхабардорӣ менамоянд.

Як нуктаро бояд таъкид намуд, ки ҳангоми муомила бо кӯдакон ҳеҷ гоҳ ба шахсияти кӯдакон таъсири бад трасонидан даркор нест. Бигузор дар назди падару мода ва омӯзгор бача сухан ва мақсаду маромашро озодона баёни намояд. Ҳатто, аз фишоровариии аз ҳад зиёд дар баъзе оилаҳо кӯдакон бо падари худ озодона сухан карда наметавонанд. Дар ин маврид бачаҳо хоҳиши худро ба воситаи модарашон ба падар мерасонанд. Падар бошад, бо як қаноатмандии ба худ хос мегӯяд: «фарзандони ман ҷуръат намекунанд, ки рӯирост бо ман фикрашонро гӯянд, алоқачӣ завҷаам ба ҳисоб меравад». Онҳо ҳатто аз ин амалашон ифтихор мекунанд. Маълум аст, ки дар чунин оилаҳо кӯдакон беирода ва беҷуръат ба воя мерасанд.

Яке аз хусусиятҳои дигари ташаккул ҷуръатнокии ахлоқӣ дар рафтори мактаббачагони хурдсол ин ба қадри даркорӣ инкишоф наёфтани тафаккури интиқодии онҳо ба ҳисоб меравад, ки ба дарки яктарафаи меъёрҳои ахлоқӣ оварда мерасонад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар натиҷаи мунтазам ташкил намудани корҳои гуногуни тарбиявӣ тафаккури интиқодии мактаббачагони хурдсол тадриҷан ташаккул ёфта, минбаъд донишҳои худро дар бораи муҳити атроф ва мафҳумҳои ахлоқӣ ба танзим даровардан мегиранд. Новобаста аз он ки синну соли хурди мактабӣ давраи ба таври самаранок аз худ намудани қоида ва меъёрҳои аҳлоқӣ ба ҳисоб меравад, бо вуҷуди ин на ҳамаи кӯдакон ва на ҳамеша тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои аҳлоқӣ рафтор менамоянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ҳанӯз ба таври мукаммал мафҳумҳои умумӣ ва пурраи ахлоқро аз худ накардаанд. Онҳо қисман асосҳои тавсифи коллектив, дӯстиву рафоқат ва ёрии рафиқонаи байниҳамдигариро дар фаъолияти коллективона дарк кардаанду халос.

Надоштани тасаввуроти кофӣ оид ба қоида ва рафторҳои ахлоқӣ ба мактаббачагони хурдсол имкон намедиҳад, ки нишонаҳои асосии рафторҳои қобили қабулро аз номатлуб фарқ кунанд ва ба рафтору кирдори худ аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо диҳанд.

Ҳамин таавр, «хонандагони синфҳои 1-2 дар бораи вазъияти баамаломада ҳамеша яктарафа баҳо медиҳанд. Онҳо бештар нишонаҳои ягонаи берунаро мадди назар мегиранд». [26, с. 88-89]. Мактаббачагони хурдсол ҳангоми таҳлили вазъияти гуногуни бамиёномада ба якдигар алоқаманд будани рафторҳои ахлоқиро пай намебаранд. Онҳо диққати худро танҳо ба як далел равона месозанд. Дар робита ба ин масъала, оид ба азхудкунии қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ дар як қисми хонандагон мулоҳиза ва нуқтаи назари нодуруст ба миён меояд, чунки хусусиятҳои фарққунандаи мактаббачагони хурдсол ин росткориву беғаразии онҳост. Масалан, мактаббачаи хурдсол медонад, ки ба калонсолон салом додан лозим, вале махсусан, хонандагони синфи якум танҳо ба ҳамсоя ва шиносҳои худ салом медиҳанд. Дар ин ҷо гуфтан лозим аст, ки гарчанде дар мактаббачагони хурдсол мафҳумҳои ахлоқӣ ташаккул ёфта бошанд ҳам, вале ин ҳануз дар шакли «номукаммал» қарор дорад [94, с.88].

Мисоли дигар: Мактаббачаи хурдсол мебинад, ки хонандае мизи синфро хат мекашад. Омӯзгор аз ӯ мепурсад, ки чаро ба ин кори ӯ монеъ нашудӣ, ӯ дар ҷавоб мегӯяд: «Вай аз синфи мо нест, бигузор омӯзгор ӯро сарзаниш кунанд». Ин аз як тараф аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз доираи фаҳмиш ва андешаронии мактаббачагони хурдсол аз нуқтаи назари танқидӣ нест, ё ин ки ӯ аз беҷуръатӣ пеши роҳи рафтори нодурусти он хонандаро нагирифтааст. Ислоҳ намудани чунин камбудиҳо ҳамон вақт имкон медиҳад, ки агар ҳарчӣ бештар хонандагон ба корҳои гуногуни ҷамъиятиву коллективона, якҷо хондану таҳлил намудани ҳикоя ва қиссаҳои тарбиявӣ ҷалб карда шаванд ва ба таври аёнӣ ба онҳо қоида ва рафторҳои ахлоқӣ фаҳмонида шавад. Инчунин масъалаи муҳим ин бартараф намудани донишҳои яклаҳзаинаи мактаббачагони хурдсол оид ба қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, ки ин дар ғанӣ гардидани таҷрибаи ҳаётӣ, баҳои воқеӣ дода тавонистан ба рафтору кирдори рафиқони худ ва қаҳрамонони асарҳои бадеӣ на аз рӯи як хусусият, балки аз рӯи хусусиятҳои умумии шахсият ёрии калон мерасонад.

Хусусияти дигари ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар он зоҳир меёбад, ки онҳо ба вазъияти баамаломада на ҳамеша сарфаҳм мераванд, хусусан дар ҳамон ҳолатҳое, ки бархурди меъёрҳои ахлоқӣ ба миён ояд. Раванди ташаккули ягонагии донишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба он вобастагӣ дорад, ки оё онҳо метавонанд ин ё он меъёрҳои ахлоқиро фарқ ва ё дарк намоянд. Ин раванд бештар ҳангоми мустақилона интихоб намудани рафторҳои ахлоқӣ зоҳир мешавад. Махсусан, дар ҳамин ҳолат мактаббачагони хурдсол ба дарк намудан ва фарқ кардани рафторҳои хеш ва муқоиса намудани рафторҳои рафиқонашон шурӯъ менамоянд.

Дар раванди ҳаёт ва кору фаъолияти худ мактаббачагони хурдсол ба бисёр душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва онҳо бояд тибқи донишҳои ахлоқии азхудкардаашон ин душвориҳоро паси сар намоянд. Дар ин бора олимон О.С. Богдонова ва О.Д. Калинина қайд менамоянд, ки

«фаровонии иттилоот дар бораи қонуну қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ ба мактаббачагони хурдсол имкон намедиҳад, ки онҳо масъалаҳои ба миён омадаро дар ҳама ҳолат мустақилона ҳал намоянд» [25, с.116]. Гарчанде мактаббачагони хурдсол ба қадри имкон меъёрҳои аҳлоқиро дарк карда тавонанд ҳам, вале ба таври кофӣ дар рафторҳои амалии хеш онҳоро истифода намебаранд. Тавре психолог В.В. Давидов қайд менамояд, «мафҳум ҳамон вақт зуҳур меёбад, ки агар як қатор омилҳо ва нишонаҳо аз нав таҳлилу ҷамъбаст карда шаванд» [68, с.191].

Тавре мушоҳидаҳо нишон доданд, мактаббачагони хурдсол ҳанӯз аз омилҳои бисёр, омилҳои асосиву пешбарро фарқ карда наметавонанд. Масалан, омӯзгор ба муносибати «Рӯзи Модарон» ба хонандагон супориш медиҳад, ки барои собиқадорони меҳнат табрикнома омода намоянд. Вақте ки табрикномаҳоро меоранд, мактаббачаи хурдсол пай мебарад, ки табрикномаи рафиқашро бародар ва ё модараш барои ӯ омода кардааст. Дар ин сурат ӯ ин амалро маҳкум менамояд, вале ҳангоме ки барои худаш табрикномаро бародар ва хоҳари калонаш тайёр кардаанду аз ҷониби муаллим мавриди тавсифу таҳсин қарор мегирад, ӯ барои ин амал худро фиребгар намеҳисобад ва таърифу тавсифи муаллимро хуш қабул мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мактаббачагони хурдсол ҳанӯз рафторҳои хешро аз нигоҳи танқидӣ баҳодиҳӣ карда наметавонанд.

Дар наврасон, махсусан хонандагони синни калони мактабӣ қобилияти баҳодиҳӣ ба рафтори хеш ва серталаб будан нисбат ба худ мушоҳида карда мешавад. Ҳамаи ин ба наврасону хонандагони синни калони мактабӣ имконият медиҳад, ки мустақилона дар ин ё он ҳолату вазъияти муайян рафтори дурусти ахлоқиро интихоб намоянд. Дар хонандагони синни хурди мактабӣ бошад, нишонаҳои худшиносию худтарбиякунӣ ва худбаҳодиҳи акнун дар давраи зуҳур кардан аст.

Душвории интихоби рафтори дурусти ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар он зоҳир меёбад, ки онҳо ҳануз ба пуррагӣ камбудии

кирдори худро дарк карда наметавонанд. Ҳамаи ин боис мегардад, ки ҳангоми интихоби рафтори дурусти ахлоқӣ мактаббачагони хурдсол душворӣ мекашанд, ё аз беҷуръатӣ амалҳои шоистаро анҷом дода наметавонанд. Барои тасдиқи ин фикр як вазъияти тарбиявии шифоҳиро (як ҳикояи хусусияти проблемавидошта интихоб карда шуд), ки барои хонандагони синфи 2-юм пешниҳод гардидааст, пешкаш менамоем. Дар рафти таҳлили вазъияти тарбиявии шифоҳӣ зуҳуроти ёрии рафиқонаи байниҳамдигарии хонандагон ошкор карда шуд (шумораи хонандагон 33 нафар). Мазмуни ҳикоя чунин аст:

Барои мисол мо фикру андешаи хонандагони синфи сеюми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Данғараро дар бораи ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ меорем. Барои фаҳмидани андешаҳои хонандагон дар бораи ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ вазъияти тарбиявии шифоҳӣ интихоб ва истифода бурда шуд. Мазмуни ҳикоя аз ҷониби омӯзгор то охир хонда нашуд ва ба хонандагон пешниҳод карда шуд, ки фикру мулоҳизаҳои худро иброз намоянд. Мазмуни ҳикоя чунин буд:

Се нафар ҷӯраҳо баъди дарс хона мерафтанд: Қурбон, Мирзо ва Сайфулло. Дар роҳ онҳо байни ҳамдигар маслиҳат мекунанд, ки хӯроки нисфирӯзӣ хӯрда, баъд баромада, туббозӣ мекунанд. Ҳамин тавр, онҳо аз якдигар ҷудо шуда, ба хонаҳояшон мераванд.

Баъди хӯрокхӯрӣ Мирзо ва Қурбон ба хонаи Сайфуллоино омада, ӯро ба бозӣ даъват мекунанд. Қурбон дар ҷавоб мегӯяд, ки ҳангоми дар мактаб будани ман барои мо ҳезум оварданд ва ман бояд ба модарам ёрӣ расонам, то ки ҳезумро баҳезумхон барем.

– А-а-а - мад кашида мегӯяд Мирзо.

– Ҳамин хел мегуфтӣ, ки кор дорӣ. Мо туро дер боз интизор шудем, танҳо вақтамон беҳуда рафт, – норозиёна гуфт Мирзо.

– Ҳамеша ту ягон коре дорӣ, – гуфт Қурбон.

– Охир ҳезумро дар набудани ман овардаанд, ман хабар надоштам, – мегӯяд  Карим ва ба хона медарояд.

Омӯзгор каме ором шуда, аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки поёни ин ҳикояро ба охир расонанд ва доир ба масъалаи мазкур андешаи худро иброз намоянд.

Таҳлили ҷавобҳои хонандагон нишон дод, ки 45%-и онҳо иброз намуданд, ки аввал бояд Сайфулло бо рафиқонаш бозӣ мекард, баъд  ба модараш ёрӣ мерасонд. Агар ӯ ин корро то бегоҳ анҷом дода наметавонист, пас, пагоҳ онро ба охир мерасонд. 35%-и хонандагон иброз намуданд, ки ҳезумро бояд худи Сайфулло мекашонд. Танҳо 20%-и хонандагон  ҷавоб доданд, ки Қурбон ҳезумро танҳо  худаш  кашонида наметавонист, аз ин рӯ бояд дӯстонаш ба ӯ кумак менамуданд.

Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, хонандагони синфҳои ибтидоӣ чӣ дар  ҳолати тахайюл ва чӣ дар вазъияти воқеӣ интихоби дурусти рафтори ахлоқиро дуруст дарк  карда наметавонандд. Дар бисёр ҳолатҳо хонандагон ин ё он рафтори нодурустро содир намуда, оқибати онро дарк наменамоянд ва рафторҳои дурусту нодурусти худро аз якдигар фарқ карда наметавонанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мактаббачаи хурдсол барои дар амал татбиқ намудани донишҳои ахлоқӣ устувор нестанд. Донишҳои ахлоқӣ ҳамон вақт устувор азхудкардашуда ҳисобида мешаванд, ки агар кӯдакон зарурияти дар рафторҳои амалии худ истифода бурдани ин гуна донишу рафторҳои ахлоқиро ҳама вақт дарк намоянд. Вобаста ба ин зарур аст, ки дар ниҳоди кӯдакон аз синни хурдӣ ақида ва эътиқоди ахлоқии устувор ва дар ин замина малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул дода шавад.

Тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ,  азхуд намудани донишҳои ахлоқӣ ва риоя намудани онҳо дар рафторҳои амалии хеш раванди мураккаб мебошад. Як сабаби мувофиқат накардани рафтори мактаббачагони хурдсол ба қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ, ин аз ҷониби онҳо ноустувор аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ мебошад.

Чи тавре дар боло зикр шуд, сабаби асосии ноустувор аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагони хурдсол ин ба маҳдуд будани таҷрибаи ҳаётии онҳо вобаста аст. Бинобар ин, «дар бораи устувории ҳақиқии ахлоқи мактаббачагони хурдсол сухан гуфтан барвақт аст. Баъзе аз қоидаҳои ахлоқиро онҳо дар зери таъсири калонсолон аз худ мекунанд, гарчанде ки рӯякӣ ва чандон ноустувор бошанд. Чунин тарзи азхудкунии меъёрҳои ахлоқӣ ба карахтии муайяни рафтор мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, ин барои «бӯҳрон»-иояндаи ахлоқии наврасон, ки устуворшавии зеҳн ва зиёдшавии таҷрибаи ҳаётӣ ба мухолифатҳои беруна  ва донишҳои ахлоқии ба таври ноустувор азхудкардашуда дучор мегардад, замина ба вуҷуд меорад» [171, с.202].

Яке аз сабабҳои дигари тибқи донишҳои ахлоқии азхудкардашуда рафтор накардани мактаббачагони хурдсол, ин ба таври мунтазам дар хотир нагирифтани меъёрҳои рафторҳои ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, хонанда дар мактаб қоидаҳои рафторро риоя менамояд, вале дар муҳити хонаводагӣ, ҳамсолон ва ҷойҳои ҷамъиятӣ тамоман дигар хел рафтор менамояд. Чунин ҳолат низ ба мушоҳида мерасад, ки кӯдак аз тарси сарзаниши омӯзгор рафтори хуб менамояд, ки ин ба беҷуръатӣ оварда мерасонад. Агар қоидаҳои рафторҳои ахлоқӣ тибқи фишоровари азхуд карда шаванд,  кӯдак мувофиқи  онҳо амал намудан мегирад, вале ӯ ҳеҷ гоҳ майли бошуурона рафтор намуданро намекунад.

Аз нуқтаи назари он ки мактаббачаи хурдсол бештар аз рӯи тахайюл андешаронӣ менамояд, қисми зиёди донишҳои ахлоқии ӯ ба рафтору кирдорҳои ҳамсолону калонсолон вобастагӣ дорад. Рафторҳои дурусти ҳамсинфон дар ҳолатҳои муайян дигаронро рӯҳбаланд мегардонад ва онҳо чунин рафторҳои дурустро такрор намуда, дар як вақт онҳоро ташаккул медиҳанд, вале хонанда танҳо рафтори дурусти ҳамсинфон ва калонсолонро пайравӣ намекунад. Масалан, агар ҳамсинфаш ба шанбегӣ ҳозир нашавад, ӯ низ намеравад. Агар яке аз ҳамсинфон корро ба анҷом нарасонида партофта равад, ӯ низ корро қатъ

менамояд. Касе ба паррандаҳо санг партояд, ӯ низ чунин рафторро пайравӣ мекунад. Ин қабил мисолҳо бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки донишҳои ахлоқии азхуднамудаи мактаббачагони хурдсол ҳанӯз ба рафтори шахсии онҳо табдил наёфтаанд.

Хусусияти дигари пурра ташаккул наёфтани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии актаббачагони хурдсолро ин ба норасоии қобилияти иродавии онҳо вобастагӣ дорад. Барои малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии актаббачагони хурдсол ҳанӯз андеша ва эътиқоди пешқадам доштан нокифоя аст. Аз худ намудани донишу рафторҳои ахлоқӣ ба зеҳни инсон низ алоқамандӣ дошта, бештар ба шуур, ҳиссиёт ва сифатҳои иродавӣ вобастагии зич доранд.

Мавҷуд будани қобилияти иродавӣ дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Ин дар он зоҳир меёбад, ки инсон то кадом андоза рафтори худро идора карда метавонад, чӣ гуна душвориҳои пешорӯ омадаро паси сар карда метавонад ва ниҳоят ӯ чӣ гуна ба мақсад расида метавонад. Иродаи инсон, ки барои паси сар кардани монеаҳо ба хотири худрушдиҳӣ ва худтарбиякунӣ мавқеи муҳимро касб мекунад, имкон медиҳад, ки ӯ ба рафторҳои дурусти ахлоқӣ пайравӣ намояд, ки бе шубҳа ба қобилиятҳои иродавӣ вобастагӣ дорад.

Наврасон, махсусан, хонандагони синфҳои болоӣ қобилияти фарқ кардани қавииродагӣ аз якравиро доранд. Дар ин синну сол онҳо аллакай иродаи худро обутоб медиҳанд, рафтори худро бо донишҳои ахлоқии бадастоварда қиёс мекунанд ва ба рафтори худу дигарон аз нигоҳи танқидӣ баҳо медиҳанд. Сифатҳои иродавӣ дар мактаббачагони хурдсол бошад, акнун зуҳур меёбанд. Дар вақташ иҷро накардани вазифаи хонагӣ, кори саркардаро то ба охир нарасонидан, ба рафиқ ёрӣ нарасонидан, якравӣ - ҳамаи ин ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ халал ворид месозад.

Бинобар сабаби инкишофи нокифояи ахлоқӣ мактаббачагони хурдсол наметавонанд қувваи иродавии хешро барои ба даст овардани мақсадҳои муҳим равона созанд. Масалан, мактаббачаи хурдсол хуб дарк менамояд, ки аввал вазифаи хонагиро тайёр ва баъд бо рафиқон бозӣ кардан даркор. Илова бар ин, ӯ ба падару модари худ ваъда медиҳад, ки вазифаи хонагиашро сари вақт иҷро менамояд, вале бо дидани рафиқон ҳама чизро фаромӯш карда, ба бозӣ машғул мешавад. Вақти муайяне мегузарад, вале ӯ аз бозӣ ҷудо шуда наметавонад. Дар натиҷа, хаста шуда омада, вазифаи хонагиашро дар вақташ иҷро карда наметавонад.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии актаббачагони хурдсол аз бисёр ҷиҳат ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқӣ вобастагӣ дорад. «Ҳиссиёти инсон, махсусан, ҳиссиёти ахлоқии ӯ беғаразона аст, онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун системаи интихоби мураккаб хизмат менамоянд. Ин як андоза дар маърифатнокии кӯдакон, дар донише, ки дар интихоби рафтор хусусияти омирона дорад, зуҳур меёбад. Ҳиссиёти ахлоқӣ нисбатан дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт ва дар ҳолатҳои мухталиф ба миён меояд» [102, с. 166]. Психолог Н.Д. Левитов ҳангоми ташакккул додани ҳиссиёти ахлоқӣ се вазифаро дар пеш мегузорад: тарбияи ҳиссиёти мусбат (хуб); назорат ва танзими эҳсос; мубориза алайҳи ҳиссиёти манфӣ [102, с. 225]. Ин вазифаҳо дар сурати муҳайё сохтани шароити мусоиди ташкили кору фаъолияти якҷояи хонандагон ва ҳангоми оқилона ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия натиҷаи хуб ба бор меоранд. Аз ҳама муҳим он аст, ки кӯдакон ҳиссиёти хушҳол будани худро аз рафторҳои хуби худ ва рафиқонашон эҳсос намоянд. На ҳамеша дар мактаббачагони хурдсол изҳор намудани ҳиссиёти қаноатмандӣ нисбат ба ҳамсинфон, волидайн, калонсолон, беморон ва хурдсолон мушоҳида карда мешавад. Мактаббачагони хурдсол дар аксар мавридҳо нисбат ба калонсолон, ҳамсолон ва

атрофиён муносибати инсондӯстона, хайрхохона, боадолатона зоҳир карда наметавонанд, чунки ҳанӯз таҷрибаи ҳаётии онҳо кофӣ нест.

Масалан, бо хоҳиши муаллим ду се мактаббачаи хурдсол барои ба корҳои хонаи пиразани танҳо ёрӣ расонидан мефиристонад. Дар ин сурат хонандагон танҳо вазифаи худро аз анҷом додани корҳои хонаи кампир меҳисобанд, вале онҳо эҳсос намекунад, ки барои кампири танҳо ин амалро иҷро намудан ҳануз кам аст. Онҳо дарк намекунанд, ки як дам бо ӯ будан ва меҳрубонӣ намудан низ ба кампири танҳо ғизои маънавӣ мебахшад. Ҳиссиёте, ки дар муносибати ҳамдигарӣ бо атрофиён дар раванди фаъолият ба миён меояд, дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Аз тарафи дигар, ин амалҳои нек дар онҳо вафодорӣ, эҳтироми тарафайн, боварииву эътимод, меҳрубонӣ ва бодиққатиро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, инсон бояд на фақат барои ҳодисае, ки танҳо ба комёбиҳои худи ӯ алоқамандӣ дорад, кӯшиш намояд, балки дар ғаму шодии дигарон низ шарик бошад ва ба онҳо ғамхорӣ зоҳир намояд. Ҳамаи ин аз боҷуръатию қавииродагии инсон гувоҳӣ медиҳад.

Бепарвоӣ нисбат ба мушкилоти рафиқу наздикон дар бештари ҳолатҳо ба он вобастагӣ дорад, ки мактаббачагони хурдсол рафторҳои нодурусти худро баҳодиҳӣ карда наметавонанд. Масалан, дар байни мактаббачагони хурдсол нафароне ҳастанд, ки ба хониш бомасъулона рафтор менамоянд, ҳамеша вазифаи хонагиро тайёр мекунанд, аммо ба ягон ҳамсинфи худ ёрӣ намерасонанд ва ба дигарон ғамхорӣ намекунанд. Онҳо худашонро дар ҳама ҳолат дар муқобили ҳамсинфон мегузоранд, ки дар натиҷа дӯстон бо онҳо муносибат карданро ҷоиз намедонанд. Онҳо бошанд, сабаби чунин амалу рафтори рафиқони худро дарк намекунанд. Бинобар ин, таваҷҷӯҳи бузургро ба ташаккули ҳиссиёти кӯдакон, ки дар раванди муносибат бо атрофиён, дар корҳои гуногуни ҷамъиятиву коллективӣ ба миён меояд, равона кардан лозим аст.

Муҳаққиқ Ф. Гулмадов, ки солҳои зиёд ба масъалаи тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол машғул аст, чунин андеша дорад, ки «Ташаккули рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол танҳо ҳангоми аз худ кардани қоидаҳои ахлоқӣ анҷом намеёбад. Дар ин ҷо ба эътибор гирифтани чунин талаботҳо мавқеи муҳимро ишғол менамояд:

– кӯшиши такмил додани рафтори худ мутобиқи қонуну қоида ва меъёрҳои ахлоқии муқарраршуда;

– иҷрои қоидаҳои умумиқабулшудаи рафтор;

– зид баромадан ба муқобили рафторҳои ғайриахлоқӣ ва вайронкунандагони меъёрҳои рафтор;

– хоҳиши ҳамкорӣ намудан бо рафиқон дар ҷараёни фаъолияти якҷоя, ғамхорӣ дар бораи рафиқон, хоҳиши ба онҳо ёрӣ расонидан;

– арзёбӣ ва назорати рафтори худ баъди иҷрои ин ё он амалу рафтор» [63, с. 253].

Ҳар як кӯдак аз хурдсолӣ, вобаста ба давраҳои синнусолӣ бояд ҷаҳонфаҳмии худро дошта бошад. Ҳамасола ин ҷаҳонбинӣ бояд амиқтар, васеътар ва мукаммалтар гардад. Аз ин рӯ, корҳои таълиму тарбияи мактаббачагони хурдсол бояд ба он равона карда шавад, ки кӯдакон дар баробари мустақилона дарк намудани мафҳумҳои ахлоқӣ ва муҳокима кардани рафтори дигарон, ҳамчунин тавонанд ба таври танқидӣ рафтори худро таҳлилу баррасӣ намоянд. Ниҳоят, дар асоси ҳамаи ин тавонанд омилҳои асосии мафҳумҳои ахлоқиро аз худ кунанд. Дар ин ҷо муҳим он аст, ки кӯдакон бояд тамоми қонуну қоида ва меъёрҳои ахлоқиро мукаммал аз бар намоянд. Дар акси ҳол аз худ намудани донишҳои ахлоқии онҳо дар амал татбиқ намешавад. Одатан, дар ин ҳолатҳо хонандагон хислату характери мутақобилаи муносибати хешро нисбат ба қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ дарк намекунанд, ҳатто вазъияти худро пай намебаранд. Онҳо вазъияти бавуҷудомадаро, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ «бархӯрд» менамояд, дарк карда наметавонанд. Ин ҷо

зарур аст, ки тарбияи шуурнокии ахлоқӣ бо рафторҳои ахлоқии воқеии кӯдакон алоқаманд карда шавад.

Зоҳир намудани рафтори бошуурона дар ин ё он ҳолату вазъияти муайян, ҷузъи марказӣ ва маҳсули асосии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Рафтори бошуурона, ки дар заминаи омилҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ зуҳур меёбад, яке аз нишондиҳандаҳои тарбиянокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол шуморида мешавад. Ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар сурате натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки агар омӯзгорон корҳои гуногуни коллективонаро ташкил намоянд ва иштироки ҳар як мактаббачаро дар ин фаъолият таъмин намоянд. Дар ин бора дар зербандҳои минбаъда таваққуф хоҳем кард.

## 1.2. Моҳият ва мазмуни ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Имрӯз тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол такмили ҳамаҷонибаи ҷараёни педагогиро талаб мекунад, ки ин ба баланд шудани маданияти муносибати маънавию эмоционалии байни тарбиятгар ва коллективи кӯдакон вобастагии зич дорад. Вазифаи омӯзгорон ва падару модарон аз он иборат аст, ки ҳанӯз аз овони бачагӣ дар кӯдакон механизмҳои басо нозуки рафторҳои ахлоқӣ ва самимияту дилбастагиро, ки муомилаи байни шахсият ва ҷаҳони инсонӣ тавассути онҳо сурат мегирад, инкишоф ва парвариш диҳанд.

Ба олами мураккаби инсонӣ ворид кунонидани мактаббачаи хурдсол аз муҳимтарин вазифаҳои омӯзгорон, волидайн ва ҷомеа мебошад. Бинобар ин омӯзгорон ва падару модарон бояд тамоми тадбирҳоро андешанд, то ки айёми бачагӣ, айёми хушбахтӣ бошад. Аммо шодиву нишот на бояд бе ташвиш бошад. Пеш аз он ки кӯдак дар оянда шахси комили ҷомеа ба камол расад, ӯ бояд ба некӣ бо некӣ ҷавоб додан, бо амалҳои шоистаи худ барои мардум саодат ва шодиву нишот ато

карданро ёд гирад. Агар солҳои бачагӣ хуб истифода бурда нашавад, имконияти хубе дар тарбияи камолоти ахлоқии насли наврас аз даст дода мешаваад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки ба мактаббачагони хурдсол бисёр чизҳоро фаҳмонидан ҳанӯз душвор аст. Ба маънии мафҳумҳои олиҳимматӣ, некӯкорӣ, некдилӣ онҳо на ҳама вақт сарфаҳм меравандд. Аммо зебогии рафторҳои ахлоқиро мактаббачагони хурдсол ҳам қодиранд, ҳис намоянд. Бинобар ин, кӯшиш намудан лозим, ки дар ин синну сол низ кӯдакон шарики шодиву хурсандӣ, ғаму андӯҳ ва нохушиҳои дигар касон шуданро одат кунанд. Таҳкурсии ҳассосӣ нисбат ба шодиву хурсандӣ ва ғаму андӯҳро танҳо метавон дар овони бачагӣ парварид. Мактаббачагони хурдсол худро ба ҷойи каси дигар тасаввур карда, гӯё одами дигар мешавад.

Кӯдак оҳиста-оҳиста кӯдакиро пушти сар карда, наврас, навҷавон ва ниҳоят падару модар мешавад, вале бисёр муҳим аст, ки агар дар солҳои наврасӣ ва навҷавонӣ баъзе ҷиҳатҳои хулқу атвори бачагӣ, аз қабили софдилӣ, мутаассиршавӣ аз ҳодисаҳою воқеаҳои муҳити атроф, ғамхории самимӣ нисбат эҳсоси қалби одамоне, ки ҳамроҳи онҳо кор, таҳсил кардан ва душвориҳоро бартараф намудан лозим меояд, дар дили онҳо боқӣ монад.

Барои он ки дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол сифатҳои некӯкорӣ, некдилӣ, меҳрубонӣ, ба дигарон мунису ғамхор будан ҷой гирад, пеш аз ҳама зарур аст, ки дар онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул дода шавад. Умуман зоҳир намудани ҳама гуна рафторҳои ахлоқӣ махсусан барои мактаббачагони хурдсол ба ҷуръатнокии ахлоқӣ алоқамандии зич дорад. Аксар вақт бинобар сабаби маҳдуд будани таҷрибаи шахсии ҳаётӣ ва беҷуръатию шармгинӣ мактаббачагони хурдсол рафторҳои шоистаи ахлоқӣ иҷро карда наметавонанд.

Дар «Луғати тафсирии забони руси»-и С.И. Ожегов ҷуръатнокӣ чунин шарҳ дода шудааст: ҷуръатнокӣ қатъигӣ, дилпурона рафтор

намудан ва рафтори боҷуръатона намудан мебошад [133, с. 653]. Дар луғати мазкур ахлоқнокӣ ҳамчун қоидаҳои муайянкунандаи рафтор ва сифатҳои маънаве, ки дар ҷомеа барои одам заруранд ва ҳамчунин иҷрои ин қоидаҳо маънидод карда шудааст.

Тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ аз қисмҳои таркибии зерин иборат аст:

1. Тарбияи некдилӣ.
2. Тарбияи саховатпешагӣ.
3. Тарбияи тараҳум.
4. Тарбияи таҳаммулпазирӣ.
5. Дасткушодӣ.
6. Дақиқкорӣ
7. Адолатпешагӣ
8. Боназокатӣ
9. Қарзи виҷдон
10. Некукорӣ
11. Оромтабиатӣ
12. Тараҳум
13. Рафоқат

Умуман дар кори тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол қисмҳои аз ҳам ҷудо, ки ба таври алоҳидагӣ ба шахсияти онҳо таъсир мерасонида бошанд, вуҷуд надорад. Нобароии кори тарбиявии бисёр муаллимон дар он зоҳир меёбад, ки онҳо олами маънавии кӯдаконро танҳо ба воситаи баҳо додан ба дониши онҳо андоза мекунанд, яъне ҳамаи талабагонро вобаста ба дарсҳоро тайёр кардан ё накарданашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Оё муаллиме, ташаккули шахсияти мактаббачагонро ҳамин тавр мефаҳмад, магар метавонад тарбиятгари хуб шавад? Агар муаллим фикр кунад, ки танҳо дар вақти дарс ба талабагон таъсири тарбиявӣ мерасонад, ҳоҷати дар ин бора ҳарф задан ҳам нест. Муҳимтар он аст, ки омӯзгор рӯзҳои дар мактаб будани

бачаҳо ба онҳо чӣ қадар шодиву хурсандӣ бахшида метавонад. Ва он чиз низ басо муҳим аст, ки ҳар кӯдак шодиву нишотро на ин ки эҳсос кунад, балки онро худ низ офарад, заррае аз эҷоди худ ба ҳаёти коллектив зам намояд.

Бояд қайд кард, ки пеш аз гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллимони синфҳои ибтидоӣ мувофиқи тавсияҳои мо бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузарониданд. Ҳамзамон, омӯзголрон ҳикоя, сӯҳбатҳо ва лаҳзаҳои махсуси тарбиявии педагогиро истифода бурданд. Таҷриба нишон дод, ки тасаввуроти хонандагони синфи як оид ба меъёрҳои дар боло зикргардида дар дараҷаи паст қарор дорад.

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои тарбиявии мутасил тасаввуроти хонандагоноид ба малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ зина ба зина аз синфи якум то синфи чорум такмил ёфт. Мо дараҷаи тасаввуроти хонандагонро дар бораи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ санҷидем. Барои мисол дараҷаи ташаккулёбии тасаввуроти хонандагони синфҳои 3-4-и синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар ҷадвалҳо оварда мешавад.

Ҷадвали №1. Ҷавобҳои хонандагони синфи 3 оид ба дараҷаи ташакулёбии ҷуръатнокии ахлоқӣ (миқдори хонандагон 25-27 нафарӣ)

| | | Синфҳои озмоишӣ | | | | | | Синфҳои назоратӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. паст | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. Паст | |
| № т\р | Мафҳумҳо | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % |
| 1. | Некдилӣ | 10 | 40 | 11 | 44 | 4 | 16 | 8 | 32 | 7 | 28 | 10 | 40 |
| 2. | Саховатпешагӣ | 11 | 44 | 9 | 36 | 5 | 20 | 8 | 32 | 6 | 24 | 11 | 44 |
| 3. | Тараҳум | 12 | 48 | 8 | 36 | 5 | 20 | 9 | 36 | 12 | 48 | 4 | 16 |
| 4. | Таҳаммулпазирӣ | 9 | 36 | 12 | 48 | 4 | 16 | 7 | 28 | 13 | 52 | 5 | 20 |
| 5. | Дасткушодӣ | 14 | 54 | 7 | 28 | 5 | 19 | 10 | 38 | 11 | 42 | 5 | 20 |
| 6. | Дақиқкорӣ | 9 | 36 | 12 | 48 | 4 | 16 | 6 | 24 | 13 | 52 | 6 | 23 |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Адолатпешагӣ | 12 | 46 | 8 | 32 | 6 | 24 | 9 | 35 | 12 | 46 | 5 | 19 |
| 8. | Боназокатӣ | 9 | 36 | 9 | 36 | 7 | 28 | 5 | 20 | 13 | 52 | 7 | 28 |
| 9. | Қарзи виҷдон | 15 | 60 | 7 | 28 | 3 | 12 | 11 | 44 | 10 | 40 | 4 | 16 |
| 10. | Некӯкорӣ | 14 | 56 | 9 | 36 | 2 | 8 | 9 | 36 | 11 | 44 | 5 | 20 |
| 11. | Оромтабиатӣ | 8 | 32 | 10 | 40 | 7 | 28 | 6 | 24 | 11 | 44 | 8 | 32 |
| 12. | Тараҳум | 6 | | 15 | | 20 | | | | | | | |
| 13. | Рафоқат | | | | | | | | | | | | |

Ҷадвали №2. Ҷавобҳои хонандагони синфи 4 оид ба дараҷаи ташакулёбии ҷуръатнокии ахлоқӣ (миқдори хонандагон 25- 27 нафарӣ)

| | | Синфҳои озмоишӣ | | | | | | Синфҳои назоратӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. паст | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. Паст | |
| № т\р | Мафҳумҳо | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % |
| 1. | Некдилӣ | 12 | 46 | 10 | 38 | 4 | 15 | 9 | 35 | 8 | 30 | 9 | 35 |
| 2. | Некӯкорӣ | 12 | 46 | 11 | 42 | 3 | 12 | 9 | 28 | 7 | 27 | 10 | 38 |
| 3. | Тараҳум | 13 | 50 | 9 | 35 | 4 | 15 | 9 | 36 | 11 | 48 | 6 | 23 |
| 4. | Таҳаммулпазирӣ | 10 | 38 | 11 | 42 | 5 | 19 | 8 | 31 | 11 | 48 | 7 | 27 |
| 5. | Дасткушодӣ | 15 | 60 | 7 | 28 | 3 | 12 | 10 | 40 | 10 | 40 | 5 | 20 |
| 6. | Дақиқкорӣ | 11 | 42 | 11 | 42 | 4 | 15 | 7 | 27 | 14 | 54 | 5 | 20 |
| 7. | Адолатпешагӣ | 13 | 50 | 9 | 35 | 4 | 15 | 10 | 40 | 11 | 44 | 4 | 16 |
| 8. | Боназокатӣ | 10 | 38 | 11 | 42 | 5 | 19 | 6 | 23 | 14 | 54 | 6 | 23 |
| 9. | Қарзи виҷдон | 16 | 61 | 6 | 24 | 4 | 15 | 11 | 44 | 10 | 40 | 4 | 16 |
| 10. | Некӯкорӣ | 15 | 58 | 10 | 38 | 1 | 4 | 11 | 44 | 10 | 40 | 4 | 16 |
| 11. | Оромтабиатӣ | 10 | 38 | 12 | 46 | 4 | 15 | 6 | 24 | 11 | 44 | 8 | 32 |
| 12. | Тараҳум | | | | | | | | | | | | |
| 13. | Рафоқат | | | | | | | | | | | | |

Аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда бармеояд, ки аввалан барои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ омӯзгорон бояд муносибати байниҳамдигариро дар коллективи ягонаву тифоқи мактаббачагони хурдсол ба вуҷуд оваранд, зеро ин яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад. Баъдан, муҳимтар аз ҳама дар коллективи хонандагон муносибати хайрхоҳонаву некдилиро ба вуҷуд

овардвн лозим аст. Албатта, дар ин ҷо обуруву эътибори омӯзгорро зикр намудан лозим аст, ки ӯ барои хонандагон на ҳамчун мураббӣ, балки дӯсту рафиқ низ ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон бояд эътимод пайдо кунанд, ки вазъи рӯҳии коллектив, яъне хушҳолию якдигарфаҳмӣ, барои иҷрои ин ё он супориш ва рафтори неки ахлоқӣ боҷуръатӣ қувваи бузурги маънавӣ буда, мактаббачагони хурдсолро муттаҳид месозад ва ҳамзамон, дар тинати бачаҳои фориғбол нисбат ба ҳар як кори коллектив ҳисси шавқмандӣ бедор карда мешавад. Барои ба ин муваффақ шудан синну соли хурди мактабӣ созгор мебошад, зеро ҳар як сухани омӯзгор ва шахсони калонсол барои онҳо ҳамчун як қоидаи нонавишта қабул карда мешавад.

Дар коллектив ва оилае, ки раҳму шафқат, якдигарфаҳмӣ ҳукмрон нест ва хонандагон иҷрои ин ё он супоришро аз рӯйи қарзи виҷдон иҷро намекунанд, онҳо бераҳму сангдил ба воя мерасанд. Бояд зикр намуд, ки ҳассосиву зудмутаасиршавӣ ва адолатпешагӣ дар овони бачагӣ ташаккул меёбад. Дар синни хурди мактабӣ тарбияи ҳассосиву адолатпешагӣ, аз заминаҳои устувори дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ мебошад. Дар мактаббачагони хурдсол тарбияи намудани эҳсоси ба ғаму мусибати рафиқ ва дигарон шарик шаудан, қарзи имонии омӯзгорон ва падару модарон маҳсуб дониста мешавад. Шахс фақат дар сурате метавонад дӯсти беғараз ва бародари каси дигар гардад, ки ғаму андӯҳи ӯро ғаму андӯҳи шахсии худ донад. Албатта ташаккул додани ин хислат кори осон нест ва барои ба ин ноил шудан дар хонандагон тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ зарур мебошад.

Агар кӯдак нисбат ба мушкилоти рафиқ, шахси наздик, падару модари худ бепарво бошад, агар кӯдак бо чашми дил аз ғаму андӯҳ ва рози дили рафиқи худ пай набарад, ӯ ҳеҷ гоҳ одами ҳақиқӣ ба воя нахоҳад расид. Бинобар ин, тарбияи мактаббачагони хурдсол бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки онҳо ҳар рӯз эҳсос, изтироб, шодиву хурсандӣ ва

ғаму андӯҳи на танҳо одамони наздики худро, балки одамонеро, ки тасодуфан дучор мекунанд, аз қиёфаашон дарк намояд.

Мо бо ин назарем, ки агар кӯдакон шодиву хурсандӣ ва ғаму андӯҳи одамонро ҳис накунанд, дар онҳо ҷуръати ба касе некӣ ва хайрхоҳи кардан пайдо намешавад. Дар кӯдакон ташаккул додани эҳсоси дарк намудан душвортарин кори тарбия аст. Кӯдак нозуктарин ҷиҳати ҳолати рӯҳии каси дигарро дар сурате эҳсос карда метавонанд, ки барои бахту саодат, шодиву хурсандӣ ва осоиши мардум як ҳисси некдилӣ пайдо кунад. Некдилӣ як қисми муҳимми таркибии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб меравад.

Аз он ки кӯдакон барои фаҳмидани мушкилоти рафиқ, шахси наздики худ кушиш ба харҷ медиҳанд, ин ба хушахлоқ шудани онҳо мусодидат мекунад ва ҳамзамон ин аз кори пурсамари тарбиявии мӯзгорону падару модарон дарак медиҳад. Чӣ қадаре ки кӯдакон мушкилот ва ғаму андӯҳи одамонро дарк карда тавонанд, дар қалби онҳо ҳамон қадар малакаи некдилию хайрхоҳӣ ташаккул ёфтан мегирад. Дар сурати дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани ҳисси некдилӣ дар дили онҳо майлу хоҳиш ва ҷуръати ба дигарон хайрхоҳӣ намудан ташаккул ёфтан мегирад.

Агар майлу рағбати мактаббачаи хурдсол ба некдил будан нисбати рафиқ, шахси наздик, падару модар ва аъзоёни калонсоли оила нигаронида нашуда бошад, оқибат дар ӯ ҳиссиёти худбинона ташаккул меёбад. Дар ин сурат ӯ модарашро танҳо барои он дӯст медорад, ки вай сарчашмаи дилхушиҳои ӯ мебошад. Ва ҳол он ки дар дили кӯдакон ҷуръати барои қисмати одами дигар дар изтироб будан, ташвиш кашидан, ғамхорӣ намудан, ғам хӯрданро бояд парварид. Бисёр хуб аст, ки агар кӯдакон дӯсте дошта бошанду дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ намоянд, нисбат ба рафиқ некдил бошанд.

Дар ҷамъият зистан маънои онро дорад, ки кас барои беҳбудӣ ва осоиши дигарон аз шодиву нишоти худ даст кашида тавонад. Парваридани чунин малака барои дар мактаббачагони хурдсол тарбияи

намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ хеле ҳам хуб мусоидат мекунад. Дар ҳаёт падару модаронеро дучор кардан мумкин аст, ки онҳо мехоҳанд кӯдакашон аз ҳама гуна ҳодисаҳои баду ногувор бехабар бошанд ва ба ин васила шодиву нишоти фарзандонашон заррае кам нагардад. Ба фикри мо, кӯдакро аз ҳодисаҳои номатлуб огоҳ кардан лозим аст ва барои содир накардани рафторҳои ношоиста корҳои фаҳмондадиҳи бурдан даркор аст. Аз ин ҷост, ки дар чунин оилаҳо худбинҳо, манфиатпарастон, одамони нисбат ба бадбахтӣ ва нохушиҳои дигарон бепарво ба воя мерасанд. Бигзор кӯдакон донанд, ки дар ҳаёти инсон на фақат шодиву хурсандӣ, балки ғаму ғусса низ рух медиҳад.

Дар бораи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол сухан ронда, бояд зикр намуд, ки агар шодиву хурсандии одам дар айёми бачагӣ фақат барои қонеъ гардонидани талаботи шахсии ӯ нигаронида шуда бошад, агар кӯдак аз чигунагии ғаму андӯҳ, ранҷиши хотир, азоби рӯҳӣ бехабар монад, пас ӯ чун шахси худхоҳ ба камол мерасад ва нисбат ба одамон ғамхору некдил намегардад. Кӯдакон бояд чӣ будани нишоти бузург-нишоти ҳиссиёти некдилиро, ки дар дили кас аз ғамхорӣ дар ҳаққи инсон зуҳур меёбад, донанд. Ин дар кори тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол басо муҳим аст. Бинобар ин, қувваи бузурги маънавие, ки бачаҳоро хушахлоқ мегардонад, некӯкорӣ дар ҳақи одамон аст.

Бояд зикр намуд, ки яке аз вазифаҳои тарбиявии мактаб аз он иборат аст, ки кӯдак қалбан ҳис кунад, ки дар атрофи ӯ одамоне ҳастанд ба ёрмандӣ, ғамхорӣ, навозиш самимият ва ҳамдардӣ мӯҳтоҷанд. Бисёр муҳим аст, виҷдон бачаҳоро ором нагузорад, то ин ки аз назди чунин одамон бепарво гузашта раванд. Бинобар ин, баҳри он кӯшиш намудан даркор, ки кӯдакон ба касе на бо мақсади аз дигарон фарқ кардан, балки беғаразона некӣ карданро омӯзанд.

Ба кӯдакон ҳамеша таълим додан даркор, ки ҳиссиёт ва ҳолати рӯҳии дигаронро эҳсос кунанд, худро ба ҷойи касе тасаввур кунанд, ки ӯ

ба ҳамдардию ёрӣ ва ғамхории самимимона мӯҳтоҷ аст. Ҳамзамон, баҳри он кӯшиш намудан даркор, ки кӯдакон дар андешаи чӣ тавр кӯмак кардан ба одами муҳтоҷ бошанд, яъне аз ҳама муҳимтар ба кӯдакон тараҳум намуданро омӯзонидан даркор.

*Тараҳумро* монанди он ки ба тифл аввалин қадаммонии мустақилона ва эҳтиёткоронаро меомӯзонем, ташаккул додан зарур аст. Тараҳум як қисми муҳимми таркибии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба он муваффақ шудан даркор, ки мактаббачаи хурдсол ягон кори некро на барои шунидани таърифу тавсиф, балки бо амри виҷдон ба ҷо орад.

Зимнан, чизи аз ҳама асосӣ дар кӯдакон инкишоф додани қувваи ботинӣ мебошад, ки ба туфайли ин одам наметавонад тараҳум накунад. Аммо инро чӣ тавр бояд кард? Чӣ бояд кард, ки кӯдакон аз мусибати каси дигар огаҳ шуда, дар онҳо ҳиссиёти худро ба вазъияти шахси дигар тасаввур кардан, ташаккул ёбад. Кӯшиш намудан даркор, ки бачаҳо қувваи маънавии худро ҳар қадар бештар ба рафиқи мусибатдори худ бахшанд, то ин ки дили онҳо ҳамон андоза ҳассостар шавад.

Тарбияи *таҳаммулпазирӣ* қисми дигари таркибии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол мебошад. Шояд ин яке қисмҳои таркибии душвортари тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ ба ҳисоб равад. Таҳаммулпазирӣ қувваи бузургест, ки дар дили одам эсоси поку наҷиберо бедор мекунад, дар дили шахс ҷуръати ёрӣ расонидан ба касони мӯҳтоҷбударо бедор мекунад. Танҳо нафаре шахси арзандаи ҷомеа барои ормонҳои олӣ шуда метавонад, ки ӯ дар солҳои бачагӣ ва наврасӣ санъати олии инсон будан, фарзанди бовафои миллат шуданро омухта бошад. Таҳаммулпазирӣ бечунучаро итоат кардан набуда, балки муомилаи хушу боадабона, овардани шодмонӣ барои дигарон мебошад.

Дилсӯзии самимона нисбат ба каси дигар ҳам зери таъсироти сухани тарбиявии муаллим ва ҳам зери таъсири рӯҳияи коллектив бедор мешавад. Дар мактаббачагони хурдсол ба вуҷуд овардани

таҳаммулпазирӣ кори ба осонӣ муяссаршаванда нест. Ҳатто дар бисёр шахсони калонсол малакаҳои таҳаммулпазирӣ эҳсос карда намешавад. Баъзе шахсони калонсол аз бетаҳаммулӣ рафторҳои ношоиста содир намуда ба ҷиноят даст мезананд. Таҳаммулпазирӣ ин дар шахс нишони беҷуръатӣ нест, баръас таҳаммулпазирӣ кӯдаконро ба ахлоқи нек раҳнамун месозад.

Барои он ки ба дили кӯдакон зиштию разолат роҳ наёбад, дар ниҳоди онҳо эҳсоси наҷиби таҳаммулпазириро тарбия намудан лозим аст. Одам дар сурате таҳаммулпазир мегардад, ки агар ба муқобили зиштию бадкирдорӣ мубориза бурда тавонанд. Таҳаммулпазирӣ танҳо иборат аз он нест, ки одам ба ин васила барои худ ва наздиконаш саодату шодкомӣ фароҳам орад, балки аз он иборат аст, ки ӯ аз зиштию бадкирдорӣ нафрату адоват худдорӣ карда тавонад.

Агар кӯдак беадолатию бадкирдориро дида, оромона гузашта равад ва пурсад, ки дар ин ҳолат чӣ маслиҳат медиҳед, шумо гумон накунед, ки тарбияи шумо натиҷаи дилхоҳ додааст. Мактаббачаи хурдсол, ки таҷрибаи кофии ҳаётӣ надорад, омӯзгорон ва падару модарон бояд онҳоро чунон тарбия намоянд, ки дар дили онҳо ягон гӯшаи орому осуда намонад.

Аксар вақт омӯзгорон ва падару модарон фаромӯш мекунанд, ки оламдарккунии мактаббачагони хурдсол аз одамдарккунии онҳо оғоз мегардад. Зуҳуроти некию бадиро пеш аз ҳама кӯдак дар таҳаммулпазирии онҳо мебинад. Аз он ки падар бо завҷааш бо чӣ оҳанге муроҷиат менамояд ва ҳиссиёту нигоҳу ҳаракатҳои ӯ як маънии муайянро бояд ифода кунанд. Ин ҷо омӯзгоронро бояд як чиз мушавваш созад, ки дар баъзе оилаҳо байни падару модар ва фарзандон эҳтироми байниҳамдигарӣ вуҷуд надорад. Агар чунин муносибат солҳои тӯлонӣ давом кардан гирад, ҳаёти хушбахтонаи кӯдаконро таъмин намудан ғайри имкон аст. Эҳтироми байниҳамдигарӣ албатта аз тарбияи таҳаммулпазирӣ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин дар тарбияи

таҳаммулпазирии кӯдакон, аҳлу тифоқ ва ба якдигар мунису ғамхор будани аъзоёни оила хеле муҳим аст. Масалан, оилаҳои аҳлу тифоқ дар рӯзҳои истироҳат дастаҷаъмона ҳавлии худро рубучин карда, ба тартиб меоранд, ҳамаи аъзоёни оила хоҳ хурд хоҳ бузург супориши муайянеро иҷро менамоянд. Ё ин ки якҷоя ба боғи истироҳати шаҳр ё ноҳия ва ба ҷойҳои таърихию ҷолоби диққат ба сайру гашт мераванд ва ғайра. Дар чунин оилаҳо бе шубҳа бачаҳо падару модар, бобо ва модаркалони худро дӯст медоранд ва ба онҳо ғамхорӣ менамоянд, чунки онҳо некӯкор ва ба якдигар меҳрубон мебошанд. Албатта, ҳамаи ин некӯкориҳоеро, ки бачаҳо меомӯзанд, бояд боҷуръатона бо меҳру муҳаббати сад бор зӯртар ва таҳаммулпазирона ба падару модар ва шахсони дигар баргардонида шавад. Пурбаҳотарин хислати маънавии падару модарони хуб, ки ба осонӣ ба фарзандонашон мегузарад, некӯкории падару модарон ва дар ҳаққи одамон некӣ кардан аст. Дар оилаҳое, ки падару модарон шарики шодию хурсандӣ ва ғаму андӯҳи дигаронанд, бачаҳо некӯкор ва мушфиқу меҳрубон ба камол мерасанд.

Албатта, барои ба дигарон некӯкорӣ намудан ба мактаббачаи хурдсол як ҷуръатнокие лозим аст. Масалан, мактаббачаи хурдсол мехоҳад ба ягон кас ёрӣ расонад, вале бинобар сабаби беҷуръатӣ дар бисёр ҳолат ин амалро иҷро карда наметавонад. Масалан, ӯ мушоҳида мекунад, ки хонандаи ҳамсинну солаш ба девори мактаб хат мекашад, вале вай бинобар сабаби беҷуръатӣ он писарбачаро аз ин амал боз намедорад. Агар пурсед, ки чаро ӯро аз ин амалаш боз надоштӣ? Ӯ ҷавоб медиҳад: «Ӯ ҳамсинфи ман нест».

Бояд қайд намуд, ки агар дар Талбак Лолаев ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул намеёфт, ӯ аз паҳлӯи ғаллазори оташгирифта хомӯш гузашта мерафт. Ӯ ҷуръатнокии ахлоқӣ нишон дода, қисми зиёди ғаллазори оташгирифтаро хомӯш менамояд, вале дар ҳалқаи оташ афтода, ба ҳалокат мерасад. Албатта, аз ин ҷо бар меояд, ки Талбак Лолаев дар оила ва мактаб сабақи хуби тарбияи ҷуръатнокии ахлоқиро аз худ

намуда будааст. Агар чунин нақлу ҳикояҳо ба таври образнок ва ҳиссиёти баланд ба шуури хонандагон расонида шаванд, бе шубҳа дар онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки барои иҷрои кори ба манфиати умум иҷронамуда хонандагон бояд аз ҷиҳати маънавӣ дастгирӣ карда шаванд, то ки онҳо дар оянда низ барои ба дигарон некӣ кардан боҷуръаттар гарданд ва неруи худро дареғ надоранд.

Хеле муҳим аст, ки дар мактаббачагони хурдсол ҳиссиёти *боназокатӣ (зарифӣ)* тарбия карда шавад, ки тарбияи ҳиссиёти боназокатӣ низ як қисми таркибии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол маҳсуб дониста мешавад. Омӯзгорон ва падару модарон бояд ба он кӯшиш намоянд, ки дар айёми кӯдакӣ дар қалби бачаҳо рафтори некдилӣ ва боназокатӣ ташаккул ёбад. Муваффақияти кори тарбиявӣ дар он зоҳир меёбад, ки бачаҳо аз хурдсолӣ бояд аз мактаби одамият сабақ омӯзанд, яъне дарк намудани мушкилолти каси дигар, шарики шодиву ғуссаи вай шудан, дар байни одамон зистан, дӯст доштани Ватан ва кинаю адоват доштан нисбат ба душманро ёд гиранд.

Тарбияи боназокатӣ оғози рафтори нек дар муносибату муомилаи байни одамон аст. Мактаббачае, ки дилаш ба ҳоли гунҷишки дар сармои қаҳратун бе сарпаноҳ ва бе обу дон монда месӯзаду онро аз марг наҷот медиҳад, ниҳоли аз барф хамгаштаро рост мекунад, ҳеҷ гоҳ нисбат ба одамон бераҳмию сангдилӣ зоҳир намекунад. Ва баръакс, бачае, ки чизи барои ҷомеа дилписанду даркориро бераҳмона нобуд мекунад, дар оянда нисбат ба наздикони худ ҳамин гуна бераҳмиро раво мебинад.

Тарбияи мактаббачагони хурдсол бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ӯ барои муваффақият ва шодмонии одамони барояш азизу муқаддас ҳеҷ чизро дареғ надорад ва чунин ҷасорат тақозои асосии олами маънавии ӯ гардад. Албатта, ин дар натиҷаи тарбия намудани малакаи боназокатӣ ба даст меояд. Бинобар ин, барои он саъю кӯшиш намудан даркор, ки

кӯдак дар муомилаи худ бо одамони дигар, дар хона ва мактаб боназокат ва ҳалиму меҳрубон бошад.

Ҳаёт нишон медиҳад, ки агар кӯдак чӣ будани меҳнат, мазмуни рӯҳбаши офаридани зебоӣ барои одамонро надонад, боназокатӣ дар вуҷуди ӯ реша намедавонад. Дар натиҷа вай дағал мешавад ва ҳатто ба ӯ усулҳои тарбиявӣ, аз қабили дӯғу пӯписа, маҷбуран супориш додан, ҷазодиҳӣ ва монанди инҳо низ таъсир намекунад. Ин ҷо зарур аст, ки дар рафтору кирдори мактаббачагони хурдсол малакаҳои боназокатӣ ташаккул дода шавад. Малакаҳои боназокатиро кӯдак аз падару модар, шахсони калонсоли оилаӣ ва одамони гирду атроф меомузад. Тарбияи малакаи боназокатӣ яке аз нозуктарин вазифаи кори тарбиявии мактаб ва оила мебошад.

Вақтҳои охир омӯзгорон, падару модарон ва умуман калонсол шикоят мекунанд, ки дар замони ҳозира дар рафтору кирдори наврасон як зуҳуроти беназокатӣ, беилтифотӣ мушоҳида карда мешавад. Боиси таассуф аст, ки омӯзгорон ва падару модарон сабаби паст рафтани ахлоқу одоби насли наврасро таҳлилу муайян намекунанд. Барои хушахлоқ шудани насли наврас имрӯз аз кадом роҳу усулҳои пешқадами тарбиявӣ истифода бурдан лозим. Масалан, вақте кӯдак ягон рафтори ношоиста содир менамояд, падару модарон ва омӯзгорон танҳо худи ӯро гунаҳкор мекунанд. Падару модарон ва омӯзгорон боре ҳам андеша наменамоянд, ки худи онҳо дар тарбияи кӯдакон ба чӣ хатое роҳ додаанд. Аз ҷониби дигар, тарбияи кӯдакон барои он як андоза душвор шудааст, ки онҳо ғайр аз мактаб аз дигар сарчашмаҳо ҳам иттилооти зиёде мегиранд. Табиист, ки дар назди наврас саволҳои зиёде пайдо мешаванд, ки ҷавоби онҳоро ӯ аз омӯзгор ва шахсони калонсол интизор аст. Ҳамзамон, тарбияи кӯдакон боз барои он мушкил шудааст, ки онҳо бо ҷаҳони маънавии худ зиндагӣ кардан мехоҳанд.

Беназокатӣ ҳангоме аён мегардад, ки майлҳои хайрхоҳонаи самимӣ бо қудрату тавоноии азму ирода ҳамроҳ намешаванд.  Беназокатӣ дар

ҷойе зоҳир мегардад, ки бачаҳо барои офаридани бахту шодмонӣ барои дигарон, барои муборизаи зидди бадкирдорӣ, таҳқири шаъну шарафи инсон ҳанӯз бедор нашудаанд. Бинобар ин, баҳри он кӯшиш намудан зарур аст, ки кӯдакон паҳлӯҳои гуногуни ҳамдардӣ, тараҳум, ҳаяҷону накукорӣ барин ҳиссиёти хайрхоҳонаро аз сар гузаронанд ва эҳсос намоянд.

Дар кори тарбия маҳорати аз ҳар ҷиҳат эҳтиром карда тавонистани шахсияти тарбиягиранда муҳимтарин воситаи педагогӣ мебошад. Омӯзгорон вазифадоранд, ки бо ин воситаи муҳими педагогӣ кушиш кунанд, ки имрӯз аз дирӯз ва фардо аз имрӯз беҳтар ба кори тарбияи кӯдакон машғул шаванд. Тарбиятгар бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки шогирдони худро фардо нисбат ба имрӯз беҳтару хубтар бинад. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки эҳтиром намудани шахсияти тарбиягиранда яке аз вазифаҳои муқаддастарини омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Дар ин бора педагоги барҷаста В.А. Сухомлинский менависад: «Дахл кардан ба ҳассостарин гӯшаи дил, бепарвоёна дастдарозӣ кардан ба он чӣ, ки худи мактаббача ҳал кардан мехоҳад, бо ҳар гуна роҳҳои бо зӯрӣ таъсир расонидан, ба тааҷҷуб овардан ва монанди инҳо-ҳама аломати надоштани маданияти оддитарини педагогӣ мебошад. Агар хоҳед, ки тарбиятгиранда ба назди шумо омада ёрӣ пурсад, маҳз ҳамон гӯшаи дили ӯро эҳтиёт кунед, ки андаке дастдарозӣ ба он ӯро озурда мекунад [160, с. 24]. В.А. Сухомлинский дар ҷойи дигар менависад: «Ба муаллим бисёр вақт лозим меояд, ки ба ҷои ҷарроҳ бошад ва ба дардмандтарин ҷои одам даст расонаду худи одам аз ин бехабар монад» [161, с. 124].

Бояд зикр намуд, ки тарбияи *оромтабиатӣ* низ як қисмҳои муҳимми таркибии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб меравад. Оромтабиатӣ маънои онро надорад, ки кӯдак танҳо дар рӯҳияи итоаткорию иҷрои бечучарои супоришҳои калонсолон тарбия ёбад. Гузашта аз ин, оромтабиатӣ маънои ҳаргиз маънои

беҷуръатиро надорад. Оромтабиатӣ як хусусияти мардонагӣ, қавиirодагӣ мебошад, ки бояд ин сифат дар кӯдакон аз қадамҳои аввалини ҳаёти мустақилонаашон тарбия карда шаванд. Ин албатта аз бисёр ҷиҳат ба чӣ гуна инкишоф ёфтани азму иродаи кӯдак вобастагӣ доранд.

Дар баробари он ки дар кӯдак сифати ахлоқии *оромтабиатӣ* тарбия карда мешавад, ҳамзамон тарбиятгирандагон дар он рӯҳияе тарбия карда шаванд, ки аз чашмони дӯст, рафиқи худ нокомии онҳо, дарди онҳоро тасаввур карда тавонанд. Дигар ин ки оромтабиатӣ ҳусни инсон ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо, ин алифбои маданияти ахлоқӣ, дар айни замон алифбои тарбияи ахлоқӣ низ ба ҳисоб меравад, ки бидуни он бародарии ҳақиқии одамон, оштинопазирӣ нисбат ба бадкирдорӣ ва садоқат ба ормонҳои олӣ имконнопазир аст.

Ташаккули оромтабиатӣ ҳамчун алифбои маданияти ахлоқӣ як заминаи устуворест барои дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ. Барои он ки кӯдакон хусусияти оромтабиатиро ҳамчун як рукни маданияти ахлоқӣ дарк намоянд, бояд онҳо бо меҳнати суботкоронаи калонсолон шинос карда шаванд. Кӯдаконро пайваста байни одамон бурдан зарур аст, то ки онҳо бинанд, ки калонсолон барои ободии Ватан, насли оянда чӣ гуна меҳнати шуҷоатмандона мекунанд. Эҳсоси миннатдорӣ аз одамон бо эҳсоси масъулиятшиносӣ, қарз ва ифтихори шаҳрвандӣ аз якдигар ҷудонашаванда мебошанд.

Агар кӯдаке, ки дар зиндагӣ як маротиба аз рафтори бадкирдорона ба ғазаб омада бошад, бояд даҳ маротиба кори нек карда, бо рафтору кирдори худ ин иқдоми некиро дар зиндагӣ мустаҳкам намояд. Чунин меъёри ахлоқиро аз бар карда истода, хонандагон ба фаҳмидани моҳияти ахлоқ ҳамчун шакли олии инсондӯстӣ ва хушахлоқӣ, ҳамчун низоми ғояҳо ва ақидаҳое, ки беҳтарин сарвати маънавии инсониятро дар худ таҷассум кунонидааст, тайёр мешавад. Ин сарвати маънавиро аз худ накарда одам дар роҳи тайкардаи ҳаёти худ аз амри ҷаҳолат берун

баромада наметавонад. Оромтабиатӣ ҳамчун як рукни муҳимми тарбияи ахлоқӣ  ҳамон вақт ба дили кӯдакон роҳ меёбад, ки агар дар хона ва коллективи мактабӣ муносибатҳои оддитарини маданияти маънавӣ вуҷуд дошта бошад.

Бояд зикр намуд, ки дар солҳои бачагӣ ҳар одам мехоҳад, ки лутфу эҳсон ва меҳрубонӣ бубинад, ки ин як навъ ба дасткушодӣ рабт дорад. Агар дар оила, мактаб ва ҷоме кӯдак дар рӯҳияи бетараҳумӣ ва лутфу эҳсон ба камол расад, ин дар ташаккули шахсияти ӯ хавфи калон дорад. Бинобар ин, кӯшиш намудан даркор, ки аз синни хурдӣ дар кӯдакон ҳисси *дасткушодӣ* нисбат ба одамони касалманд, пиронсолону хурдтаракон ва касони ба ёрӣ мӯҳтоҷбуда ташаккул ёбад.

Бояд ёдовар шуд, ки дасткушодӣ танҳо ба муҳтоҷон, касалмандон ва пиронсолону хурдтаракон ёрӣ расонидан нест. Ин як ҷузъи тарбияи дасткушодӣ мебошад. Ба касе сухани хуб гуфтан, муносибати боэҳтиромонаю брилтифотона мнамудан низ маънои хайру эҳсон ва дасткушодиро дорад. Маҳз, мана ҳамин хислаторо аз хурдӣ бояд дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол бояд тарбия намуд. Ба андешаи мо тарбияи дасткушодӣ низ як воситаи самараноки дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ мебошад. Вақте ки дар дили кӯдак ҳиси меҳру тараҳум ҷой мегирад, ин ӯро водор месозад, ки ба падару модар, дӯст, рафиқ ва дигарон некӣ кунад. Ё ин ки агар кӯдакон шарики шодиву ғаму ғуссаи дигарон шуданро ҳис кунанд, албатта дар онҳо майлу хоҳиш ва ҷуръати ба одамон некӣ кардан пайдо шудан мегирад, ки ин ҳам дасткушодӣ мебошад. Бинобар ин, бояд воситаҳоии тарбиявиеро исифода бурд, ки кӯдакон нисбат ба мушкилот ва ғаму андӯҳи дигарон бепарво набошанд ва ғамхорӣ дар ҳаққи дигаронро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобанд.

Масалан, мактаббачаи хурдсол ба мактаб рафта истода мебинад, ки кӯдаке ба замин афтида, гиря мекунад.  Мактаббача дарҳол ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки аз ҷой хезад ва меҳрубонӣ мекунад, ки гиря накунад.

Албатта барои ин амал ба мактаббачаи хурдсол ҷуръатнокӣ лозим аст. Ҳол он ки на ҳамаи кӯдакон чунин амалро иҷро мекунанд шаҳодат медиҳад. Албатта агар дар ин мактаббача ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул намеёфт, ӯ ин корро ба анҷом расонида наметавонист. Гузашта аз ин ёрии худро аз касе дареғ надоштан ин худ дасткушодӣ аст. Агар кӯдак дар муҳити бетараҳумӣ калон шавад, на ин ки нисбат ба бегонагон, балки нисбат ба падару модар ва наздикони худ низ бешафқатӣ зоҳир менамояд.

Ё ин ки  аз ҷониби хурдсолон тарзи ба калонсолон ҷой додан дар нақлиётро гирем, ки ин амал низ кушодадилӣ рабт дорад. Аз ин рӯ, бояд ба кӯдакон омӯзонем, ки ба калонсолон дар нақлиёти ҷамъиятӣ ҷой диҳанд. Аз сӯи дигар дар аксари ҳолатҳо мушоҳида мекунем, ки кӯдакон дар нақлиётиҷамъиятӣ ба калонсолон ҷой намедиҳанд ва бо падару модарашон нишаста мераванд. Ё худ, кӯдакон намедонанд, ки чӣ тавр ҳангоми ҷой додан ба калонсолон муроҷиат намояд. Аз ҳама асосиаш он аст, ки бачаҳо бинобар сабаби беҷуръатӣ ин амалро иҷро карда наметавонад.

Дар байни дигар шаклҳои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол, тарбияи намудан малакаи *дақиқкорӣ* низ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар сурати дар инсон ташаккул ёфтани *дақиқкорӣ,* ӯ наметавонад аз паҳлӯи шахси имдодталаб ва дар изтироббуда бепарво гузашта равад. Ӯ ба шахси ба ёрӣ муҳтоҷбуда ёрии амалӣ расонида натавонад ҳам, бо ӯ ҳамдард шавад, он шахс худро хело сабук ҳис мекунад. Ё ин ки агар кӯдак бо дӯст ва рафиқаш содиқ бошад, ҳеҷ гоҳ мушкилоти рафиқаш барои ӯ бе фарқ буда наметавонад, ки ин нишони дақиқназарии ӯ ба ҳисоб меравад. Ӯ дақиқназарии худро исбот карда, ҳатман ба рафиқаш кӯмак менамояд. Ӯ ба рафиқаш кӯмак расонида, худро ором ҳис мекунад. Бинобар ин, дар тарбияи кӯдакон бояд ба он ноил шуд, ки андӯҳ ва мушкилоти дӯст, рафиқ ӯро як лаҳза ором нагузорад.

Бояд зикр намуд, ки тарбияи *қарзи виҷдон* дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҳамчун воситаи тавоное ба шумор меравад. Тарбияи қарзи виҷдон ҷараёни амиқи зеҳнӣ ва эмотсионалӣ мебошад, ки одам солҳои кӯдакию наврасӣ аз сар мегузаронад. Ҷараёни тарбияи қарзи виҷдон алифбои ғои маънавиёт ва эътиқод мебошанд.

Ташаккули қарзи виҷдон ҷараёни мураккаб буда, ҳамон роҳе мебошанд, ки тарбиятгар тавассути он ба ҷаҳони маънавии тарбиятгаргиранда ворид шуда метавонад. Бидуни ин таъсиррасонӣ ба қалби нозуки тарбиятгар таъсир расонидан ғайри имкон аст. Тавассути мавҷудияти қарзи виҷдон одатҳои ахлоқӣ ба меъёрҳои рафтори ахлоқӣ ва ба сарвати маънавии шахсият табдил меёбанд.

Агар муҳимтарин ҷиҳатҳои маданияти ахлоқӣ маҳз дар синни хурди мактабӣ тавассути малакаи қарзи виҷдон ба ҳукми одат надароянд, пас одам аз онҳо абадӣ маҳрум мегардад, ки сарвати гумгашта дигар ҳеҷ гоҳ ба даст нахоҳад омад. Бинобар ин, кӯшиш намудан зарур, ки дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол нисбат ба ҳамаи он чӣ ки дар муҳит ба вуқӯъ меояд, эҳсоси боилтифотию диққатназарӣ бедор карда шавад.

Хеле муҳим аст, ки ҳодисаю воқеаҳои гирду атроф, махсусан муносибати байни одамон мактаббачагони хурдсолро на як бору ду бор мутаасир карда бошанд ва ӯро маҷбур намоянд, ки ҳамаи ин эҳсосотро бо тамоми гуногуниҳояш ҳамчун қарз бо ҳисси ҳамдардӣ ва раҳму шафқат ба дарди дигарон то ба хашму ғазаб аз зуҳуроти бадию бадкирдорӣ дарк кунад.

Дар бораи тарбияи қарзи виҷдон сухан ронда, боя таъкид намуд, ки вазифаи омӯзгорон ва падару модарон аз он иборат аст, ки дар мактаббачагони хурдсол беҳтарин ва муҳимтарин хислатҳоро ба анъана табдил диҳанд. Пеш аз ҳама зарур аст, ки дар мактаббачагони хурдсол одати сарфи назар кардани манфиати худ барои мадад расонидан ба дигарон ташаккул дода шавад. Ба анъана мубаддал гаштани қарзи виҷдон яке аз ҷузъҳои басо мураккаби тағйирёбии шуур мебошад, ки ин

дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мавқеи муҳимро мебозад.

Имрӯз низ барои ба вуҷуд овардани анъанаҳои нав, ки бояд қувваи бузурги ахлоқӣ дошта бошанд, кори бисёр ва хеле ҷиддӣ бояд анҷом дода шавад. Одатҳои адои қарзи виҷдон, ки ба ҳукми анъана даромадаанд, барои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол иқтидори бузурге доранд ва қувваи тарбиявии онҳо низ маҳз дар ҳамин аст.

Дигар ҷиҳати муҳими ба одат табдил ёфтани адои қарзи виҷдон баҳои воқеӣ додан ба рафтору амалиёти худ мебошад. Барои он ки одам ба рафтору амалиёти худаш баҳои сазовор дода тавонад, зарур аст, ки азму ирода ва рӯҳи қавӣ дошта бошад. Азму ирода ва рӯҳи қавӣ дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол хеле муҳим аст. Бисёр муҳим аст, ки мактаббачаи хурдсол на фақат ба рафтору амалиёти нек, балки ба амалиёти ношоистаю тоқатнопазир низ, баҳои воқеӣ дода тавонад.

Тарбияи қарзи виҷдон, ин таъмини алоқамандии принсип ва рафторҳои ахлоқие мебошанд, ки омӯзгор тарбиягирандаро ба фаҳмиши он водор месозад. Ташаккули ахлоқи шоиста-муҳаббат ба Ватан, садоқат ба ормонҳои миллӣ, принсипнокӣ ва монанди инҳоро дар ҳар сари қадам такрор кардан ва ба корҳое, ки алифбои маданияти маънавӣ ба шумор меравaнд, алоқаманд кунонидан зарур аст.

Муҳим будани қарзи виҷдонро дар ташаккули шахсияти мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб гирифта, мо барномаи ташаккули одатҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсолро тартиб додем, ки дар он чунин одатҳо дохил карда шудаанд: кори саркардаро ба охир расонидан; корро сарам-дилам не, балки аз сидқи дил иҷро кардан; кори худро ба дигарон вогузор накардан; истифода накардани ҳосили меҳнати одамони дигар; сарфи назар аз «худи»-ю «бегона» буданашон ба пирон, дардмандон ва одамони танҳо ёрӣ расонидан; шодмонӣ ва шавқу шодии

худр ба талаботи одамони дигар мувофиқ кунонидан; роҳ надодан ба он ки хоҳиши шумо боиси ташвиш ва нороҳатии ягон кас гардад; рафтори ношоистаи худро пинҳон надоштан ва дар бораи он ба касе, ки лозим медонед, мардонавор гуфтан.

Тарбияи қарзи инсонӣ ягон навъ метод ва ё усули махсусро талаб намекунад. Он дар худи муносибатҳои байни одамон ниҳонанд. Дар ин самти басо муҳимми тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ омили асосие, ки ба рафтори нек ҳидоят карда метавонад, виҷдон ва азму иродаи худи мактаббачаи хурдсол аст. Тарбия набояд аз амру фармон ва итоаткории бечунучаро иборат бошад. Мактаббачаи хурдсол бояд ҳамеша эҳсос кунад, ки бе азму иродаи қавии ӯ рафтору амалиёти хуб имконнопазир аст. Ин махсусан дар ҳолате муҳим аст, ки агар вазъият аз мактаббачаи хурдсол баҳои дуруст додан ба рафтори ношоистаро талаб намояд.

Тарбияи қарзи инсонӣ сабру тоқати бузург ва муносибати махсусро талаб мекунад. Дар он ҷойе, ки барои ҳар рафтори эҳтимолии ношоиста ҷазои муайяне пешбинӣ шудааст, дар бораи ташаккули қарзи инсонӣ ҳоҷати сухан гуфтан ҳам нест.

Аз нуқтаи назари мо, муҳитарин воситаи дар мактакббачагони хурдсол тарбия намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ ин таъсири сухан аст. Имрӯз тарбия тавассути сухан сусттарин ва дардмандтарин ҷиҳати кори тарбиявӣ дар мактаби муосир ба ҳисоб меравад. Дар баъзе ҳолатҳо набудани тарбияи дурусти моҳирона тавассути сухан, сабабгори нохушиҳои зиёде мегардад. Масъалаи тавассути сухан тарбия намудан, яке аз муҳимтарин масъалаҳоест, ки барои амалӣ намудани он, ҳам корҳои назариявӣ ва ҳам корҳои амалии бисёрero анҷом додан зарур аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки сухани муаллим дар дили кӯдак эҳсоси одамгарӣ-эҳсосеро мепарварад, ки кас худро шарики шодию андӯҳи одамон медонад, манфиату эҳтиёҷоти онҳоро эҳтиёҷи худ мешуморад.

Дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо кӯшиш намудем, ки ба воситаи истифода бурдан аз таъсири сухан дар мактаббачагони хурдсол

майли фаъоли аз худ кардани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ бедор карда шуда, зарурияти дар рафторҳои амалии худ истифода бурдани онҳо ташаккул дода шавад. Тарбия намудани рафтори дуруст бидуни дарки меъёрҳои ахлоқӣ ғайри имкон аст. Вазифаи асосии истифода бурдан аз таъсири сухан, ин бо далелҳои мушаххас ба мактаббачагони хурдсол фаҳмонидани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки ҳангоми истифода бурдан аз таъсири сухан гузаронидани саволу ҷавоб, баҳсу мунозира бо хонандагон ба мақсад мувофиқ мебошад. Омӯзонидани маҳорати таҳлил намудани далелҳо, муносибати бошуурона доштани мактаббачагони хурдсол нисбат ба рафторҳои ахлоқӣ, водор намудан онҳо ба дарки рафторҳои шоиста хеле зарур мебошад. Сарчашмаи гузаронидани саволу ҷавоб маводи адабӣ, далелҳо аз ҳаёти худи коллективи хонандагон, ки ба сӯҳбатҳо тобиши эътимоднок мебахшанд, ба ҳисоб меравbooкванд.

Масалан, омӯзгор ҳангоми саволу ҷавоб метавонад саволҳоеро пешниҳод намояд, ки тавассути онҳо тасаввуротҳои пештараи хонандагон дар бораи қоидаҳои ахлоқӣ аз нав ба хотир оварда шаванд. Масалан, аз қабили: «Агар шумо ба ҷойи қаҳрамони ҳикоя мебудед, чӣ гуна рафтор менамудед?», «Кадом рафтору муносибати мо сабаби хира шудани табъи модар мегардад?», ва ғайра.

Ҳангоми истифода бурдан аз таъсири сухан барои фаъолнокию мустақилиятнокии хонандагон шароити зарурӣ фароҳам оварда, онҳоро водор намудан зарур аст, ки ақидаи худро озодона баён намуда, онро ҳифз карда тавонанд. Ҳангоми истифода бурдан аз таъсири сухан интихоби мавзӯи сӯҳбат хеле зарур аст. Мазмуни сӯҳбатҳоро тавре ба ақлу идроки хонандагон расонидан зарур аст, ки қоида ва меъёрҳои ахлоқии азхудкардашуда ба интихоби дурусти рафторҳои ахлоқӣ дар ин ё он вазъияти муайян мусоидат намоянд. Бинобар ин, ҳангоми шинос намудани мактаббачагони хурдсол бо меъёрҳои рафтори ахлоқӣ кӯшиш

бояд намуд, ки кӯдакон дар ин бора андеша намоянд, яъне онро дарк намоянд.

Агар омӯзгор хоҳад, ки сухани ӯ ҳамеша ба дили мактаббачагони хурдсол роҳ ёбад, ӯ бояд ба он ноил шавад, ки сухани бо ҳарорати баланд гуфтаи муаллим таъсири тарбиявии амиқ дошта бошад. Сухан ба кас ҳамон вақт таъсири амиқ мегузораду инсонро ба изтироб меорад, ки агар аз самими дил гуфта шуда, ба дили кас роҳ ёбад, ҳамчун фикри муқаддас садо диҳад ва дурустии он аз имтиҳони худи кас гузашта бошаду барои ёфтани ҷавоби чунин саволе мусоидат кунад: «Ман бояд ба манфиати Ватан, халқу миллат ва дигарон чӣ коре кардаам?

Маҳз сухан аслиҳаи нозуку тавоноест, ки тавассути он дар қалби бачаҳо маҳорати дар чашмони одамон дида тавонистани нозуктарин тобишҳои азобу машақат, аз қабили ғаму андӯҳ, изтиробу ҳаяҷон, малоли хотир, ҳасрату нокомӣ, танҳоиро бедор кардан мумкин мебошад. Дар ин ҷо албатта мақсад танҳо дар кӯдакон ба вуҷуд овардани эҳсоси раҳмдилӣ нест. Мақсад аз он иборат аст, ки кӯдакон бо муносибати басо нозуки инсонӣ ошно карда шаванд. Ба он муваффақ шудан даркор, ки ҳар як кӯдак бо одаме, ки мӯҳтоҷи ёрию ҳамдардӣ бошад шарики дарду андӯҳи ӯ гардад ва аз ҳама муҳимаш ба ӯ ёрӣ расонад.

Мо умуман, ба ақидаи баъзеҳо розӣ нестем, ки инсонро тавассути сухан тарбия кардан мумкин нест, мегӯянд. Тарбияи тавассути сухан, ки гӯё тарбияи яктарафа мебошад, имрӯз дар мактабҳо зарари бисёре оварда истодааст ва боз хоҳад овард. Мутаасифинона, ҳастанд омӯзгороне, ки таъсири тарбияви суханро нодида мегиранд. Онҳо бештар усули ба хонанда фишороввариро истифода мебаранд, ки ин дар синфҳои болоӣ ба мунокишаи байни омӯзгору хонанда оварда мерасонад, яъне ба фикри баъзе муаллимон чизӣ асосӣ назорати пурзур аз болои кӯдак ва бо зурӣ тобеъгардонии ӯ мебошад. Бовар накардан ба таъсири сухан боиси инкишофи соддалавҳӣ ва бемаданиятии педагогӣ мегардад.

Баъзан омӯзгорон барои ислоҳ намудани кӯдакон аз чунин усули соддалавҳона, аз қабили «Канӣ ваъда деҳ, ки дигар бо рафиқат мунокиша намекунӣ», «Канӣ ваъда деҳ, ки минбаъд баҳои ду намегирӣ», «Канӣ ваъда деҳ, ки дигар аз дарс қафои намемонӣ» ва ғайра. Мактаббача аз чунин муносибат ғайр аз сохтакорӣ чизи дигареро эҳсос намекунад. Бо таасуф бояд қайд намуд, ки баъзе омӯзгорпон бе таҳқиқи ҷиддӣ ва бе мулоҳиза намудан, мактаббачаро гунаҳгор мекунанд. Дар ҳаёти мактаббачагони хурдсол даҳҳо ходисаҳое рух медиҳанд, ки ба онҳо маҳз аз ҳамин нуктаи назар баҳо додан мумкин нест.

Зикр бояд намуд, ки ҳангоми истифода бурдан аз таъсири сухан ба он ҳеҷ гоҳ тобиши таънаомез додан даркор нест, хонандагогро ба қаҳрамонони ҳикояҳо муқоиса кардан даркор нест, ки ин ба ташаккули сифатҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол зарбаи сахт мерасонад. Ногуфта намонад, ки имрӯз мутаассифона, баъзе аз омӯзгорон дар кори тарбияи мактаббачагон ба таври бояду шояд аз таъсири пурқуввати сухан истифода намебаранд. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби педагоги барҷаста А.С. Макаренко мебошад, ки навишта буд: «Ман мӯътақидам, ки суханҳои пухтаю пурқуввати гуфташуда аҳамияти бузург доранд ва мумкин аст дар мо ҳоло ҳам дар корҳои тарбиявӣ хатогиҳо зиёд бошанд, чунки аксар дар бештари ҳолатҳо ба таври даркорӣ бо бачаҳо гуфтугӯ карда наметавонем. Ҳоло он ки бо онҳо тавре бояд суханронӣ намуд, ки дар сухани шумо иродаи шумо, маданияти шумо, шахсияти шуморо эҳсос намоянд [111, с. 240].

Яке аз шаклҳои санҷидашудаи истифода бурдан аз таъсири сухан ин ташкилу гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ мебошад. Сӯҳбатҳои ахлоқиро ташкил намуда, мо кӯшиш намудем, ки аҳамияти маърифатнокии ахлоқиро аз будаш зиёд нишон надода, онҳоро ба рафторҳои ахлоқии хонандагон алоқаманд намоем, яъне сӯҳбатҳо дар мавзӯъҳои ахлоқӣ бояд бо назардошти ҳаёт ва фаъолияти худи хонандагон алоқаманд

карда шаванд. Дар ин сурат сӯҳбатҳо ба хонандагон таъсири хуби тарбиявӣ расонида метавонанд.

Як имконияти хуби ташкил намудани сӯҳбатҳои ахлоқӣ ин истифода бурдан аз нақлу ҳикояҳои китобҳои дарсӣ ва китобҳои бачагона барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар байни дигар китобҳои дарсӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ таълифшуда, китоби забони модарӣ барои гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ имконияти фарохтар дорад. Имконияти фаровони мазмуни китоби забони модариро дар ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба эътибор гирифта, дар рафти корҳои озмоишӣ мо ҳамон мавзӯъҳоеро интихоб намудем, ки як андоза дар хонандагон мафҳумҳои ахлоқиро боз ҳам пурра менамуданд. Дар якҷоягӣ бо муаллимон усулҳои истифодаи ин мавзӯъҳоро ҷиҳати васеъ намудани тасаввуроти ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва барои ғанӣ гардонидани донишҳои ахлоқии онҳо дар якҷоягӣ бо рафторҳои ахлоқиашон кор карда баромадем.

Нақлу ҳикоя ва ривоятҳои ин китоб як имиконияти хуби дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ мебошанд. Дар синфҳои таҷрибавӣ муаллимон бо тавсияи мо сӯҳбатҳои ахлоқиро ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ такмил дода, роҳу воситаҳои боз ҳам фаъол намудани ҷараёни бою ғанӣ сохтани тасаввуротҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсолро ҷустуҷӯ намуданд. Дар вақти гузаштани ҳар як дарс сарфи назар аз мавзӯи дарсӣ омӯзгорон имконияти тарбияи маърифати ахлоқӣ доштани ин ё он мавзӯъро ба нақша мегирифтанд. Асосҳои ахлоқии донишҳои азхудкардашуда ва ба ҳам алоқамандии онҳоро шарҳу эзоҳ дода, муаллимон хонандагонро барои мустақилона хулоса баровардан ва баҳо додан ба ин ё он вазъияти баамаломада кӯмак менамуданд.

Мо мехоҳем аз китоби В.А. Сухомлинский «Тавлиди гражданин» мисолеро пешкаш намоем. В.А. Сухомлинский менависад, ки «Ман

боварӣ ҳосил кардам, ки тантанаи эҳсоси накӯхоҳона, ки дар соатҳои рӯҳбаландӣ аз зебогии ахлоқ сурат мегирад, қобилияти ба ҳодисаҳою воқеаҳои муҳити атроф бо амри дил ҳамроҳ шуданро қувват медиҳад. Маҳз дар ҳамон рӯзҳое, ки писарон ва духтарон аз образҳои афсонаи А.М. Горкий мутаассир гашта буданд, онҳо аз зуҳуроти бепарвоӣ, худпарастӣ дар қаҳр мешуданд. Онҳо дар бораи марди чиҳилсолае, ки ҳангоми ғарқ шудани писарбачае моҳӣ мегирифтаасту барои халос кардани ӯ ҳатто аз ҷояш наҷунбида, ҳаракат ҳам накарда будааст, бо ҳаяҷону изтироб ва хашму ғазаб гап мезаданд. Тракторчие, ки аз назди дарё мегузашт, худро ба об меандозаду бачаро наҷот медиҳад». Ба ақидаи мо, агар аз як тараф марди моҳигир барои наҷот додани писарбача бепарвоӣ зоҳир карда бошад, шояд аз ҷониби дигар, бинобар сабаби беҷуръатӣ ин амалро иҷро накардааст. Ё худ дар бачагӣ ва наврасӣ ба ӯ мутаассиршавӣ, адои қарзи инсонӣ, некдилӣ, боназокатӣ, дасткушодӣ, тараҳум, некӯкорӣ барин ҳиссиёти баланди ахлоқиро наомӯзонидаанд. Албата, дар айёми бачагӣ ба кӯдакон наомӯзонидани чунин хислатҳои неки инсонӣ дар ташаккули минбаъдаи шахсияти онҳо хавфи ҷиддӣ дорад. Дар синни ҷавонӣ ислоҳ намудани чунин норасоиҳо заҳмати сангинро талаб менамояд.

Қайд кардан лозим, ки хонандагонро дар вақти гузаронидани сӯҳбатҳоии ахлоқӣ барои таҳлилу муҳокимаронӣ намудани ин ё он вазъияти муайян водор кардан зарур аст. Ин ҷиҳатро ба эътибор гирифтан, ҳам барои хонанда ва ҳам барои коллективи синф хеле муҳим аст. Дар сурати фикр кардану муҳокима рондан кӯдакон метавонанд якдигарро санҷанд ва пурра намоянд, ба ақидаи худ истодагарӣ карда тавонанд. Дар ин сурат омӯзгор низ донишҳои ахлоқии азхудкарда хонандагонро фаҳмида мегирад.

Дар баробари ин, омӯзгорон бояд худро ба он тасаллӣ надиҳанд, ки ба воситаи ташкил карда гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ образи барҷастаи бузургӣ ва зебогии ахлоқро ба вуҷуд оварда, ақлу дили

кӯдаконро мафтун мегардонанд. Кӯдакон бояд ба он водор карда шаванд, ки дар бораи рафтору кирдори худ фикр кунанд, ба худ аз нуқтаи назари танқидӣ нигоҳ кунанд. Бигузор омӯзгорон гумон накунанд, ки бо истифода аз таъсири сухан чизи табъи дилашон ташаккул меёфта бошад. Ин танҳо ибтидои он кори серсоҳаи тарбиявӣ аст, ки дар он эътиқоди идеявии мактаббачаи хурдсол тавлид меёбад. Ин гӯё ғизои маънавиест, ки омӯзгор ба шогирд медиҳад, вале дар ин ғизо қувваи бузурге ниҳон аст ва тамоми фаъолияти маънавии мактаббачаи хурдсол ба бузургии ин қувва вобаста мебошад. Ба эътиқод табдил ёфтани ғояҳо ба қудрату тавоноии ҳамин ғизои маънавӣ, ба кору машғулияти мактаббачаи хурдсол ва ба самти амалиёти эҳсосоти ӯ алоқаманд аст.

Зикр бояд кард, ки омӯзгор бояд дар бораи одамони хушахлоқ, ҷасур, боғурур ва соҳиби дили бузург пайваста сӯҳбатҳои ахлоқӣ ташкил карда гузаронад. Мурод аз ин гуфтаҳо аз он иборат аст, ки кӯдакон нисбат ба бадию бадкирдорӣ ҳисси кинаю адоват пайдо намоянд ва дар баробари ин, оид ба самимият, вафодорӣ ва некӯкорӣ тасаввуроти муайян ҳосил намоянд. Ҳамзамон, бояд омӯзгорон кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ҳангоми гузаронидани чунин сӯҳбатҳо тадриҷан дар мактаббачагони хурдсол ҳар чӣ бештар малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул ёфтан гирад.

Дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ташкили корҳои гуногуни коллективона аҳамияти калон доранд. (дар ин бора дар зербанди алоҳидаи диссертатсия муфассал ибрози назар мегнамоем). Ҳангоми иҷрои кори коллективона ҳар як хонанда як супориши муайянероо иҷро менамоянд ва муаллим бошад, имконияти хубе пайдо мекунад, ки қобилият, имконият ва муносибати байниҳамдигарии хонандагонро мушоҳида ва ошкор намояд. Албата, дар байни хонандагон нафароне ҳастанд, ки аз ӯҳдаи супоришҳо ба осонӣ баромада метавонанд ва дар баробари ин, бачаҳое ҳастанд, ки

супоришҳоро бо душворӣ иҷро менамоянд. Баъзе хонандагон мехоҳанд ба рафиқи худ ёрӣ расонанд, вале бинобар сабаби беҷуръатӣ ин амалро иҷро намекунанд. Онҳо фикр мекунанд, ки шояд рафиқашон аз ин амали онҳо меранҷад, ё шарм медорад. Дар ин ҷо бачаҳои фаъол бояд тавре рафтор намоянд, ки рафиқашон аз ёрии расонидашуда хиҷолатмандии худро эҳсос накунад, ёрии расонидашударо бо хушнудӣ қабул намояд. Ҳамзамон, бачаҳои фаъол ҷуръате пайдо кунанд, ки илоҷи ба рафиқ кӯмак намуданро дарёбанд.

Маврид ба зикр аст, ки бояд иҷрои кори нек дар қалби мактаббачаи хурдсол ҳиссиёти наҷибу хайрхоҳонаро ба вуҷуд орад, вагарна аз чунин кори иҷронамуда мурode ҳосил намегардад. Агар барои мактаббачаи хурдсол кори нек баробари тайёр кардани дарс қимат дошта бошад, агар ӯ солҳои кӯдакӣ ва наврасӣ ягон маротиба чӣ будани бо амри дил иҷро намудани кори хайреро ҳис накарда бошад, он гоҳ ӯ аз ҷиҳати маънавӣ бо ҳар ду по хоҳад лангид. Агар барои мактаббачагони хурдсол ҳама чиз, ҳам кори хубу ҳам бад амри тасодуф бошад, пас дар бораи ягон тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ ҳарф задан зарурият надорад. Бинобар ин, бароҳмонии корҳои тарбиявӣ бо мақсади ба сарвати ботинӣ табдил ёфтани эътиқод, ғоя, ақидаҳои сиёсӣ, маънавӣ ва эстетикии одам сафарбар карда шавад. Ҳамин тавр, омӯзгорон ва падару модарон метавонанд дар мактаббачагони хурдсол дилбастагӣ ба зебогии ахлоқро парвариш диҳанд.

Одам ба таври ҳақиқӣ дар мубориза маънавӣ танҳо ҳамон вақт ташаккул меёбад, ки азму иродаро ба кор андохта, хоҳиши дуюмдараҷаи худро тобеи мақсади асосӣ гардонад, бар душворӣ ғолиб омада, шодмонӣ кунад, эҳсоси пуризтироби эҳтироми шахсияташ дар назари худи ӯ хеле пурзӯр гардад.

### 1.3. Ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми дарс ва корҳои берунасинфӣ.

Дар илми педагогика исбот шудааст, ки таълим дар баробари иҷро намудани вазифаҳои маълумотдиҳӣ, инкишофдиҳандагӣ, ҳамзамон вазифаи тарбиявиро низ иҷро менамояд. Агар дарс хубу мақсаднок ташкил карда шавад, ғайр аз ташаккули зеҳни хонандагон ҳамзамон, дар хонандагон метавонад сифатҳои ахлоқи ҳамидаро тарбия намояд. Бинобар ин, таълим имкониятҳои зиёди дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқиро дар худ доро мебошад.

Барои ба ин мақсад ноил шудан, зарур аст, ки дар раванди таълим аз усулҳои самарабахши таълиму тарбия оқилона истифода бурда шавад. Дар раванди таълим дар мактаббачагон чунин мафҳумҳои ахлоқӣ, аз қабили кору фаъолият намудан дар коллектив, супоришҳои коллективро иҷро намудан, дар худ тарбия намудани хоксорӣ, поквиҷдонӣ, ҷуръатнокии ахлоқӣ ва инсондӯстӣ ташаккул меёбанд.

Таълим ҳамчун фаъолияти асосӣ дар сурати мавҷуд будани шароити муайяни педагогӣ ба таври фаъол ҳам иқтидори зеҳнию маърифатнокии мактаббачагонони хурдсолро ташаккул медиҳад ва ҳам низоми муносибатҳои онҳоро дар коллективи ҳамсолону калонсолон ва ҷомеа ба шакл медарорад. Шиносоӣ ба мазмуни маводи китобҳои дарсӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ шаҳодат медиҳад, ки дар ҷараёни таълим тасаввуротҳои хонандагон оид ба муҳити иҳотакардашуда, муносибатҳои ахлоқии одамон ба коллективу ҷомеа тақвият меёбад, ки ин ба азхудкунии қоидаҳои оддии ахлоқ ва рафторҳои ахлоқии дар ҷомеа қабулшуда мусоидат менамояд.

Воситаҳои асосӣ ва шарти самараноки баланд бардоштани ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро муайян намуда, дар асоси хулосабарорӣ мо зарурияти имконияти тарбиявии ҷараёни таълимро ҳамчун фаъолияти пешбарандаи мактаббачагони хурдсол муайян намудем.

Вазифаи таълим «пеш аз ҳама дар фаъолона ва бошуурона аз худ намудани асосҳои дониш ва ҳамзамон истифодаи донишҳои

азхудкардашуда дар рафторҳои амалӣ ифода меёбад Тамоми мазмуни фанҳои таълимӣ, мафҳумҳо, қоидаҳо, хулосабарориҳо, мантиқи фанҳои таълимӣ, усулҳои дар амал татбиқ намудани донишҳо, шахс ва шуури ӯро тарбия мекунанд»

Дар рафти дарс мумкин аст, ки ҳиссиёту эътиқоди ахлоқӣ бедор ва ташаккул дода шуда, водор карда шавад, ки дар бораи дурустии ин ё он рафтор андеша карда шавад. Мазмуни маводи таълимӣ имконият фароҳам меорад, ки хонандагон фикр намуда, нуқтаи назари хешро иброз доранд. Дар рафти дарс корҳои коллективона ва гурӯҳиро ба роҳ мондан мумкин аст, зеро ҳангоми ба таври оқилона истифода бурдан аз ин усули таълим ба инкишофи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири хуб расонидан аз эҳтимол дур нест».

Таҷрибаи шахсии педагогӣ ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки бе муҳайё намудани фаъолияти ба мақсад мувофиқи таълимӣ дар тарбияи хонандагон муваффақияти назаррасро ба даст даровардан мушкил аст. Аз худ намудани маводи таълимӣ барои мактаббачагони хурдсол барои аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ қадами аввалин мебошад. Қайд намудан лозим аст, ки на дар ҳамаи китобҳои дарсӣ маводи тарбиявии бевосита ба қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ таалуқдоштаро дучор шудан мумкин аст. Аҳамияти ин вазифа он қадар бузург аст, ки бояд тамоми имкониятҳоро истифода барем, то мазмуни тарбиявӣ доштани маводи таълимии китобҳои дарсиро пурқувват намуда, имконияти мушаххаси таъсири он ба рафторҳои ахлоқии хонандагон таъмин карда шавад.

Таҳлили 60 дарси омӯзгорони фанҳои забони модарӣ, математика, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат нишон дод, ки омӯзгорон алоқадри ҳол имкониятҳои таълимро дар тарбияи ахлоқии хонандагон истифода баранд ҳам, вале бештар ба ҷиҳатҳои дидактикии дарс аҳамият медиҳанду аз хонандагон бештар риояи тартибу низомро талаб менамоянд.

Шиносоӣ бо дафтари иштирок ба дарсҳои ҷонишинони директорон оид ба таълими синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон дод, ки онҳо ҳангоми иштирок ба дарсҳои омӯзгорон ба ҷиҳатҳои тарбиявии дарс хело кам аҳамият медиҳанд, ҳангоми таҳлили дарсҳо диққати асосиро бештар ба сатҳи донишандӯзии хонандагон ва усулҳои таълим равона месозанд.

Ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоиро ҳангоми муҳайё намудани шароити муайян дар аксарияти дарсҳо вобаста ба мавзӯъҳои дарсӣ таъмин намудан мумкин аст. Бо мақсади муайян намудани имкониятҳои раванди таълим дар ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мо барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ барои хонандагони синфҳи ибтидоиро таҳлил намудем.

Таҳлили китобҳои дарсии солҳои охир нашршуда барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон дод, ки муллифон хусусиятҳои синнусолии мактаббачагони хурдсолро ба эътибор гирифта, мавзӯъҳоеро интихоб намудаанд, ки як андоза ба ташаккули муносибати хонандагон нисбат ба ҷомеа, табиат, муҳити атроф ва ташаккули рафторҳои ахлоқии онҳоо мусоидат мекунанд.

Маводи китобҳои дарсӣ барои дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, дӯстиву рафоқат, коллективизм, муносибати фаъол нисбат ба олами мавҷудбуда, меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми зиёд нисбат ба одамони аҳли меҳнат нигаронида шудаанд, ки ин бе шубҳа дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ёрии калон расонида метавонанд.

Китоби забони модарӣ, ки дар он матнҳои зиёди тарбиявӣ ворид карда шудааст, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ воситаи муҳими ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ ба ҳисоб рафта, дар ғанӣ гардонидани рафторҳои ахлоқии онҳо кумаки амалӣ расонида метавонад. Маводе, ки дар ин китоб оварда шудааст, ба ҳиссиёт, ирода ва тахайюли кӯдакон таъсири бевосита мерасонад.

Дар барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ба пайдарпай ва аз рӯи низоми муайян омӯхтани мавзӯъҳои дасӣ аҳамияти махсус дода шудааст ва дар баробари ин, дар барномаҳои таълимии солҳои охир барои фанни забони модарӣ таълифшуда хусусиятҳои тарбиявии фанҳои таълимӣ диққати даркорӣ дода шудааст.

Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки то кадом андоза маводи ин китоб имконият медиҳад, то тасаввуроти хонандагон оид ба мафҳумҳои коллективизм, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ, тараҳум, садоқат, адои қарзи инсонӣ, адолатпешагӣ ғанӣ гардонида шавад, ки ин барои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоиро хело муҳим мебошад. Дар асоси омӯзиши маводи китоби мазкур мо ба хулосае омадем, ки мазмуни шеъру ҳикояҳои дар ин китоб ҷойдодашуда имконият медиҳанд, ки оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар давоми соли хониш кори самаранок ба роҳ монда шавад.

Бештари шеъру ҳикоя ва сурудҳои дар ин китоб ҷойдодашуда бо забони барои бачаҳо мувофиқу фаҳмо навишта шудаанд, ки хонандагон на танҳо мазмуни дидактикии онҳоро аз худ мекунанд, балки рафторҳои қаҳрамонҳои шеъру ҳикояҳо ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Дар шеъру ҳикояҳо воқеаҳое инъикос ёфтаанд, ки ба шавқу рағбат ва таҷрибаи ҳаётии худи кӯдакон наздик мебошанд. Дар баробари ин, қайд намудан бамаврид аст, ки на ҳамаи маводи таълимии китобҳои дарсӣ ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд. Масалан, дар матнҳои китобҳои дарсӣ ва саволу супоришҳо оид ба матнҳо чунин масъалаҳои муҳим ба назар гирифта нашудааст:

– дар мавзӯи адои қарзи инсонӣ низ мавзӯҳо кам интихоб карда шудааст;

– вобаста ба мавзӯи инсондӯстӣ матнҳое интихоб карда шудаанд, ки дар онҳо асосан мафҳуми муҳаббат ба модар инъикос ёфтааст;

– дар масъалаи адолатпешагӣ муносибати эҳтиёткорона ва беғаразона нисбат ба рафиқ мавзӯъҳо кам интихоб гардидаанд;

– дар мавзӯи садоқатнокӣ низ маводи камро дучор шудан мумкин аст ва ғайра.

Бо вуҷуди ин, таҳлили мавзӯъҳои китоби дарсии забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки бештари машқҳо ва матнҳое, ки дар ин китоб ворид карда шудаанд, дар сурати оқилона истифода бурдан аз онҳо ба тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон мусоидат менамоянд. Масалан, барои тасдиқи ин гуфтаҳо аз китоби забони тоҷикӣ барои хонандагони синфи 4-юм (М. Зиёев, У. Эрматов, Ф. Олимова ва дигарон, Душанбе, 2012) шеъру ҳикояҳои «Суруди ваҳдат», «Ангушт ва мушт», «Деҳқон», «Табиат намебахшад», «Гиряи хирс», «Насиҳати падар», «Қаҳтӣ ва қиматӣ», «Чароғ барои кӯрдилон», «Дӯсти одам ҳам забон, душмани одам ҳам забон», «Шоколади талх», «Қадри инсон», «Чашма», «Дандон», «Ҷасорат», «Суханчин нашавед», «Дарси одоб», «Халқи худро шинос» мисол овардан мумкин аст.

Дар китоби Забони тоҷикӣ барои хонандагони синфи 3-юм (И. Абдуллоев, З. Абдуллоев, Б. Боронов, З. Дорғабеков, Душанбе, 2012) шеъру ҳикояҳои «Меҳри устод», «Кули сарез», «Ин зар аз они ман нест», «Пурхӯрӣ». «Марди хирадманд», «Дӯстию душманӣ», «Хоксорӣ», «Одоби салом», «Хиёнати Баҳром», «Ду ҳамсӯбат», «Муофизати об аз ифлосшавӣ», «Дарвеш ва косаи асал», «Ҷангал манъбаи ҳавои тоза», «Зарари тамоку», «Дӯсту душман», «Далерию қаҳрамонӣ», «Саъба ва фил», «Шохи саховатманд», «Ду ҳамсоя» интихоб карда шудааст, ки тавассути онҳо хонандагон на танҳо мавзӯи навро аз худ менамоянд, балки дар як вақт оид ба мафҳумҳои  адолатпешагӣ, тараҳум, қарзи инсонӣ некӯкорӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, дӯстию рафоқӣ,

ватанпарастӣ, адолатпешагӣ ва ғайра як тасаввуроти муайян пайдо мекунанд.

Дар китоби дарсии математика муаллифон мисолу масъалаҳоеро интихоб намудаанд, ки ба ҳаёти мактаббачагони хурдсол наздик буда, ҳангоми ҳалли супоришу масъалаҳо дар онҳо тасаввурот доир ба қоидаҳои оддии рафтору одоб васеъ мегардад. (Масалан, китоби математика барои синфи 3, муаллифон  А. Аҳмадова, Ш. Бобоева, Э. Ҷонмирзоев Душанбе, 2012).

Китоби дарсии табиатшиносӣ низ дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Дар сурати самаранок истифода бурдани матнҳи китоби мазкур тасаввуроти кӯдаконро доир ба ҳодисаҳои табиат ва муҳити иҳотакардашуда бою ғанӣ гардонидан мумкин аст. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки ба тасаввуроти пештар доштаи хонандагон такя намуда, барои аниқ намудан ва ба як низоми муайян даровардани тасаввуротҳои кӯдакон оид ба табиати атроф ва тадриҷан васеъ намудани доираи онҳо шароит муҳайё созад.

Яке аз вазифаҳои асосии фанни табиатшиносӣ ғанӣ гардонидан ва дар хонандагон ташаккул додани муносибат ба меҳнати одамон, табиати атроф ва ҳифзи он, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқат менамояд, ба ҳисоб меравад.

Маводи таълимӣ доир ба фанни табиатшиносӣ аз як тараф кӯдаконро ба меҳнату заҳмати одамон ошно гардонад, аз сӯи дигар тасаввуроти онҳоро дар бораи табиати кишвари худ ва ғамхорӣ нисбат ба он, маданияти рафтор нисбат ба табиат ва ташкилу ҳифз намудани табиати атроф ғанӣ мегардонад. Бо маводи дарсии китоби табиатшиносӣ шинос шуда, дар хонандагон малакаи ҳифз намудани табиат, боигариҳои он афзун мегардад.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани мазмуну мундариҷаи китоби дарсии табиатшиносӣ аз ҷониби муаллимон корҳои амалӣ гузаронида

мешавад, ки донишҳои аввалини онҳоро дар ин ҷода мукаммал менамояд. Дар ҷараёни саёҳатҳои мақсаднок, кор дар минтақаи таҷрибавии наздимактабӣ таваҷҷӯҳи хоса бояд ба тарбияи муносибати ғамхорона нисбат ба боигариҳои табиати кишвари маҳбуб, тарбияи маҳорат ва малакаи натанҳо дӯст доштани табиат, балки дар баробари ин, малакаи ба он муносибати ғамхорона намудан зоҳир карда шавад.

Китоби дарсии табиатшиносӣ бояд дар хонандагон ҷуръатнокии ахлоқиро бо мақсади муносибати оштинопазирона намудан нисбат ба онҳое, ки ба табиат муносибати беэҳтиётона менамоянд, тарбия намояд. Маводи фанни табиатшиносӣ кӯдаконро ба растаниҳову олами ҳайвоноти гуногун ошно сохта, онҳо дарк менамоянд, ки растанӣ ва олами набатот ба инсон чӣ гуна фоида меорад ва одамон чӣ тавр онҳоро муҳофизат менамоянд ва худи онҳо ҷуръат пайдо карда ба вайронкунандагони ин неъмати табиат чӣ гуна мубориза мебаранд. Омӯзгорон иштироки коллективонаи мактаббачагонро дар кабудизоркунии атрофи мактаб, хиёбонҳо таъмин намуда, ба он аҳамияти хоса бояд диҳанд, ки кӯдакон чӣ хел ҳангоми кори якҷояи коллективона қоидаҳои рафторҳои ахлоқии азхуднамудаашонро риоя менамоянд.

Мо чунин меҳисобем, ки аз худ намудани маводи гуногуни иттилоотӣ аз рӯи ҳар як мавзуи фанни таълимӣ бояд ба донишҳои чуқуру мақсаднок омӯхташуда зич алоқаманд бошанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон дар бораи омилҳои табиат доираи тасаввуроти худро васеъ намуда, бо дарки асосҳои омилҳои дигар замина гузоранд. Дар робита ба ин масъала дар китоби табиатшиносӣ барои синфи 4 мавзӯъҳои «Иди Наврӯз», «Сарватҳои зеризаминӣ», «Тозагии ҳаво гарави саломатӣ», «Об дар табиат ва хосиятҳои он», «Гиёҳҳои шифобахши диёри мо», «Кабудизоргардонии шаҳру деҳот ва муҳофизати наботот», «Паррандагон дӯстони моанд», «Меваю сабзавот манъбаи саломатӣ мебошад» интихоб карда шудааст, ки бевосита тасаввуроти

хонандагонро дар бораи табиати атроф, муҳофизату афзун намудани боигариҳои он ғанӣ мегардонад.

Имкониятҳои раванди таълимро дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба эътибор гирифта, дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо ҳамон мавзӯъҳоеро интихоб намудем, ки як андоза дар хонандагон малакаи ҷуръатнокии ахлоқиро боз ҳам пурра менамоянд. Дар ҳамкорӣ бо муаллимон усулҳои истифодаи мавзӯъҳоро ҷиҳати васеъ намудани тасаввуроти мактаббачагони хурдсол оид малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ва барои ғанӣ гардонидани донишҳои ахлоқии онҳо дар якҷоягӣ бо рафторҳои ахлоқиашон кор карда баромадем.

Тавре дар боло зикр карда шуд, дар байни китобҳои дарсии барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ таълифшуда китоби Забони тоҷикӣ дар тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон мақоми махсусро ишғол менамояд. Дар синфҳои таҷрибавӣ муаллимон бо тавсияи мо раванди тарбияи ҷуръатнокии ахлоқиии хонандагонро такмил дода, роҳу воситаҳои боз ҳам фаъол намудани ҷараёни бою ғанӣ сохтани тасаввуротҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсолро ҷустуҷӯ намуданд.

Дар ҷараёни гузаштани ҳар як дарс сарфи назар аз мавзӯи дарсӣ омӯзгорон имконияти тарбияи маърифати ахлоқӣ доштани ин ё он мавзӯъро ба нақша мегирифтанд. Асосҳои малакаи ҷуръатнокии ахлоқиии азхудкардашуда ва  ба ҳам алоқамандии ҷузъҳои онро шарҳу эзоҳ дода, муаллимон хонандагонро барои мустақилона хулоса баровардан ва баҳо додан ба ин ё он вазъияти баамаломада кӯмак менамуданд.

Мо, дар ин ақида устувор ҳастем, ки дилхоҳ мавзӯи дарсиро ба масъалаҳои ахлоқӣ мувфиқ намудан мумкин аст. Масалан, дар ҳикояи «Ҳашар»-и дар китоби дарсии Забони тоҷикӣ барои синфи 4-юм овардашуда оид ба хусусиятҳои фарққунандаи коллектив, дар бораи он ки коллектив ҳадафи умумӣ ва иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятиро

дорад, сухан намеравад. Ҳамзамон, дар мазмуни ҳикоя нишонаҳои муҳимми коллектив, ба монанди коллективизм, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ, зарурияти аз тарафи ҳама риоя намудани қоидаҳои меҳнати коллективона, маҳорати баҳо дода тавонистан ба натиҷаи меҳнати худу дигарон кушода дода нашудааст. Таҳлили саволҳои вобаста ба матн гузошташуда нишон дод, ки онҳо бештар ба аз худ кардани мазмуни ҳикоя нигаронида шудаанд, на ба муайян намудани хусусиятҳои ахлоқие, ки ҳангоми кори коллективона пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, дар ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ аз тарафи мо вобаста ба ин мавзӯъ маводи иловагӣ пешниҳод карда шуд, ки барои боз ҳам равшантар намудани мафҳуми «коллектив» ва «коллективизм» мусоидат намуданд. Маводи мазкурро муаллимон ҳангоми дарс мавриди истифода қарор доданд.

Азбаски таҷрибаи рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол ғанӣ нест, мо ба мақсад мувофиқ донистем, ки давоми мантиқии корҳои тарбиявиро дар ин самт зимни ташкилу гузаронидани корҳои беруназсинфӣ идома диҳем. Дар рафти амалӣ намудани корҳои беруназсинфӣ истифода бурдан аз сӯҳбатҳои ахлоқӣ дар алоқамандӣ бо мазмуну мундариҷаи дарсҳо ба мақсад мувофиқ аст. Сӯҳбатҳои ахлоқӣ имконият медиҳанд, ки тасаввуроти хонандагон оид ба малакаи тарбия намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ мунтазам ғанӣ гардонида шавад. Бинобар ин, мо кӯшиш намудем, ки дар хонандагон майли фаъоли аз худ кардани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ бедор карда шуда, зарурияти дар рафторҳои амалии худ истифода бурдани онҳо ташаккул дода шавад.

Тарбия намудани рафтори дурусти ахлоқӣ ва дар ин замина тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол бидуни дарки меъёрҳои ахлоқӣ ғайри имкон аст. Вазифаи сӯҳбатҳои ахлоқӣ, ин бо далелҳои мушаххас ба хонандагон фаҳмонидани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ахлоқӣ мебошад.

Зимни гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ ба хонандагон омӯзонидан даркор, ки онҳо ҳодисаву воқеаҳоро бошуурона дарк намуда, нисбат ба рафторҳои ахлоқии шоиста тасаввуроти кофӣ ҳосил намоянд. Сарчашмаи сӯҳбатҳои ахлоқӣ маводи адабӣ, мисолҳо аз ҳаёти худи коллективи хонандагон, ки ба сӯҳбатҳо тобиши эмотсионалӣ мебахшанд, ба ҳисоб рафта метавонанд.

Яке аз шаклу воситаҳои самарабахши ташкил намудани суҳбатҳои ахлоқӣ гузаронидани саволу ҷавоб бо хонандагон мебошад. Масалан, дар аввали сӯҳбат омӯзгор метавонад саволҳоеро пешниҳод намояд, ки тавассути онҳо тасаввуротҳои пештараи хонандагон дар бораи қоидаҳои ахлоқӣ аз нав ба хотирашон оварда шаванд. Масалан, аз қабили: Синфи мо ба муносибати «Иди модарон» чӣ гуна омодагӣ дида буд? «Ба модар чӣ тавр муносибат бояд кард, то табъи ӯ хира нашавад?» Ба озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ…» синфи мо чи гуна омодагӣ дида буд? «Наврӯзро чӣ гуна ҷашн гирифта будем?» Дар ҳикояи …. кадом рафтор хуб буд ва кадом рафтор бад? ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки дар марҳилаи мустаҳкамкунии сӯҳбатҳои ахлоқӣ ба хонандагон метавон саволҳое пешниҳод намуд, ки хусусияти ҷамъбасткунӣ дошта бошанд. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳангоми гузаронидани суҳбатҳои ахлоқӣ барои фаъол гаронидан хонандагон саволҳои ёрирасон дода, шароит муҳайё схтан даркор, ки бачаҳо фикри худро бе дудилагӣ ва боҷуръатона баён карда тавонанд ва ба нуқтаи назари худ истодагарӣ карда тавонанд.

Ҳангоми гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ мазмуни онҳоро тавре ба диққати хонандагон расонидан зарур аст, ки қоида ва меъёрҳои ахлоқии азхудкардашудаи хонандагон ба интихоби дурусти ахлоқӣ мусоидат намояд. Бинобар ин, ҳангоми шинос намудани мактаббачагони хурдсол бо меъёрҳои рафтори ахлоқӣ кӯшиш бояд намуд, ки кӯдакон дар ин бора андеша намоянд, яъне онро дарк намоянд.

Ҳангоми гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ суханони образноку бо ҳиссиёти баланд ибрознамудаи омӯзгор барои хонандагон таъсири бузург мерасонад. Мутаассифона, баъзе аз омӯзгорон дар кори амалии худ ба қадри зарурурӣ аз таъсири пурқуввати сухан истифода бурда наметавонанд.

Зимни гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ, мо кӯшиш намудем, ки аҳамияти маърифатнокии ахлоқиро аз будаш зиёд нишон надода, онҳоро ба рафторҳои ахлоқии хонандагон алоқаманд намоем. Агар сӯҳбатҳои ахлоқӣ бо ҳаёт ва фаъолияти худи хонандагон алоқаманд карда нашаванд, дар ин сурат онҳо ягон таъсири тарбиявие расонида наметавонанд.

Философ-этик А.А. Гусейнов ҳангоми ба роҳ мондани тарбияи ахлоқӣ муқобили пеш гирифтани роҳи ба ахлоқ тобеъгардонӣ, насиҳатгӯиҳо ва талқини ҳаёти маънавии пуршиддат баромада, таъкид намудааст, ки «ҳеҷ гоҳ ин маънои онро надорад, ки гӯё тарбияи ахлоқӣ бидуни ба тарбиягирандагон додани таҷрибаи ахлоқӣ ба воситаи сухан, бе муроҷиат ба арзишҳои ахлоқӣ дар ҳамон намуде, ки онҳо дар забон инъикос ёфтаанд, амалӣ мешавад. Маълум аст, ки ин номумкин аст. Расонидани таъсири ахлоқӣ ба воситаи сухан бо усули шифоҳӣ дар навбати худ шароити муайянро талаб менамояд. Дар айни ҳол сухан дар бораи самаранокии муҳокимаронии ахлоқию тарбиявӣ меравад, на дар бораи сухан (масалан, дар бораи ягон, асари бадеӣ)» Ба ақидаи мо, муаллиф роҳу усули хело ҳам мувофиқи ташкил намудани маърифати ахлоқиро муайян намудааст. Муҳокимаронии ҳои мустақиман босуботи ахлоқӣ дар он ҳолате бамаврид мебошанд, ки онҳо ҳодисаҳои гирду атроф ва фикру ақидаи умумиро инъикос кунанд, вазъияти ахлоқии муайянро муҳим шуморанд, ба таври зич ба боварӣ ва муҳаббат байни фард мувофиқ бошанду талаботеро амалӣ намоянд, ки муҳокимарониҳои ахлоқӣ ба кӣ нигаронида шуда бошад.

Пеш аз он ки корро дар самти ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути сӯҳбатҳои ахлоқӣ шурӯъ намоем, мо қарор додем, ки сӯҳбатҳои коллективонаро бештар гузаронем. Коллективона муҳокима намудани сӯҳбатҳои ахлоқӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонанд, ки қоида ва меъёрҳои ахлоқиро дар рафторҳои амалии худ истифода баранд. Сӯҳбатҳои ахлоқиро ташкил намуда, мо кӯшиш намудем мавзӯъҳоеро интихоб намоем, ки шавқовар ва барои хонандагон дастрас бошанд. Дар муайян намудани мазмуни сӯҳбатҳои ахлоқӣ вобаста ба хусусиятҳои махсуси ҳаёт ва меҳнати мактаббачагони Тоҷикистон, ба мо тавсияҳои дастури омоданамудаи ходимони илмии Пажӯҳишгоҳии проблемаҳои умумии тарбияи Академияи илмҳои педагогии Федератсияи Россия бо номи «Мазмун ва усулҳои сӯҳбатҳои ахлоқӣ бо мактаббачагони хурдсол» кӯмаки зиёд расонд. Албаттта мо, мазмуни сӯҳбатҳои ахлоқиии дар ин дастур мавҷудбударо ба шароити мактаби Тоҷикистон мувофиқ кунонидем. Ба ин васоити тарбиявӣ такя намуда, мо дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон сӯҳбатҳои панду ахлоқиеро интихоб ва кор карда баромадем, ки дар таркиби онҳо ҳикояҳои шоирону нависандагони тоҷик, эҷодиёти даҳонии халқ, зарбулмасалу мақолҳо низ истифода шудаанд. Дар баробари ин, ҳангоми интихоби ҳикояҳо мо хусусиятҳои синнусолию психологии хонандагони синфҳои ибтидоиро ба назар гирифтем.

Мазмуни сӯҳбатҳои ахлоқӣ ба он нигаронида шуда буданд, ки тасаввуроти хонандагонро оид ба малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ ғанӣ гардонда, кӯдаконро омӯзонанд, ки мустақилона ба ҳамаи паҳлуҳои рафторҳои ахлоқӣ сарфаҳм рафта, ҳамзамон рафтори худро ба меъёрҳои ахлоқӣ тобеъ гардонанд. Барои он ки сӯҳбатҳои ахлоқӣ вазифаҳои зикргардидаро иҷро карда тавонанд, онҳо бояд аз нигоҳи илмиву амалӣ асоснок ва аз рӯи мазмуну услуб дастраси хонандагон бошанд. Сӯҳбатҳои ахлоқӣ бояд саршор аз далелҳои ҳаёти кишварамон, аз ҳаёти

воқеии худи мактаббачагон бошанду дорои мазмуну мундариҷаи баланд ва ба таҷрибаи ҳаётии худи хонандагон наздик бошанд.

Пеш аз ташкилу гузаронидани суҳбатҳои ахлоқӣ омӯзгорро лозим аст, ки ҳаёти коллективи кӯдакон, рафтору муносибати онҳоро ҳангоми бозӣ ва иҷрои корҳои коллективона ба таври дақиқ ба ҳисоб гирад. Ҳамзамон, муваффақияту камбудии рафтори хонандагонро омӯзад ва фаҳмад, ки дар кӯдакон малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ чи гуна рушд ёфта истодааст.

Хело муҳим аст, ки фикру андешаи хонандагон дар бораи якдигар, муносибати  онҳо дар оила омӯхта шавад. Ин маълумотҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, то муайян намоянд, ки дар рафти қоидаҳои ахлоқиии азхудкардаи хонандагон кадом камбудиҳо роҳ ёфтаанд. Ҳамзамон, муайян намудан даркор, ки хонандагон ба рафтори худ ва дигарон дар ин ё он ҳолату вазъияти мушаххас чӣ гуна баҳо дода метавонанд. Ин маълумотҳо ҳамзамон, ба омӯзгорон имконият медиҳанд, то тасаввуротҳои ахлоқии азхудкардаи хонандагонро оид ба малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ, ки тибқи он кӯдакон амал менамоянд, муайян намоянд ва донанд, ки кадом камбудиҳо ҳанӯз дар рафти дарк намудани тасаввуротҳои ахлоқӣ вуҷуд доранд. Инчунин таҳлили ин маълумотҳо ба омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки тасаввуротҳои ахлоқии мавҷудбудаи хонандагононро фаҳмад ва мавзӯи сӯҳбати ахлоқии ояндаро ба таври мушаххас муайян намояд.

Дар бораи мавзӯъҳои ахлоқӣ сӯҳбат гузаронида, омӯзгор бояд хулоса барорад, ки дар коллективи худи кӯдакон низ чунин вазъиятҳо низ вуҷуд омаданашон мумкин аст. Дар ҷараёни сӯҳбатҳои ахлоқӣ дар шуури хонандагон малакаи ҳисси ҳамдардӣ нисбат ба қаҳрамононе, ки дар сӯҳбатҳо сухан дар бораи онҳо меравад, бедор карда мешавад. Ҳамдардӣ, ҳиссиётҳои гуногун дар якҷоягӣ бо донистани меъёрҳои ахлоқӣ ба зоҳир намудани ваҷҳҳои ахлоқӣ оварда расонида, ҳангоми

озмоиш ҳар як сӯҳбат бояд аз нуқтаи назари дарки эмотсионалии худи хонандагон интихоб карда шавад.

Мактаббачагони хурдсол ҳанӯз рафторҳои хешро аз нигоҳи танқидӣ баҳодиҳӣ карда наметавонанд. Дар наврасон ва махсусан хонандагони синни калони мактабӣ қобилияти баҳодиҳӣ ба рафтори хеш ва серталаб будан нисбат ба худ мушоҳида карда мешавад. Дар хонандагони ин синну сол инчунин нишонаҳои худшиносию худтарбиякунӣ мушоҳида мешавад. Ҳамаи ин ба наврасону хонандагони синни калони мактабӣ имконият медиҳад, ки мустақилона дар ин ё он ҳолату вазъияти муайян рафтори дурусти ахлоқиро интихоб намоянд.

Душвории интихоби рафтори ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар муқоиса бо наврасон аз он иборат аст, ки онҳо пурра дарк карда наметавонанд, ки рафтори онҳо ислохро талаб менамояд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки ҳангоми интихоби рафтори ахлоқӣ мактаббачагони хурдсол душворӣ мекашанд.

Барои тасдиқи гуфтаҳои болозикр як вазъияти тарбиявии шифоҳиро (як ҳикояи хусусияти проблемавидошта интихоб карда шуд), ки барои хонандагони синфи 3-юм пешниҳод гардидааст, пешкаш менамоем (Омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти умумии №6-и ноҳияи Данғара Саидов Ш.) Дар рафти таҳлили вазъияти тарбиявии шифоҳӣ зуҳуроти ёрии рафиқонаи байниҳамдигарии хонандагон ошкор карда шуд (шумораи хонандагон 31 нафар). Мазмуни ҳикоя чунин аст:

Онҳо 5 нафар дӯстон буданд ва доимо якҷоя мегаштанд. Танҳо дар як ҳолат аз ҳамдигар чудо мешуданд, ин ҳам бошад ҳангоми ба футболбозӣ Ин ҷо 4 нафар дӯстоне буданд, ки омода буданд, ҳама чизро фаромӯш созанд. Як рӯз рафиқон таклиф менамоянд, ки футболбозӣ меравем ва ин замон Салим мегӯяд: «Шумоён равед, ман намеравам». Вақте ки рафиқон сабаби нарафтанашро пурсиданд, ӯ нимғурма ҷавоб дод. Дар охир ҳамааш равшан гардид. Маълум шуд, ки Салим пойафзоли футболбозӣ надоштааст.

– Чаро Салим  ба мо чизе нагуфт?, – ҳайрон шуд Карим.

– Вай боғурур аст, шарм медорад, – гуфт Носир.

– Ягон фикр кардан лозим, - пешниҳод намуд Сироҷ.

– Фикр кардам! – овоз баровард Ғиёс.

– Хоҳарам як пойафзоли кӯҳнаи футболбозӣ дорад, ки онро намепӯшад. Поафзолро ба ӯ медиҳем.

Ман инро аз Нилуфар мепурсам.

– Не, - гуфт Носир, - Салим боғурур аст, намегирад.

– Барои чӣ намегирад, охир мо дӯстони ӯ ҳастем-ку?

– Дӯст, хайр чӣ?

Ин хел рафтор кунем-чӣ, – пешниҳод кард Карим. Ту пойафзолҳои Нилуфарро гирифта ба назди Салим бар ва хоҳиш кун, ки онҳоро таъмир намояд. Вақте таъмир кард, хоҳиш кун, ки як ду рӯз пӯшида, санҷад, ки чигунаанд. Баъд коре мекунем, ки поафзолҳо дар ихтиёри ӯ мемонанд. Дар охир пойафзолҳои Нилуфар ба ихтиёри Салим вогузошта шуд.

Ба саволӣ: «Дар ин ҳолат ту чӣ хел рафтор мекардӣ?» баъзеҳо (62%) гуфтанд, ки пойафзолҳои худро бо навбат ба ӯ медоданд, то ин ки рафиқашон низ бозӣ кунад. Қисми дигар (38%) ҷавоб доданд, ки рафиқашон бо маслиҳати онҳо бояд пойафзол мехарид. Вале ягон нафари хонандагон ҷавоб надоданд, ки барои рафиқ шуда аз баҳри поафзоли худ гузаштан мумкин.

Дар охир муаллим аз бачаҳо хоҳиш намуд, ки дар бораи корҳои неки кардаааашон ба рафиқи худ, падару модар ва шахсони наздик мисолҳо оранд.

Зикр бояд намуд, ки нақлу сӯҳбатҳои таъсирбахш ҳикояҳое буданд, ки аз асарҳои бадеии бачагона ва китобҳои дарсӣ гирифта шуда, ба таври пурмазмун ва хушобуранг мафҳумҳои мухталифи муҳаббат ба Ватан, меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ, хайрхоҳӣ, садоқатмандӣ ва ғайраро кушода медоданд. Ҳангоми гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ дар назди

хонандагон вазифа гузошта шуд, ки наќлро гўш кунанд, онро фаҳманд ва ба рафтори ққаҳрамонони ҳикояҳо баҳо диҳанд. Дар ин бояд зикр намуд, ки бе шубҳа рафтору кирдори қаҳрамонҳои ҳикоя дар хонандагон ҷуръатнокии ахлоқиро ташаккул медиҳад, яъне рафиқони Салим боҷуръатона ба ӯ пешниҳоди саривақтӣ намуданд, то ки рафиқашон ҳамроҳи онҳо футболбозӣ намояд.

Аз он ки хонандагон мафҳумҳои даркории ахлоқиро ҷустуҷӯ менамоянд, сатҳи фаҳмиши ахлоқии хонандагонро дар ин ё он ҳолату вазъият муайян ва мушоҳида намудан мумкин аст, ки кӯдакон донишҳои ахлоқии азхудкардашударо дар рафторҳои амалии худ чӣ тавр истифода мебаранд.

Ғайр аз ин, посухи хонандагон, муносибати онҳо бо қаҳрамонҳои ҳикояҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки баъзе камбудиву норасоиҳоро дар инкишофи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқиии мактаббачагони хурдсол мавҷудбударо муайян намояд ва тибқи ин норасоиҳо корҳои тарбиявиро бо хонандагони алоҳида ба роҳ монад.

Дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқиии мактаббачагони хурдсол афсонаҳои халқӣ ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Дар ин бора муаллимаи синфҳои ибтидоии ш. Бохтар Бобоева Р. ҷиҳати тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқиии мактаббачагони хурдсол аз афсонаҳои халқӣ хеле муфид истифода мебарад. Боре дар синф вазъияте ба амал меояд, ки Ҷамшед ном хонанда ҳамсинфони худро ҳамеша озор медод ва худро аз ҳама боло меҳисобид. Чунин рафтори ӯ дар байни ҳамсинфон норозигиро ба вуҷуд овард. Муаллима барои бартараф намудани ин рафтори Ҷамшед аз афсонаи халқии «Рафтори бадкирдор» хеле моҳирона истифода намуд, ки мазмунаш чунин аст.

Дар ҷангал рубоҳ ва шоҳин зиндагӣ мекарданд. Онҳо дӯстони қарин буданд. Лонаи шоҳин дар навдаи чанор қарор дошт, лонаи рубоҳ бошад, дар зери чанор. Дар ин мавзеъ ҳамчунин гурбаи сиёҳе зиндагӣ мекард, ки ба дӯстии шоҳину рӯбоҳ ҳасад мебурд ва мехост дӯстии

онҳоро халалдор намояд. Бо ин мақсад ӯ ба назди рӯбоҳ рафта мегӯяд, ки шоҳин нисбат ба ту нияти бад дорад. Ӯ мехоҳад, ки бо гӯшти бачаҳои ту шиками бачаҳояшро сер кунад. Рӯбоҳ аз ин хабар хеле дар ғазаб шуда, аз шоҳин хафа мешавад. Гурба боз назди шоҳин рафта, чунин суханҳои бардурӯғро айнан ба ӯ мегӯяд. Рӯбоҳ ва шоҳин ду рӯз ба шикор набаромаданд, то бадкирдорро дастгир намоянд. Дар ин вақт кӯдакони онҳо аз гуруснагӣ мемиранд ва онҳоро ба чуқурӣ бурда мепартоянд. Гурба аз ин хабардор шуда, фарзандони худро бо гӯшти бачаҳои рӯбоҳу шоҳин зиёфат медиҳад. Танҳо баъди ҳамин ҳодиса рӯбоҳ ва шоҳин аз макру фиреби гурбаи сиёҳ хабардор мешаванд.

Омӯзгор дар аввал афсонаро қироат намуда, баъд нақшҳоро байни ба хонандагон тақсим намуд. Нақши гурбаи сиёҳи маккорро ба Ҷамшед вобаста намуд. Қайд кардан бамаврид, аст, ки ҳангоми тақсими нақшҳо омӯзгор ягон ҳарфе дар бораи рафтори ношоистаи Ҷамшед намегӯяд. Бачаҳо, ки дар ин ё он нақш бозӣ карданро дӯст медоранд, бо хушнудӣ розӣ шуданд, ки иштирокчии саҳначаи хурдакак бошанд. Дар он ҷо қувваи некӣ бо бадӣ мубориза мебарад. Ҷамшед низ хурсанд буд, ки иштирокчии ин саҳнача бошаду найрангҳои гурбаро дар ҳақиқат инъикос намояд. Баъди ба охир расидани саҳнача муҳикимаи ҷиддие байни хонандагон сурат гирифт. Ҳар кас фикру андешаи хешро оид ба ҳар кадоме қаҳрамонони афсона иброз намуданд. Аз ҷумла, хонандагон рафтори қаҳрамони ҳикоя-гурбаи сиёҳро, ки Ҷамшед нақши онро бозӣ кард, маҳкум намуданд. Дар навбати худ омӯзгор иниз фикру ақидаи хонандагонро ҷамъбаст намуда, оид ба рафтори маккоронаи гурбаи сиёҳ ибрози андеша намуд. Омӯзгор ҳангоми ҷамъбаст кушиш намуд, ки сӯи Ҷамшед нигоҳе накунад ва аз рафтору кирдори ношоистаи ӯ нисбат ба ҳамсинфонаш ҳарф назанад. Дар ин ҷо, бояд эътироф намуд, ки суханони ҷозибадор, пуробу ранг ва пурмазмуни омӯзгор бе шубҳа, натанҳо ба Ҷамшед, балки ба аҳли синф бе асар намонд. Баъди муҳокимаи саҳнача омӯзгор ва ҳам хонандагон дарк намуданд, ки

минбаъд рафтору кирдори Ҷамшед тадриҷан тағйир ёфта, муносибаташ бо ҳамсинфон боилтифоттар гардидааст.

Истифодаи чунин усулҳои тарбиявӣ имконият медиҳанд, ки бе мушкилӣ, ба таври равшану диққатҷалбкунанда дар мактаббачагони хурдсол донишҳои ахлоқӣ ва дар ин замина малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул дода шавад.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидашуда ва таҳлили таҷрибаи педагогии омӯзгорони пешқадам гувоҳи он аст, ки ғанигардонии малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар сурате ба амалӣ мегардад, ки ба ғайр аз китоби дарсӣ аз маводи иловагии тарбияӣ низ истифода бурда шавад. Агар дарс дар пайвастагӣ бо корҳои беруназсинфӣ алоқаманд карда шавад, дар ин маврид омӯзгор метавонад ба таври пай дар пай гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқиро ба роҳ монад.

Яке аз шартҳои муҳимми аз худ намудани малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифодаи усули маърифати ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, ки ба  тарзи муносибат ё худ алоқаи тарафайни устоду шогирд асос меёбад.

Мавҷуд будани муносибати самимӣ байни омӯзгор ва хонанда натанҳо шарти муҳими ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии хонандагон, балки бо муваффақият аз худ намудани маводи таълимӣ низ ба ҳисоб меравад. Ибрати шахсии омӯзгор ба хонанда таъсири бузург мерасонад, махсусан ин дар мактаббачагони хурдсол баръало намоён мегардадд. Барои мактаббачагони хурдсол мақому мартабаи устод хеле баланд аст. Омӯзгор, махсусан барои мактаббачагони хурдсол дар ҳаёт намунаи ибрат буда, онҳо ба ӯ дар ҳар ҷиҳат пайравӣ мекунанд ва кӯшиш менамоянд тавре рафтор намоянд, ки омӯзгор рафтор менамояд. Бачаҳо тайёранд, ки тамоми супоришу талаби омӯзгорро ба хубӣ иҷро намоянд, то боиси ифтихори ӯ гарданд. Ба кӯдакон писанд аст, ки супоришҳои муаллимро иҷро намуда, аз муаллим таъриф шунаванд ва ба ӯ маъқул бошанд. Дар ин бора В.А. Сухомлинский навиштааст:

«Муаллим барои кӯдаки хурдсол ифодаи зиндаи адолатнокӣ аст. Ба чашми хонандаи синфи якум, ки баҳои ғайриқаноатбахш гирифтааст, нигаред. Ӯ натанҳо худашро бадбахт меҳисобад, балки дар ӯ нисбат ба муаллим ҳисси бадбинию душманӣ пайдо мешавад [161, с. 164]. Бинобар ин, барои касби омӯзгорӣ муҳим аст, ки шахсони дорои ахлоқи баланд ва баобрӯ интихоб карда шаванд. Ин талабе мебошад, ки дар Консепсияи мактаби милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» зикр гардидааст. Аз тарафи дигар хислати аз болои худ кор кардан ва худомӯзию худтакмилдиҳии ӯро қадрдонӣ намудан лозим аст.

Мазмуни таълим, самтнокии ахлоқии он, ибрати шахсии худи муаллим ба таври ҷолиб ба хонанда таъсир мерасонад. Махсусан, зери роҳбарӣ ва таъсири бевоситаи омӯзгор шахсияти хонанда ва муносибати ӯ ба таълим ташаккул меёбад.

Дар кори тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таъмин намудани мутаассилӣ ва пайдарпаӣ, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои махсуси синнусолю психологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти махсусро касб мекунад. Инчунин ҷалб намудани мактаббачагони хурдсол ба корҳои гуногуни дастаҷаъмона низ ба баланд бардории самаранокии ташаккули таҷрибаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ онҳо мусоидат менамояд.

## Хулосаи боби якум

Ҷомеа имрӯза аз омӯзгорон ва падару модарон тақозо менамояд, ки шахсиятҳои дорои арзишҳои баланди маънавӣ-ахлоқидоштаро тарбия карда ба камол расонанд. Барои ин дар назди омӯзхгорон вазифа гузошта мешавад, ки дар насли наврас механизмҳои психологӣ, ба монанди худдарккунӣ, худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ ва ғайраро ташаккул дода, хонандагон натанҳо ба объекти тарбия, балки ба субъекти он низ табдил ёбанд.

Равшан аст, ки заминаҳои ахлоқи шоистаи инсонӣ дар давраи кӯдакӣ ва махсусан, дар синни хурди мактабӣ гузошта мешавад. Ворид шудан ба ҷараёни таълим ва ба таври фаъол иштирок кардан дар он аз мактаббачагони хурдсол ташкилотчигӣ, риояи низоми таълимро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ дар ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии онҳо аҳамияти ҳалкунандаро мебозад. Таълим ва иҷрои корҳои ҷамъиятӣ низ дар аз худ намудани донишҳои нав дар бораи атрофиён, қонуну қодаҳои рафтор ба хонандагон мусоидат мекунанд.

Ҳангоми ба мактаб қабул гардидани мактаббачагони хурдсол акнун муносибатҳои шахсии қаблии байниҳамдигарии онҳо моҳияти худро тағйир медиҳанд. Минбаъд ҳангоми ба таълим фаро гирифтани мактаббачагони хурдсол доираи васеи муносибатҳои онҳо ба вуҷуд меояд.

Барои боз ҳам васеъ намудани тасаввуроти мактаббачагони хурдсол оид ба қонуну қоидаҳои ахлоқ онҳоро лозим аст, ки як миқдори муайяни донишҳои ахлоқиро ҳануз дар давраи томактабӣ дар хотираи худ нигоҳ доранд, то дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш онро истифода карда тавонанд. Барои он ки дар мактаббачагони хурдсол рафторҳои ахлоқӣ ташаккул дода шавад, зарур аст, ки дар назди онҳо иҷрои ягон кору амали навро гузоштан лозим, то ки ҳангоми иҷрои ин кор вобаста ба шароити нав ӯ аз донишҳои ахлоқии захиракардаи хеш истифода бурда тавонад.

Баланд гардидани натиҷанокии ҷараёни ғанигардонии малакаи рафторҳои ахлоқӣ ва дар ин зимина, ташаккули таҷрибаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба пурраву мукаммал омухтану баҳисоб гирифтани хусусиятҳои педагогию психологӣ ва синнусолии онҳо дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, ҳар қадаре ки дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ имкониятҳои фардӣ, сифатҳои шахсии мактаббачагони хурдсол аён гардад, ҳамон қадар зиёдтар мазмуни ахлоқии амали иҷронамудаи хонандагон намудор мегардад. Ин боваринокӣ, қавииродагӣ ва

ҷуръатнокиро дар мактаббачагони хурдсол ташаккул дода, онҳоро ҳидоят менамояд, ки қавлу амалашон аз якдигар фарқ накунад ва боввариро ба мақсадҳои гузошташуда зиёд созад. Дар ин ҷо таъкид намудан лозим аст, ки дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ барои иҷрои амалҳои қобили қабули ахлоқӣ барқарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарии мактаббачагони хурдсол хело муҳим аст, зеро ҳамкорӣ кардан хонандагонро водор месозад, ки бо якдигар муносибатҳои дӯстонаро барқарор созанд, қувваю кӯшиши худро барои ба даст овардани мақсади ягона равона созанд. Фаъолияти якҷоя дар ҷараёни таълим ва корҳои беруназсинфии тарбиявӣ натанҳо иҷрои якҷояи амалҳои гуногун мебошад, балки муносибатҳои мухталифи байни иштирокдорони он низ ба ҳисоб меравад.

Ба корҳои озмоишии гузаронидашуда такя намуда, қайд намудан бамаврид аст, ки барои ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои психологию синнусолӣ ва шавқу рағбати онҳо ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ хело муҳим аст.

Дар синну соли хурди мактабӣ кӯдакон донишҳои илмии муқаддимавиро дар бораи олами атроф, нишонаҳои табиат ва ҳаёти ҷомеа аз худ менамоянд. Мактаб аллакай дар қадамҳои аввалини таълим имкониятҳои васеи ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва ҳамзамон, тарбияи малакаи ҷуръатнолкии ахлоқиро низ дорад. Бинобар ин, дар раванди таълим ва ҳангоми ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқӣ, дарки рафторҳои бошууронаи мактаббачагони хурдсол дар маркази диққати омӯзгорону волидайн бояд қарор гиранд.

Аз ҳама муҳим он аст, ки кӯдакон ҳиссиёти хушҳол будани худро аз рафторҳои хуби худ ва рафиқонашон эҳсос намоянд. На ҳамеша дар мактаббачагони хурдсол изҳор намудани ҳиссиёти қаноатмандӣ нисбат ба ҳамсинфон, волидайн, калонсолон, беморон ва хурдсолон мушоҳида

карда мешавад. Мактаббачагони хурдсол дар аксар мавридҳо нисбат ба калонсолон, ҳамсолон ва атрофиён муносибати инсондӯстона, хайрхохона, боадолатона зоҳир карда наметавонанд, чунки ҳанӯз таҷрибаи ҳаётии онҳо кофӣ нест.

Яке аз хусусиятҳои ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар он зоҳир меёбад, ки онҳо ба вазъияти баамаломада на ҳамеша сарфаҳм мераванд, хусусан дар ҳамон ҳолатҳое, ки бархурди меъёрҳои ахлоқӣ ба миён ояд. Раванди ташаккули ягонагии донишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба он вобастагӣ дорад, ки оё онҳо метавонанд ин ё он меъёрҳои ахлоқиро фарқ ва ё дарк намоянд. Ин раванд бештар  ҳангоми мустақилона интихоб намудани рафторҳои ахлоқӣ зоҳир мешавад. Махсусан, дар ҳамин ҳолат мактаббачагони хурдсол ба дарк намудан ва фарқ кардани рафторҳои хеш ва муқоиса намудани рафторҳои рафиқонашон шурӯъ менамоянд.

Махсусан малакаи бо коллективи ҳамсинфон кору фаъолият намуданро, дар тарбия ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таъкид намудан ба маврид аст. Маҳз, дар ҳамбастагию якдигарфаҳмӣ фаъолият намудан ва ба дар лаҳзаҳои душвор ба якдигар кумак намудану ба якдигар меҳрубону содиқ будан, мавқеи ҳар як хонандаро муайян карда метавонад, ки ин ба омӯзгор дар муайян намудани дараҷаи тарбиянокии ахлоқии мактаббачагон ёрии калон расонида метавонад.

# БОБИ II. ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАИ КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА ШАККУЛИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 2.1. Тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ воситаи муҳими ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Вобаста ба шароити кунунӣ тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ имрӯз на танҳо барои илми педагогика яке аз вазифаҳои авлавиятнок маҳсуб дониста мешавад, ҳамзамон масъалаи мазкур барои мактаб, оила ва ҷомеа низ ба ҷумлаи вазифаҳои муҳим дохил мешавад.

Бо мурури замон дар рӯйи замин насли нав ба дунё меояд ва вобаста ба шароити кунунӣ дар назди падару модарон ва омӯзгорон нисбати тарбияи онҳо талаботи нав ба миён гузошта мешавад. Ҳамзамон, вобаста ба замони муосир шаклу усулҳои таъсиррасонӣ ба шахсияти насли наврас низ бояд дигар шавад.

Ҳар сол мо теъдоди зиёди ҷавононро ба ҳаёти мустақилона гусел мекунем. Вобаста ба ин, дар маркази диққати омӯзгорон ва волидайн пайваста бояд як масъала, яъне моҳияти инсоне, ки тарбия мекунанд, пеш аз ҳама, ҳамчун шахсият чи гуна бошад. Падару модарон ва омӯзгоронро ҳамзамон фикри дигар низ бояд ба изтироб орад, яъне онҳо чӣ тавр насли наврасро ба ҳаёти бузурги ҷомеа ворид карда, ба ин васила як шахси ба ҷамъият даркориро ба камол расонанд.

Ташаккул додани ҳисси қарзи инсонӣ дар сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки агар ба ин кор ҳанӯз аз овони кӯдакӣ шуруъ карда шавад. Аввалин нишонаҳои ҳисси қарзи инсонӣ аввал дар оила пайдо мешаванд. Барои мактаббачагони хурдсол оила пеш аз ҳама яке аз такъягоҳи ахлоқӣ ва ҳам дараҷаи баланди зуҳурёбии меҳру муҳаббати инсонӣ ба ҳисоб меравад. Заминаи асосии дар кӯдакон ташаккул додани

ҷаҳонбинӣ, эътиқоду рафтори ахлоқӣ ва одатҳои неки инсонӣ, дар оила гузошта мешавад. Бинобар ин, таъсири падару модар дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва дар ин замина ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ бағоят калон мебошад.

Нуқтаи назари волидайн ва рафтору муносибати онҳо ба кӯдакон таъсири бузурги маънавӣ мерасонад. Дар навбати худ рафтору кирдори волидайн рағбатнокии ҷамъиятӣ ва ормонҳои кӯдаконро ташаккул дода, дар онҳо шавқи дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона ширкат варзиданро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон ба мақсадҳои ҳаётан муҳими онҳо таъсир мерасонад. Дар баробари ин, кӯдакон аз падару модар он таҷрибаи ҳаётиеро аз бар мекунанд, ки дар солҳои минбаъдаи ҳаёташон ба онҳо кӯмаки зиёд мерасонад.

Оила чун қоида одамони синну сол, таҷриба ва касбу кори гуногунро муттаҳид мегардонад. Ҳар қадаре ки таҷрибаи ҳаётӣ ва иҷтимоии аъзоёни оила ғанӣ, дараҷаи маданиятнокӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо баланд бошад, ҳамон қадар ба тарбияи кӯдакон таъсири бузург мерасонад. Мавҷуд будани муносибати солими оилавӣ, муътадил будани ҳаёти дохилиоилавӣ ва аз ҷониби ҳар як аъзои оила ҳис кардани хурсандӣ ва шодию фараҳ имкон медиҳад, ки дар чунин оилаҳо шахсони оромтабиат, серғайрат, зиндадил ба воя расанд. Ҳамзамон, дар чунин оилаҳо кӯдакон маҳорати бартараф карда тавонистани мушкилиҳо ва дар ҷомеа умр ба сар бурда тавонистанро меомӯзанд.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми ба мактаб қабул гардидани мактаббачагони хурдсол дар онҳо тарбия ва ташаккули ҳисси қарзи инсонӣ ба як маҷрои муайян медарояд. Сухани омӯзгор ба шарте воситаи муҳиму бебадал ва пурзӯри таъсиррасонӣ мегардад, ки агар ӯ кӯдаконро ба адои қарзӣ инсонӣ раҳнамун карда тавонад, яъне бачаҳо маънии хушбахтиро дар офариниши бахту шодӣ барои одамон дида, аз баракати онҳо тарбиятпазир гарданд.

Эҳсоси қарз ҳангоме дар дили кӯдак ошён мегузорад, ки агар сухани тарбиятгар дар қалби ӯ нерӯи руҳиро падид оварад ва барои меҳнати илҳомомез баҳри нафъи халқу Ватан ифода кардани худро авлотар донад. Агар сухани тарбиятгар орому беҳарорат бошад, агар ҳадафи сухани ӯ танҳо хусусияти ахабарӣ дошта бошад, дар ин сурат он нерӯи руҳие, ки барои адои қарзи олӣ воҷиб аст, дар дили кӯдак устувор шуда наметавонад ва ӯро ба сӯи қуллаҳои баланди ормонҳо бурда наметавонад.

Пеш аз ҳама, бояд ба ҳисоб гирифт, ки ҳангоми дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҳисси қарзи инсонӣ муносибати инсон ба шахс амиқтар аён мегардад, чунки ҷавҳари инсонро эҳсоси қарз, ки ҳама кору фаъолияти шахс аз он ибтидо мегирад, ташкил медиҳад.

Иҷрои қарзи инсонӣ донистану дарк намудани вазифаҳои худ дар назди меҳан, ҷомеа, арзишҳои ахлоқӣ, инсонҳои дигар, сарнавишт ва бахту зиндагӣ мебошад. Эҳсоси қарзи инсонӣ ҷавҳари ахлоқие мебошад, ки ташакули инсони комил ба он вобастагии зиёд дорад. Эсоси қарзи инсонӣ, ин садоқати шаҳрвандӣ ба ғояҳову ормонҳо, тобеъ карда тавонистани манфиати худ ба манфиати умум, маҳрум сохтани худ аз мақсадҳои шахсӣ баҳри баромадан ба қуллаи ормонҳои баланд, оштинопазирӣ ба душман ва омодагӣ бахшидани рӯзгори худ дар роҳи шараф, шафқат ва шӯҳрати меҳан ва некӣ карда тавонистан ба мардум мебошад.

Тарбияи эҳсоси қарз қисми таркибии тарбияи ахлоқии насли наврас ба ҳисоб меравад. Танҳо ба инсони масъулиятшинос саодати ҳақиқии инсонӣ муяссар мегардад ва маҳз садоқат ба ормонҳои воло шахсиятро ба қуллаи мурод бурда мерасонд ва бадин васила ба инсон хушбахтӣ бахшида, ҷаҳони маънавиашро бой мегардонад. Дар муносибатҳои инсонҳо, ки моҳияти зиндагии шахсро инъикос мекунад,

бархурди ашхоси олимақсад бо пастфитратон бархурд менамояд, ки ин инсони дорои ғояҳои баланди инсониро ба майдон меорад.

Рафтору кирдори мактаббачагони хурдсолро мушоҳида карда, падару модарон ва омӯзгорон бояд ба ҳар як сухан, ҳар як гуфтору акмалиёти ӯ ба андеша раванд. Дар баробари ин, волидайн бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки муносибат ва мавқеи кӯдакро ба одамон ва шахсони дигар муайян кунанд. Ҳамзамон, ба он ноил шаванд, ки кӯдакон он чиро дарк кунанд, ки иҷрои он ба нафъи ҷомеа бошад.

Омӯзгор бояд кушиш ба харҷ диҳад, ки нозуктарин, гоҳҳо ниҳонтарин муносибатҳои кӯдаконро дарк намуда фаҳмад, ки ҳамоҳангии хоҳиш ва қарз чӣ сон бояд бошад. Мавзӯи мушоҳидаву омӯзиши омӯзгорон бояд кӯдакон ва оилаҳои гуногун бошад. Масалан, дар баъзе оилаҳо зиндагӣ орому осуда, бешӯру шар ҷараён дорад, дар қисми дигари оилаҳо бачаҳо аз хурдӣ чигунагии таассурот ва изтироби рӯҳиро дарк карда наметавонанд.

Падару модарон ва омӯзгорон бояд мӯътақид бошанд, ки эҳсоси қарз ҷавҳари шуҷоати шаҳрвандӣ ва садоқат ба ормонҳои мардум бошад ва ба ин маънӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки қонуниятҳои ташаккули ин дороии рӯҳиро дарк ва эҳсос намоянд.

Эҳсоси қарз довари ботинии инсон ва муҳимтарин ангезаи виҷдон мебошад. Дар баробари ин, барои инсон эҳсос намудани қарзи инсонӣ аз он нуқтаи назар қадру қиммат пайдо мекунад, ки бе дарки он ӯ қонунҳои наҷиби ахлоқи инсонро тасаввур карда наметавонад. Наҷобати инсонӣ барои касе, ки ин эҳсоси волоро наозмудааст ва худро тавассути он ифода накардааст, ҳеҷ гоҳ шахси комилу худогоҳ тарбия ёфта, ба воя намерасад.

Ҳамеша ба он ноил гардидан даркор, ки кӯдакон дар таҷрибаи ҳаётии худ тавассути қарзи олии инсонӣ ифода кардани худро фаҳмида тавонанд. Ғамхории шахс ба инсон аз зистан бо шодӣ, изтиробу ҳаяҷон, дарду азоби дигарон ибтидо мегирад. Агар шахс пай бурда натавонад,

ки саодати ҳақиқии инсонӣ, муваффақияти ӯ аз дастгирии дигарон вобаста аст, ӯ қодир буда наметавонад, ки аз эҳсоси сипосгузорӣ мутаассир шавад. Саодати ҳақиқии инсонӣ чашмаест, ки эҳсоси қарзро шодоб мегардонад. Бинобар ин, ба он ноил шудан даркор, ки дар қалби насли наврас тадриҷан аз овони кӯдакӣ эҳсоси қарзи инсонӣ ташаккул дода шавад.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҳисси қарзи инсонӣ имконияти васеъ доранд. Омӯзгорон чӣ дар вақти дарс ва чӣ ҳангоми ташкили корҳои берунаазсинфӣ метавонанд ба масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоянд.

Барои мисол дарси муаллимаи синфи 2-юми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Данғара Р. Шарифоваро аз рӯи ҳикояи В. Осеева «Чунон тақсим кунед, ки корро тақсим карда будед» пешниҳод карда шуд. Мазмуни ҳикоя чунин аст.

Омӯзгори кӯҳансоле танҳо зиндагӣ мекард. Шогирдони ӯ кайҳо бузург шуда буданд, вале устоди худро фаромӯш намекарданд. Рӯзе ба хонаи муаллим ду писарбача омада, мегӯянд, ки модарҳоямон моро назди Шумо фиристоданд, то дар корҳои хонаатон ёрӣ расонем. Муаллим сухани бачаҳоро хуш пазируфта, хоҳиш менамояд, ки чалаки дар боғ бударо аз об пур кунанд. Дар назди чалак сатили оҳанин ва дар шохи дарахт як сатилчаи мисли пари мурғ низ овезон карда шуда буд. Яке аз бачаҳо сатили оҳанинро гирифта, назди чоҳи об меравад. Писарбачаи дуюм бошад аз шохи дарахт сатилчаи бозичамонандро гирифта, ба сӯи рафиқаш мешитобад. Бачаҳо чандин маротиба назди чоҳи об рафта, баргашта ба чалак об мерехтанд.

Муаллим ин амали бачаҳоро аз паси тиреза назора мекард. Дар болои гулҳо занбӯрони асал чарх мезаданд. Ба машом бӯи асал мезад. Бачаҳо хушҳолона ҳангоми кашонидани об байни якдигар гуфтугӯ мекарданд. Яке аз онҳо ҳар лаҳза сатилро ба замин гузошта, арақи

ҷабинашро пок мекард. Писарбачаи дуюм бошад, аз сатилчаи бозичамонанд обро ҳар тараф пош хӯронда, паҳлӯи ӯ роҳ мегашт. Вақте чалак аз об пур шуд, муаллим бачаҳоро назди худ хонда, изҳори минатдорӣ менамояд. Муаллим дар болои миз кӯзаи гилини пур аз асал ва дар паҳлӯи он истакони пур аз асалро гузошта буд. Ӯ ба бачаҳо мегӯяд:

– Ин тӯҳфаҳоро ба модарони худ баред, бигузор ҳар кас мувофиқӣ меҳнати кардааш ҳиссаи худро гирад.

Бачаҳо бо тааҷҷуб ба муаллим нигоҳ карда, мегуянд, ки мо инро тақсим карда наметавонем.

–Тавре тақсим кунед, ки корро тақсим карда будед, – оромона мегуяд муаллим.

Баъди хондани ҳикоя бачаҳо рафтори ҳар кадом писарбачаро тавсиф намуданд ва муаллим меъёри адолатнокиро ба хонандагон фаҳмонд.

Чунин ба назар мерасад, ки хонандагони синфҳои 1-ум ва 2-юм ин ё он рафторро бо мафҳумҳои «дуруст», «нодуруст», «хуб», «бад» арзёбӣ мекунанд. Дар таркиби луғавии онҳо мафҳуми «адолатнокӣ» дида намешавад. Танҳо шумораи на он қадар зиёди хонандагон (20%) мафҳуми «адолатнокӣ»-ро тавассути таҷрибаи на он қадар зиёди ҳаётии ба мактаббачагони хурдсол хосбуда шарҳ доданд. Дар муқоиса бо хонандагони синфҳои 1-ум ва 2-юм қисми зиёди хонандагони синфҳои 3-юм ва 4-ум мафҳуми «адолатнокӣ»-ро аллакай аз худ мекунанд ва онро дар рафторҳои амалии худ истифода мебаранд, вале на ҳамаи кӯдакон мувофиқи қонуни адолатнокӣ кору зиндагӣ мекунанд.

Мисоли дар боло зикршуда ба он далолат мекунад, ки агар инсон дар бачагиву наврасӣ худро идора карда натавонад, қадру қимати худро дар қарзи инсонӣ устувор накунад, агар барои ин муносибатҳои зарурии инсонӣ вуҷуд надошта бошад, кори наҷиберо анҷом дода наметавонад. Мушкилӣ дар он аст, ки тасаввурот дар бораи инсону ҷомеа, некиву бадӣ ва дар бораи он ки инсон чӣ гуна бояд ба камол расад, дар шаклҳои

гуногун (панд, дастури амал, талқин) борҳо такрор мешаванд ва ҳазорон бор фаҳмида мешаванд, вале ба рӯҳи инсон намерасанду ӯро ба изтироб намеоранд. Бинобар ин таъсироти тарбиявие, ки нисбати тарбияи мактаббачагони хурдсол истифода бурда мешаванд, танҳо вақте метавонанд ба эътиқод табдил ёбанд, ки агар ӯ воқеаҳоро бо ақл дарк намояд ва мутаассир шавад.

Ҳадафи тарбиятгарон на фақат дар мактаб, балки ҳангоми бо калонсолон муносибат кардани кӯдак ин аст, ки шогирдон ба маънии зебогии ахлоқи шоиста сарфаҳм рафта тавонад. Мақсади асосӣ бояд дар он зоҳир ёбад, ки кӯдакон аз ҳақиқати ахлоқӣ руҳбаланд шуда, онро ҳамчун дороии маънавии худ азиз доранд, дар чашмонашон шарораҳои ҳаяҷони шодиангез дурахшад, фикрашон ба оянда парвоз кунад ва худро доро, зебо ва далер бубинанд. Ин ҳолати рӯҳии кӯдак бояд ҳамеша орзуву ормони ҳар як падару модар ва омӯзгор бошад. Тарбиятгар бояд эътиқод пайдо кунад, ки танҳо дар сурате бо нерӯи тарбия шогирди худро ба ин ҳолат оварда метавонад, ки агар мактаббача дар муносибат бо одамон худро огоҳона устувор нишон дода тавонад.

Омӯзгор пайваста бо тариқи омӯзишу парвариш ва таҳлил нозуктарин эҳсоси қалби шогирдони худро дарк намуда, бояд дар коллектив муносибатҳои мутақобилаи масъулият ва қарздориро мушоҳида кардаву ба миён орад. Кӯшиш кунад, ки кӯдак бо ягон роҳе дарси бебадали қарзомӯзиро аз худ карда тавонад ва аз файзи ин ифода худро шиносаду тарбия кунад. Ба ин минвол бештар эътиқод пайдо кунад, ки тарбияи ҳақиқӣ дар ҷое сар мешавад, ки он ҷо ягонагии тарбия ва худтарбиякунӣ мавҷуд аст, аммо ин ягонагӣ танҳо дар шароите имконпазир мебошад, ки инсон чизеро азиз дорад. Вуруди ҳақиқату ғояи ахлоқӣ ва эътиқод аз рӯҳияи шахс ва муносибатҳои байни одамон, аз муносибатҳои инсоние, ки дар онҳо эҳсоси қарзи инсонӣ тавлид мешавад, оғоз мегардад.

Эҳсоси қарзи инсонӣ дар муносибатҳои мутақобилаи инсонӣ тавлид меёбад ва кас аз нозуктарин зуҳуроти зиндагии шахсиаш сар карда худро дар қарз ифода мекунад. Дар қарзи инсонӣ мабдаъҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба таври ҳайратангез омезиш меёбанд. Роҳи ташаккули қарзи инсонӣ аз фаҳмишу таассуроти манфиатҳои ҷомеа ва меҳан, аз муносибати инсон ба инсон шурӯъ мешавад.

Роҳи қуллаи ташаккули қарзи инсониро дар он ҷустан лозим, ки кӯдак аз нахустин қадамҳои зиндагии огоҳонаи хеш сарнавишти инсонҳоро бо дил эҳсос кунад, сарнавиштҳои одамони бегона ба дили ӯ ворид гардонду сарнавишти худаш шаванд, тавассути сарнавишти одамон роҳи маърифати манфиатҳои олиро дарёбад ва ормони ӯ содиқона ба ватан хизмат кардан бошад. Ӯ барои шараф, шӯҳрат ва шавкати ормонҳои шоистаи инсонӣ талош варзида, ба онҳо наздик шуда, бубинад ва онҳоро дар худ таҷассум карда тавонад.

Агар падару модар ва омӯзгорон хоҳанд, ки инсони қарзшиносро тарбия кунанд, муносибатҳои мутақобилаи кӯдаконро бо одамон боядончунон барқарор намоянд, ки ҷонашонро ба дигар одамон бахшида тавонанд. Ин аст олитарин қарзи инсонӣ.

Қобилияти дар назди худ талаб гузоштан, ба виҷдони худ фармонфармоӣ кардан ба он вобаста аст, ки инсони хурдсол аз кадом сарчашмаҳои шодиву бахт об мехӯрад. Ба ақидаи мо, маҳз бояд мусоҳиба дар мавриди бахт, шодмониҳои айёми кӯдакӣ мавзӯи таваҷҷӯҳи ҷиддии ҳам омӯзгорон ва ҳам волидон қарор гирад. Бе муболиға, қарзи падариву модарии волидайн, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки онҳо чӣ гуна баояндаи кӯдак муносибат менамоянд. Муносибат нисбат ба хушбахтӣ ва дарки бахту шодии бача аз умдатарин ҳикмати педагогист. Бахти кӯдак гулханест руҳафзо, ки инсонро гармӣ мебахшад ва ҳам сӯхторест фалокатбору сӯзанда.

Мо ҳама, ки дар тарбияи кӯдакону ҷавонон ҳамдастӣ дорему барои сарнавишти эшон ваояндаи халқ масъул мебошем, аз он ба гирдоби

изтироб меафтем, ки ҳанӯз дар мо оилаҳое дучор мешаванд, ки кӯдаконашон хушбахтиро намедонанд. Басо таассуфангез аст зиндагии бачаҳое, ки «волидони дилсӯз» тамоми хоҳишҳои онҳоро қонеъ мегардонанд ва бачаҳо ғаму ғуссаеро намедонанд. Тарбияи бача дар руҳи беғамӣ ва саршор будан аз лаззатҳои беохир, худхоҳӣ ва носозгории хоҳишу талабҳоро ба миён меорад, ки бача ғайри истеъмоли неъматҳо хоҳиши дигаре дар дил намепарварад. Бачаҳое, ки аз ин гуна «хушбахтӣ» баҳра бардоштаанд, одамони бағоят бадбахтанд, доροии ахлоқии ҷомеаи мо дастраси онҳо нест. Агар мактаб маънии ҳалокатбори хушбахтии шикампарастиро фаҳмад, бояд кори зиёде ба ҷо орад, ки мабдаи ҳақиқии одамиятро дар инсон кашф намояд.

Идеали тарбиявии омӯзгорон ва волидайн бояд дар он зоҳир ёбад, ки кӯдакон бахти худро дар оилаву ҷамъият дар дилсӯзӣ, нооромӣ ва изтироб дарёбанд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими тарбия, ба ақидаи мо, ин дар ниҳоди бача эҳсосу таассуроти руҳии пурзӯр ва ғамхории зӯррасро устувор сохтан аст. Хурдсоле, ки назди волидайн худро ҷавобгар мешуморад, аз онҳо зинҳор кори номумкинро талаб намекунад ва падару модарро на фақат касоне медонад, ки ӯро ба дунё овардаанд, балки боз онҳоро ҳамчун касоне мешиносад, ки таҷассуми зиндаи қарзи ҷомеа ва ватан мебошанд.

Бегумон, дар ҷамъияти мо нафароне ба сар мебаранд, ки ба ёрии ҳамаҷнибаи мо мӯҳтоҷанд. Онҳо мехоҳанд барояшон як сатил об биёрем, ҳезумашонро шиканем ва бо нон таъминашон кунем. Ҳамзамон, одамони зиёдеро дучор кардан мумкин аст, ки ба самимият, ҳамдардӣ ва ба сухани нек мӯҳтоҷанд. Маҳорати дарк намудани одамоне, ки мӯҳтоҷи ёрианд, аз рӯҳи қавии кӯдак дарак медиҳад ва маҳз дар ҳамин бачаҳо бояд дарси бебадали қарзи инсониро эҳсос кунад.

Барои мисол суҳбати гузаронидаи омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 3-и ш. Бохтар А. Алиевро бо хонандагони синфи 4-ум аз рӯи ҳикояи А. Ғафуров «Пайраҳа» пешкаш менамоем.

Баёни мавзӯи навро омӯзгор бо сухани муқаддимавӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишваре, ки дар он халқияту миллатҳои гуногун дар фазои якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва бунёдкорию созандагӣ зиндагӣ ва кору фаъолият менамоянд, оғоз намуд. Насли калонсол кӯшиш менамоянд, ки кӯдакон хушбахт бошанд, ҷангу ҷидол набошад. Дар навбати худ мактаббачагон низ кӯшиш менамоянд, ки барои пешравӣ ва шукуфоии кишвар саҳми худро гузоранд. Кӯдакон алайҳи ҳама амалҳои номатлубе, ки дигарон ба муқобили мо равона месозанд ва нисбати кишвари мо таблиғоти душманона мебаранд, мубориза мебаранд.

Баъди сӯҳбати муқаддимавӣ омӯзгор ба баёни ҳикоя оғоз намуд.

Амаки Ҷалолро натанҳо Муҳаббат, балки тамоми бачаҳои деҳа дӯст медоштанд. Амаки Ҷалол онҳоро баъзан ба мошини худ савор карда, ба шаҳр мебурд.

Сарфи назар аз ҳавои боронӣ ва сардии ҳаво амаки Ҷалол кӯшиш менамуд, ки дар вақташ ба кор ҳозир шавад. Як пагоҳӣ Муҳаббат, ки дар назди тирезаи хонаашон меистод, мебинад, ки амаки Ҷалол гузашта истодааст. Муҳаббат тарафи ӯ даст меҷунбонад, вале амаки Ҷалол ин амали Муҳаббатро намебинад. Муҳаббат бори дигар мехоҳад, ки ба сӯи амаки Ҷалол даст афшонад, вале ин замон, амаки Ҷалол лағжида меафтад.

Муҳаббат дарҳол аз хона мебарояд, вале аллакай амаки Ҷалол рафта буд. Муҳаббат бисёр фикр накарда, хона даромада, сатилчаашро гирифта ба кӯча мебарояд. Ӯ сатилро аз сангреза пур карда, ба назди хонаи амаки Ҷалол бурда рехтан мегирад. Бачаҳо ин амали Муҳаббатро дида аз ӯ суол мекунанд, ки ӯ чӣ кор карда истодааст. Ӯ ба бачаҳо ҳодисаи ба амаки Ҷалол рӯйдодаро мефаҳмонад. Ин ҳолро бачаҳо фаҳмида, ба ӯ пайравӣ карда, ба сангрезакашонӣ шуруъ менамоянд. Дар натиҷа, то назди хонаи Ҷалол амак як пайраҳае омода мешавад.

Бегоҳӣ амаки Ҷалол аз кор баргашта мебинад, ки то назди дарвозаи хонааш пайроҳае пайдо шудааст ва бо ҳайрат худ ба худ мегуяд:

– Кӣ ин корро карда бошад?

– Мо, - ҷавоб медиҳад Муҳаббат, ки дар ин вақт дар назди panҷара истода буду ҳайрон шудани амаки Ҷалолро назора мекард.

– Барои чӣ?

– Мехоҳем, ки шумо дигар налағжед.

Амаки Ҷалол ҳодисаи субҳгоҳон ба ӯ рухдодаро ба хотир оарда, механдад ва ба рафиқони хурдсоли худ сипосгузорӣ мекунад.

Сипас, муаллима ба хонандагон маънои ин ҳикматро мефаҳмонад:

«Ҳар чӣ коштӣ, ҳамон медаравӣ» ва илова менамояд: «Некӣ кунӣ, некӣ мебинӣ».

Ҳангоми нақл намудани ҳикоя дар лаҳзаҳои даркорӣ омӯзгор ба таври васеъ аз навиштаҷотҳо дар бораи кишварамон, расмҳо, ки кору фаъолият ва зиндагии ашхоси мухталифро инъикос мекарданд, истифода бурд.

Баъди ин, муҳокимаи ҳикоя шуруъ гардид. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат намуда, суол медиҳад, ки оё шумоён нисбат ба хурдтаракон, падару модар ва дигарон кадом корҳои шоистаро иҷро намудед? Хонандагон оид ба корҳои неки анҷомдодаи худ мисолҳо оварданд. Масалан, яке аз хонандагон иброз намуд, ки агар модарам бо кори хона банд бошанд, ман додарчаамро нигоҳубин менамоям. Дигаре гуфт, ки мо дар хона барои паррандагон донхӯрак сохтаем. Махсусан, дар фасли зимистон ба донхӯрак дон мепошам, то ки паррандагон гуруснагӣ накашанд. Агар ҷӯраам дар ҳалли мисолу масъалаҳои математика душворӣ кашад, ба ӯ ёрӣ мерасонам.

Бояд зикр намуд, ки чунин корҳои тарбиявиро мунтазам бояд гузаронид ва иҷрои корҳои неку шоистаро ба хонандагон доимо бояд хотирнишон намуд. Ҳамзамон, барои иҷрои корҳои неку шоиста ҳамеша бояд хонандагон руҳбаланд ва дастгирӣ карда шаванд. Ин дар навбати худ, дар хонандагон боиродагӣ ва боҷуръатиро ташаккул медиҳад, ки ин як қисми муҳими тарбияи ахлоқии хонандагон маҳсуб диниста мешавад.

Ба андешаи мо, кӯдакро бояд натанҳо чун донишвару мушоҳидагари оддӣ, балки чун шахсияти фаъолу ташаббускор ва боирода тарбия кардан зарур аст. Албатта ин ба маҳорату кордонии омӯзгор вобастагӣ дорад. Кӯдак бояд нисбат ба рӯйдодҳои ҳаррӯза мавқеъ ва нуқтаи назари худро муайян карда тавонад, ки ин аслан мушкилии марказии тарбияи ахлоқии насли наврас ба шумор меравад. Давраи бачагӣ он давраи ҳаёти маънавии инсон ба шумор меравад, ки ӯ бо шиддати хос аввалин хоҳиши ошкор сохтани нерӯи шахсии худро дарк намуда, дар ӯ хоҳиши дар амал татбиқ намудани нерӯи худ мушоҳида карда шуда, ҳамзамон аз рафтору кирдори барои дигарон манфиатовар бархурдор будан, падидор мегардад. Бори дигар, таъкид карданием, ки мақсаду мароми кори тарбиявии омӯзгорон ва волидайн бояд дар он зоҳир ёбад, ки кӯдакон ҳаёти ояндаи худро барои некӣ кардан ба дигарон бахшида тавонанд.

## 2.2. Ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Тарбияи рафторҳои ахлоқии хонандагон дар сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки агар се ниҳоди тавоно – мактаб, оила ва ҷомеа дар ҳакмкорию дар ҳамбастагӣ барои ояндаи дурахшони насли наврас фаъолият намоянд. Аз ин ҷост, ки мактаб ва оила ҳамчун шарикони масъул ва ду қувваи тавонои тарбиявӣ дар тарбияи насли наврас ҳам масъул ва ҳам вазифадоранд. Дар сурати муттаҳид шудани ин ду ниҳод аз бисёр ҷиҳат масоили тарбияи ахлоқии насли наврасро ҳаллу фасл намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама бояд падару модарон масъулияти бештарро дар тарбияи фарзандон бар душ дошта бошанд. Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид шудааст, ки «донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон,

ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзандон мунтазам ҳамкорӣ намоянд» [99, с.133].

Тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила ҷараёни мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ буда, ба муносибатҳои дохилиоилавӣ ва истифодаи дурусти роҳу усулҳои тарбиявӣ ва урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ вобастагӣ зиёд дорад. Имконияти оилаи муосир дар тарбияи ахлоқии кӯдакон пеш аз ҳама, аз тарафи падару модарон дарк намудани зарурияти ба таври мақсадноку муназзам ба роҳ мондани кори тарбиявиро талаб мекунад. Дар оила муҳайё сохтани шароите, ки ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мусоидат намояд, хеле зарур аст, чунки оила барои кӯдак даргоҳест, ки аввалин пояҳои ахлоқи шоистаи инсонӣ гузошта мешавад. Ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу атвор, ормон-асоси ҳамаи ин хусусиятҳои муҳими иҷтимоӣ-психологии шахсият дар оила гузошта мешавад. Дар оила кӯдакон ба муносибати байниҳамдигарии калонсолон, ӯҳдадориҳои доштаашон, ба кору фаъолияти меҳнатиашон ва вазъиятҳои дар оила ба амал омада эътибори махсус медиҳанд. Муҳаққиқ ва педагоги тоҷик, профессор Б. Маҷидова нақши роҳбарии падару модаронро ба тарбияи ахлоқии кӯдакон таҳлил намуда, зикр мекунад, ки «Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки аз он Тоҷикистон низ дар канор намондааст, аз хурд то бузург, аз кӯдак то калонсол барои донистан, аз худ намудан, фаҳмидани навовариҳои илму фан, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоии фарҳангӣ, маишӣ, хоҷагӣ (пухтупаз, сайру саёҳат, хариду фурӯш ва ғайраҳо), муоширату мубодилаи афкор, муроҷиат кардан ва истифода бурдан аз маводи итилоотӣ-иртиботии телевизор, телефони мобилӣ, интернетро афзал медонанд» [119, с. 10]. Бо вуҷуди ин, падару модарон вобаста ба проблемаҳои ҷаҳонишавӣ, ки хоҳу нохоҳ ба рафтору кирдори кудакону наворасон таъсир мерасонад, тарзи роҳбарӣ ба тарбияи фарзандонро ба куллӣ дигар кунанд. Нуқтаи назари падаи падару модарон бошад, ба кӯдакон ва рафтору кирдори онҳо таъсири бузург мерасонад. Ин

рағбатнокии ҷамъиятии кӯдакон ва ормонҳои онҳоро ташаккул дода, ҳамзамон ба мақсадҳои ҳаётан муҳими ӯ таъсир мерасонанд. «Кӯдакон дар оила натанҳо дарси оддию мушаххаси иҷтимоиро аз худ мекунанд, балки ба маҷмӯи муносибатҳое ҳамроҳ мешаванд, ки мазмуни ҳаёти ояндаи онҳоро ташкил медиҳанд».

Кӯдакон дар оила он таҷрибаи ғании калонсолонро меомӯзанд ва ин дар оянда ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки дар оянда аз ӯҳдаи мушкилоти дар наздашон бавуҷудомада ба хуби баромада тавонанд. Дар тарбияи ахлоқи шоимтаи кӯдакон масъалаи муҳим ин мавҷуд будани муҳити мӯътадили психологии оилавӣ ба ҳисоб меравад. Тарбияи бо муваффақонаи кӯдакон ба он вобастагӣ дорад, ки то чӣ андоза падару модарон ӯҳдадориҳои хешро нисбат ба тарбияи кӯдакон дарк менамоянд. Психологи маъруф Б.Г. Ананьев менависад: «Муҳити маънавии оила ин ҳамдигарфаҳмии даркорӣ дар муносибати тарафайн, қаринии падару модарон нисбат ба кӯдакон, умумияти зербино ва зерсохтори тарбия аз бисёр ҷиҳат аз мақому вазъи оила дида, ба вазифаи иҷтимоӣ ва нақши волидайн вобастагӣ дорад» [11, с.107].

Дар оила чун қоида одамони синну соли гуногун ва дорои таҷрибаву касбу кори мухталиф зиндагӣ мекунанд. Ҳар қадаре ки таҷрибаи ҳаётӣ ва иҷтимоии аъзоёни оила, дараҷаи маданиятнокӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни он ғанӣ бошад, ҳамон қадар ба тарбияи маънавии кӯдакон таъсиргузор мегардад. Мавҷуд будани муносибати байниҳамдигарии хуб дар оила, ҳаёти бонизоми дохилии ҳар як аъзои он, дарки ҳиссиёти шодию нишоти умум ба он мусоидат мекунад, ки дар чунин шароит шахсони ором, ботамкин, серғайрат, ҳаётдӯст, боирода ба воя расанд.

Мушоҳидаҳои аз ҷониби мо гузаронидашуда ба саъю кӯшиши оила ҷиҳати дар кӯдакон ташаккул додани меъёр ва қоидаҳои рафтор далолат мекунанд. Махсусан диққати бештар ба мактаббачагони хурдсол дода

мешавад. Барои мисол таҷрибаи тарбиявии якчанд оилаҳоро мисол меорем.

Оилаи Каримовҳо дар ноҳияи Данғара зиндагӣ мекунанд. Таҷрибаи тарбияи кӯдакон дар оилаи Каримовҳо сазовори таҳсин аст. Сарвари оила ба ҳайси сармуҳосиб фаъолият намуда, ҳамсараш соҳибхоназан мебошад. Онҳо 5 нафар фарзандро тарбия менамоянд. Фарзанди калонӣ Манучеҳр дар синфи 7-ум, Мавҷуда дар синфи 5-ум, Аҳдия дар синфи 3-юм, Шамсия дар синфи 1-ум ва Миҷгона хурдсол мебошад. Падару модар ҳар шаб рӯзнома ва дафтарҳои фарзандонро аз назар мегузаронанд. Модарашон ҳар бегоҳ якҷоя бо кӯдакон хондани ҳикояву афсонаҳоро ташкил намуда, дар якҷоягӣ бо онҳо маводи хондаашонро муҳокима менамояд. Дар оилаи онҳо ҷазои ҷисмонӣ вуҷуд надорад. Волидайн боварӣ доранд, ки усули хуби тарбия муносибати хуб бо фарзандон мебошад. Ҳар як аъзои оила ӯҳдадории худро дорад: Манучеҳр хариди мағозаро анҷом медиҳад ва ба корҳои падараш дар замини наздиҳавлигӣ ёрӣ мерасонад. Мавҷуда дар тайёр намудани хӯрок ба модараш ёрӣ мерасонад ва шустани косаю табақро ба ухда дорад. Аҳдия дар рӯбучини хонаву тоза намудани фарши хона масъул мебошад. Шамсия хоҳари хурдакакашон Миҷгонаро нигоҳубин мекунанд.

Кору фаъолияти фарзанди калонии ин хонадон Манучеҳр ибратомӯз аст. Вай ҳамчун фарзанди калон ба корҳои падару модараш ҳамеша ёрӣ мерасонад. Падараш, ки ҳар рӯз ба кор меравад, ӯ ҳамеша ба ҷойи падар аксарияти корҳои хонаро анҷом медиҳад. Мавҷуда бо ҳамроҳии хоҳарони худ дар рӯбучини хона кӯмак мерасонад. Ин яке аз анъанаҳои мардуми тоҷик ва сокинони Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар оилаи тоҷикон маҳз ба тарбияи фарзанди нахустин аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Падару модар дар навбати худ ба фарзандон барои иҷрои кори некашон таҳсину офарин мехонанд. Онҳои ҳеҷ гоҳ ба фарзандон барои корро бесифат иҷро карданашон сахт сарзаниш

намекунанд, чунки чунин муносибат дар кӯдакон беҷуръатию тарсончакиро ба вуҷуд меорад.

Падари Манучеҳр дар сӯҳбат бо мо чунин гуфт: «Манучеҳр фарзанди калони мост. Ман ҳамчун падар ба кори хона ёрӣ мерасонам, чунки ҳаёти оилавӣ бидуни ин ҳеҷ аст. Мо дар ҳаққи фарзандони худ ғамхорӣ менамоем, чаро онҳо дар ҳаққи мо ғамхорӣ накунанд? Ман дар истеҳсолот кор мекунам ва ӯ бояд баъзе корҳои хоҷагиро худаш иҷро намояд. Бояд чунин ҳам бошад, зеро ӯ бо мо дар як оила зиндагӣ мекунад». Маҳз ҳамин тавр дар оилаи тоҷик кӯдакон ба ҳаёти мустақилона тайёр карда мешаванд.

Дарк намудани мавқеи худ дар коллективи оила, рафтори калонсолонро дар худ таҷассум намудан, ҳурмату эҳтироми калонсолро ба ҷо овардан, ки ҳамчун меъёри ахлоқӣ дониста мешавад, барои ташаккули донишҳои ахлоқии хонандагон асосӣ мебошад. Корҳои дастаҷамъӣ ҳам бо ҳамсолон ва ҳам бо калонсолон, дарки масъулият нисбат ба кори супоридашуда, натиҷаи меҳнати коллективона дар кӯдакон рафторҳои ахлоқии шоиста ва ироданокию боҷуръатиро ташаккул медиҳад.

Дар оилаи Музаффаров Ҷамолиддин низ ба масъалаи тарбияи кӯдакон эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Музаффаров Ҷамолиддин соҳибкор мебошад. Сарфи назар аз шуғли худ, ӯ пайваста ба мактаб алоқаи зич дошта, дар чорабиниҳои мактабӣ ширкат меварзад. Вай ҳамеша ҷараёни донишазхудкунӣ ва рафтори фарзандонашро зери назорат мегирад. Ҷамолиддин соҳиби 6 фарзанд буда, 3 нафарашон дар синфҳои болоӣ, 2 нафарашон дар синфҳои ибтидоӣ таҳсил намуда, як нафарашон синни томактабӣ мебошад. Фарзандони ин хонадон аз ҷиҳати рафтору одоб чӣ дар мактаб ва чӣ дар маҳалла намунаи ибратанд.

Музаффаров Ҷамолиддин дар хона гӯшаи китоб ташкил намудааст, Ӯ мунтазам гӯшаро бо китобчаҳои бадеӣ вобаста ба синну соли кӯдакон

ғанӣ мегардонад. Сарвари хонадон ҳамеша бо кӯдакон хондани китобҳои бадеӣ ва муҳокимаи онҳоро ба роҳ мемонад. Муҳокимаи ин гуна хонишҳои бадеӣ кӯдаконро водор месозад, ки ба хусусиятҳои хоси қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ ошноӣ пайдо карда, ба рафторҳои хуби онҳо пайравӣ намоянд. Дар ин оила ҳар як кӯдакон супоришҳои хонагии худро дошта, бо майлу хоҳиши том ва бочуръатонаю ироданокӣ онҳоро ичро менамоянд, чунки падару модар фарзандонро барои чрои кори некашон мудом руҳбаланд мекунанд. Кӯдакон дар корҳои хона ба волидайн ёрӣ мерасонанд. Фарзандони калонсолтар дар ичро намудани ин ё он кор ба хурдсолон роҳ нишон медиҳанд. Бар ивази ин онҳо аз хурдсолон муҳаббати самимӣ ва эҳтиромро ҳис мекнанд.

Дар набудани падару модарон кӯдакони калонсолтар анчом додани корҳои хонаро ташкил мекунанд. Кӯдакон бо шавқу завқи зиёд ба молу паррандагон нигоҳубин карда, якчоя бо падару модар дар замини наздиҳавлигиашон меҳнат мекунанд. Ба ин корҳо кӯдакони хурдсол Заринаю Фароғат низ чалб карда мешаванд, ки корҳои мувофиқи тавоноиашонро ичро менамоянд. Дар баробари ин, натанҳо ба миқдори корҳои ичрошуда аҳамият медиҳанд, балки мушоҳида менамоянд, ки ин намуди кору фаъолият ба ҳаёти шахсии кӯдакон чӣ гуна таъсир мерасонад.

Падару модар барои иштироки бачаҳо дар корҳои чамъиятии мактаб монеъ намешаванд. Баръакс, падару модар бештар тавaччӯҳ зоҳир менамоянд, ки кӯдакон нисбат ба ичрои корҳои чамъиятии мактаб чӣ гуна муносибат менамоянд. Ин оила дар тарбияи кӯдакон анъанаҳои мардумии миллати точикро истифода мебаранд.

Оилаи хуб, мегӯяд сарвари хонадон Музаффаров Чамолиддин, ҳамон оилае мебошад, ки масъалаи тарбияи меҳнатӣ дар он хуб ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, дар хонадони Музаффаровҳо бачаҳо аз кӯдакӣ ба меҳнат одат кунонида мешаванд. Дар чараёни меҳнат кардан дар ниҳоди кӯдакон асосҳои коллективизм, ҳамдигарфаҳмиву инсондӯстӣ тарбия

карда мешаванд. Падару модарон кӯшиш менамоянд, ки малакаи таҷрибаи меҳнатии ба даст овардаи кӯдакон ба онҳо дар корҳои ҷамъиятии мактаб ҳар чӣ бештар кӯмак расонад.

Падару модар барои иштироки бачаҳо дар корҳои ҷамъиятии мактаб монеъ намешаванд. Баръакс, падару модар бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд, ки кӯдакон нисбат ба иҷрои корҳои ҷамъиятии мактаб чӣ гуна муносибат менамоянд. Ин оила дар тарбияи кӯдакон анъанаҳои мардумии миллати тоҷикро истифода мебаранд.

Дар ҷараёни меҳнат кардан дар ниҳоди кӯдакон асосҳои коллективизм, ҳамдигарфаҳмиву инсондӯстӣ, боҷуръатию боиродагӣ ва аз мушкилиҳо натарсидан тарбия карда мешаванд. Падару модарон кӯшиш менамоянд, ки малакаи таҷрибаи меҳнатии ба даст овардаи кӯдакон ба онҳо дар корҳои ҷамъиятии мактаб ҳар чӣ бештар кӯмак расонад.

Дарк намудани мавқеи худ дар коллективи оила, рафтори калонсолонро дар худ таҷассум намудан, ҳурмату эҳтироми калонсолро ба ҷо овардан, ки ҳамчун меъёри ахлоқӣ дониста мешаванд, барои ташаккули донишҳои ахлоқии хонандагон ва дар ин зимн барои ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ низ муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Корҳои дастаҷаъмонаи оилавӣ, дарки масъулият нисбат ба кори супоридашуда, натиҷаи меҳнати коллективона дар кӯдакон рафторҳои ахлоқии шоистаро ташаккул медиҳад.

Сарвари оилаи дигар, Ҳақназаров Саид омӯзгор мебошад, ки дар муассисаи таҳсилоти умумии №8-и ноҳия Данғара солҳои зиёд ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда истодааст. Ҳақназаров Саид дар байни падару модарон ва маҳаллае, ки зиндагӣ мекунад, соҳиби иззату эҳтироми зиёд аст. Ҳамсараш соҳибхоназан мебошад. Шарти муҳими дар мактаббачагони хурдсол баланд бардоштани самаранокии тарбияи хулқу атвори нек ва дар ин замина тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ин оила тарзи муносибати дурусти

байниҳамдигарии аъзоёни оила ва шахсони калонсоли оила ба ҳисоб меравад. Дар оилаи мазкур калонсолон ҳурмату эҳтироми беандозаро соҳибанд, ки ин анъанаи қадимаи оилаи тоҷик маҳсуб меёбад.

Падару модарон дар ин оила барои кӯдакон намунаи ибратанд. Дар хонадони онҳо раҳматномаю ифтихорнома барои меҳнати шоёни падари фарзандон аз ҷойи кораш мавҷуд аст. Дар ин хонадон тарзи муносибати волидайн ба он хос аст, ки онҳо байни якдигар бисёр боадабона, боэҳтиромона ва самимона муносибат мекунанд. Дар ин оила на ин ки суханҳои қабеҳ, балки бо овози баланд мурочиат намудан шунида намешавад. Ҳамаи масъалаҳое, ки ба тарбияи кӯдакон дахл дорад, якҷоя ҳаллу фасл шуда, дар тарбияи кӯдакон талаботи ягона мавҷуд аст. Волидайн барои иҷрои ин ё он супориши аз ҷониби кӯдакон иҷрошуда ҳамеша фарзандоро руҳбаланд мекунанд. Агар кӯдакон кори ба зимаашон супоридашударо бе сифат иҷро кунанд, ва ё пиёла ва косаеро афтонда шикананд, волидайн сахт сарзаниш намекунанд, баръас таъкид менамоянд, ки минбаъд саросема нашуда, эҳтиёткор бошанд. Агар дар ин ҳолат кӯдакон аз ҷониби падару модар сахт танбеҳ дода шаванд, дар кӯдакон тарсончакӣ ва беҷуръатӣ барин сифатҳои манфӣ ташаккул ёфтан мегирад. Минбаъд кӯдакон ин ё он супоришро беҷуръатона иҷро менамоянд.

Мо мушоҳида намудем, ки фарзандони калонсоли ин оила (яке муаллим, дигаре иқтисодчӣ, сеюмӣ донишҷӯ), ки мустақилона зиндагӣ мекунанд, зуд-зуд ба хонаи падару модар омада, дар гирди дастурхони пурнозу неъмат нишаста, сӯҳбати самимӣ, дӯстона ороста, насиҳати калонсолонро гӯш дода, онҳоро эҳтиром менамоянд. Мавзӯи сӯҳбатҳо бештар масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ва аз ҷумла масъалаҳои ахлоқу одобро дар бар мегирад. Муҳокимаҳои якҷояи ин масъалаҳо барои кӯдакон мактаби хеле хуби накӯкорӣ, меҳрубонӣ, хайрхоҳӣ ва инсондӯстӣ ба ҳисоб меравад. Кӯдакони хурдсол Ҷамшед ва Сӯҳроб низ ба ин сӯҳбатҳо ҳамроҳ мешаванд ва ба фикру ақидаи дигарон гӯш

медиҳанд, меомӯзанд, ки дар кадом маврид ба таври боадабона сухан рондан мумкин.

Бояд зикр намуд, ки имконияти оила дар тарбияи ахлоқии хонандагон ба муҳити баландахлоқонаю муносибати инсондӯстонаи аъзоёни оила, ба эҳтироми зан-модар ва дар он ки кӯдак шахсияти дорои эътиқод ва шавқу рағбат мебошад, вобаста аст. Дар кори тарбияи кӯдакон ҳамон оилаҳое ба муваффақият ноил мегарданд, ки падару модар ва аъзоёни оила ҷиҳати фаҳмонидани асосҳои ахлоқии ин ё он рафтору кирдор кори муназзаму босуботро ба роҳ монда, ягон рафтору кирдори кӯдакон аз назари онҳо дур намемонад.

Муҳити хайрхоҳонаи муносибатҳои оилавӣ ба кӯдакон он қадар таъсири гуворо мерасонад, ки дар баъзе мавридҳо насиҳатгӯиҳои чандинкарата расонида наметавонанд. Чунин муносибат, ба ақидаи мо, дар тарбияи кӯдакон хело муфид мебошад. Дар ин маврид алоқамандии бевосита миёни педагогикаи халқӣ ва педагогикаи муосир дар тарбияи кӯдакон мушоҳида карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки падару модароне, ки фарзанди ягона доранд, ҳамеша дар онҳо изтиробу тарси аз даст додани ӯ мушоҳида карда мешавад. Чунин падару модарон ҳамаи диққати худро ба фарзанди ягона равона месозанд, ки дар натиҷа дар чунин кӯдакон ҳиссиёти худхоҳӣ ба вуҷуд меояд. Агар дар оила якчанд кӯдак мавҷуд бошад, онҳо нисбат ба ҳамдигар ғамхорӣ зоҳир менамоянд, дар коллектив зиндагӣ карданро меомӯзанд, ба ҳамдигар меҳрубон мешаванд.

Мо дар ин ҷо оилаҳои нисбатан намунавиро мисол овардем. Сарвари яке аз оилаҳо омӯзгор буда, низоми анъанавии тарбияро хеле хуб мефаҳмад ва дар тарбияи кӯдакон бештар ба анъанахои халқӣ такя мекунад. Сарвари оилаи дуюм корҳои тарбиявиро дар оила дар якҷоягӣ бо коллективи педагогии мактаб ба роҳ мемонад. Дар ин маврид сарвари оила дар ҷараёни тарбия ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ аҳамияти калон дода, ҳам ба чиҳати микдорӣ ва ҳам ба сифати кори иҷрошуда аҳамияти

даркорӣ медиҳад. Дар оилаи сеюм ба кори доимии хона ҷалб намудани кӯдакон ва ба тарбияи фарзанди нахустин диққати бештар додан мушоҳида мешавад, то фарзандони баъдина ба рафторҳои хуби фарзанди калонӣ пайравӣ кунанд. Дар ҳамаи оилаҳои мисол овардашуда волидайн кӯшиш мекарданд, ки ҳангоми иҷрои ин ё он супориш дар кӯдакон ҳам малакаи хушсифат ва сари вакт иҷро намудани кор ва ҳам малакаи иродонокию боҷуръатӣ ташаккул ёбад.

Дар ҳар як мисоли аз оилаҳо овардашуда ба мавқеи омӯзгорон баҳои баланд дода мешавад, зеро падару модарон бо онҳо мунтазам робита дошта, дар ин ё он масъала аз онҳо ёриву маслиҳати мақсадноку муфид мегиранд. Мо чунин меҳисобем, ки таҷрибаи чунин оилаҳо чун таҷрибаи педагогӣ сазовори омӯзишу ҷамъбаст, тарғиб ва дар амал татбиққуниро тақозо мекунад.

Дар оилаҳое, ки тарбияви кӯдакон хуб ба роҳ монда шудааст, натиҷаи хуби ҳам миқдориву ҳам сифатӣ ба даст меояд. Дар ҳамаи мисолҳои зикршуда мавқеи омӯзгорон, ки падару модарон мунтазам бо онҳо вохӯриҳо мегузаронанд, маслиҳатҳо медиҳанд, хеле калон аст.

Омӯзгорон кайҳо пай бурдаанд, ки заминаи асосии тарбияи ахлоқӣ ва ҳам бетарбиятии кӯдакон дар оила ниҳон аст. Дар робита ба ин масъала як қатор камбудиҳои оилавиро дар тарбияи мактаббачагони хурдсол дида мебароем. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, дар тарзи ҳаёти оила, дар хусусиятҳои махсуси алоқаи байниҳамдигарии аъзоёни он ва ниҳоят дар хусусияти манфии ҳар як аъзои оила ва ё яке аз онҳо зоҳир мегардад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон аз аз ҳар ҷиҳат рушд ёфта, ба яке аз кишварҳои шинохта дар миқёси ҷаҳон табдил ёфт. Аз нуқтаи назари таърих ин, албатта, муддати кӯтоҳ аст. Камбудиҳои алоҳидае, ки мавҷуданд, боқимондаи даврони пешин мебошанд. Бинобар ин, ҳанӯз ба пуррагӣ боқимондаҳои манфии тарзи ҳаёти пешина аз шуури як гурӯҳ одамон дур нарафтааст. Як қисми камбудиҳо бошад,

ба замони карахтӣ вобастагӣ доранд. Масалан, рағбат ба чизпарастӣ, пулпарастӣ ба тарбияи ахлоқии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдаке, ки дар чунин оилаҳо ба воя мерасанд, чунин руҳия ба ӯ сироят мекунад ва ба ӯ мушкил мешавад, ки дар ҳаёти мактабӣ коллективчӣ-ҷамъиятчӣ бошад, дар ҳаёти синфу мактаб фаъолона ширкат варзад. Агар кӯдакон таъсири ҳалокатбори чунин тарзи ҳаёти оилавиро дарк накунанд, ӯ дар ҳаёт ба мушкилоти зиёд ру ба рӯ мегардад, чунки дар оила як усул ва дар мактаб дигар усул тарғиб карда мешавад. Психологияи пухта норасидаи кӯдак мумкин аст тамоман иллат ёбад, ки ин хатари ҳалокатбори иҷтиморо ба бор меорад.

Нақши манфиро дар инкишофи ахлоқии кӯдакон, дар баъзе ҳолатҳо поймол кардани ҳуқуқи зан аз ҷониби мардҳо мебозад. Ин, аз як тараф, осори даврони пешин бошад, аз тарафи дигар, сатҳи пасти фарҳангу маданияти мардони алоҳида маҳсуб дониста мешавад. Дар чунин оилаҳо фарзандон дар ҳаёти ҳамарӯзаи хеш сабақи беадабиро меомӯзанд.

Зуҳур ёфтани авбошӣ, гуфтани алфози қабеҳ дар ҳамон мактаббачагоне дида мешавад, ки ё таҷрибаи калонсолони оиларо пешаи худ мекунанд, ё алорағми волидайни худ ин корро анҷом медиҳанд.

Камбудии тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила дар бисёр маврид аз бемаърифатии падару модарон гувоҳӣ медиҳад, ки ба ҳайси воситаи тарбиявӣ танҳо ҷазои ҷисмониро истифода мебаранд, ки ин кӯдакро ба якравию тарсончакӣ ва беҷуръатӣ оварда мерасонад. Баъзе волидайн ин ё он намуди ҷазову танбеҳро аз будаш зиёд истифода мебаранд. Масалан, мегӯянд: «Ту имрӯз бо ҷураҳоят бозӣ намекунӣ», «Имрӯз ту ба яхмолакбозӣ намеравӣ», ё ин ки «Агар пагоҳ ду баҳои панҷ нагирӣ, ман ба ту танбеҳ медиҳам». Чунин муносибат натанҳо кӯдакро тарбия мекунад, баръакс ба ӯ таъсири бади психологӣ расонида, дар ӯ тарсончакӣ ва беҷуръатиро ба вуҷуд меорад.

Оилаҳое низ ҳастанд, ки ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон аҳамият надода, ба тартибу низоми хонаводаи худ сарукор намегиранд. Онҳо намедонанд, ки фарзанди онҳо бо киҳо дӯстиву рафиқӣ ва муносибати наздик дорад. Як қисми волидайн масъалаи тарбияи меҳнатии кӯдаконро хуб ба роҳ намемонанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки кӯдакони худро аз ҳама кору ташвиши хона озод намоянд, то ки онҳо бештар ба дарстайёркунӣ машғул шаванд.

Баъзан, ҳангоми зиёд ба кори хона банд будан, кӯдакон ба волидайн ёрӣ намерасонанд. Дар баъзе маврид падару модарон барои иҷрои ин ё он супориш ба фарзандони худ бовар намекунанд.

Ҳолатҳоеро низ дучор кардан мумкин аст, ки падару модарон фарзандонро ба корҳои ободонии ҷойи истиқомат, кӯча, сафарбар намекунанд, ки ин дар кӯдакон нисбат ба меҳнат кардан муносибати манфиро ба вуҷуд меорад. Баъзе волидайн ӯҳдадориҳои худро танҳо дар таъмини моддии фарзандон меҳисобанд, тарбияи онҳоро бошад, дар мадди дуюм мегузоранд. Дар ин ҳолат ҳамеша дар кӯдакон руҳияи тангназарӣ ва чизпарастӣ ба вуҷуд меояд.

Кори озмоишии мо ба роҳҳои самараноки таъсиррасонии мактаб ба оила бо мақсади ташаккул додани донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва дар ин зимн ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ равона шуда буд. Амалӣ намудани ин масъалаҳо аз ошноии муалимон бо падару модарон ва омӯзиши шароити зисти ҳар як кӯдак дар оила оғоз гардид. Ба фикри мо, хусусият хоси тарзи муносибати инсондӯстонаи омӯзгорон ва волидайн ба пуррагӣ ба ҳамдигар бовар кардан мебошад. Падару модарон бояд бар он назар бошанд, ки ҳама гуна шубҳаи аз ҷониби омӯзор пешниҳодуда нисбат ба камбудии рафтору кирдори кӯдакон ва ба инобат гирифтани ин, бар зарари тарбияи фарозандони онҳо нест.

Сӯҳбат бо падару модарони хонандагон дар сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки агар омӯзгор пешакӣ саволҳоро тарзе фикр кунад, ки

ҳангоми вохурӣ маълумоти эътимоднокро оид ба шахсияти кӯдак ва худи волидайн ба даст орад. Пеш аз ҳама, диққати омӯзгорро чунин масъалаҳо бояд ба худ ҷалб намоянд: касбу кор ва ҷойи кори падару модар; ба кадом кор машғул будани падару модар дар вақтҳои холигӣ; машғулияти фарзандон дар вақтҳои холигӣ; муносибати кӯдакон нисбат ба супоришҳои додашуда; дар иҷрои корҳои хона рағбат доштан ё надоштани кӯдакон; иштирок дар корҳои коллективонаи оилавӣ; истифодаи усулҳои тарбия ва ғайра.

Хусусиятҳои ин ё он кори коллективонаро ба падару модарон ошкор намуда, муаллим зарурияти иштироки мактаббачагони хурдсолро барои иҷрои корҳои ба қобилияташон мувофиқ, бо мақсади аз ҷониби онҳо аз худ кардани қоидаҳои оддии ахлоқ талқин менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр мо самтҳои зерини кор бо падару модаронро пешниҳод намудем:

– барқарор намудани алоқаи мунтазам бо падару модарон ва аъзоёни калонсоли оила, баланд бардоштани маърифати педагогии волидайн;

– ба падару модарон фаҳмонидани роҳҳои самарабахши дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани меъёрҳои ахлоқӣ ва дар ин замина ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ;

– ташкил намудани хондани маърузаҳо барои падару модарон бо мақсади баланд бардоштани маданияти педагогии онҳо;

– ба корҳои ҷамъиятии мактаб ҷалб намудани волидай.

Аз ҷониби мо дараҷаи маданияти педагогии зиёда аз 80 волидайн омӯхта шуд. Ҳангоми муайян намудан меъёрҳои зерин ба ҳисоб гирифта шуд:

– ба таври амиқ фаҳмонидани вазифаҳои волидайн дар тарбияи фарзандон;

– муносибати инсондӯстона ва хайрхоҳона дар оила ва ба атрофиён;

– ташкил намудани фаъолияти якҷоя бо кӯдакон;

– робита бо мактаб;

– донистан ва истифодаи усулҳои пешрафтаи тарбия дар тарбии кӯдакон;

– мутолиаи мунтазами адабиёти педагогӣ.

Бо назардошти чунин меъёрҳо мо се навъи оилаҳоро муайян намудем. Ба навъи якум (50%) волидайне дохил карда шуданд, ки бо мактаб алоқаи зич доранд, вазифаи худро дар тарбияи фарзандон хуб иҷро мекунанд, усули талаботи ягонаро дар тарбияи кӯдакон ба пуррагӣ риоя мекунанд. Ин гуна падару модарон ҳамеша барномаҳои тарбиявии радио ва телевизионро гӯш мекунанд.

Ба навъи дуюм (35%) падару модаронеро шомил намудем, ки ба мактаб гоҳ-гоҳ меоянд, ӯҳдадориҳои худро дар тарбияи фарзандон хуб иҷро намекунанд, дар бораи усулҳои тарбия маълумоти нокифоя доранд, бо адабиёти педагогӣ ошно нестанд.

Ба гурӯҳи сеюм (15%) падару модароне дохил мешаванд, ки аз тарбияи фарзандон дуранд. Онҳо барои баланд бардоштани дониши педагогии худ умуман кӯшиш намекунанд.

Яке аз вазифаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишии мо баланд бардоштани дараҷаи маърифати педагогии падару модарон бо мақсади тарбияи ахлоқии кӯдакон на бо тарзи тасодуфӣ, балки дар асоси истифодаи тавсияҳои илмиву асоснокшуда ба ҳисоб мерафт. Ҳаминро ба эътибор гирифта, мо барои ҳар як гурӯҳи падару модарон нақшаи корӣ тартиб додем.

Моҳияти кори тарбиявӣ бо гурӯҳи якум аз он иборат буд, ки маърифати педагогии падару модарон баланд бардошта шуда, муносибати онҳо ба тарбияи фарзандон муайян карда шавад. Муаллимон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки таҷрибаи хуби дар масъалаи тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оилаҳо ҳосилшударо ҷамъбаст ва мавриди истифодаи дигарон қарор диҳанд. Падару модар ба маҷлисҳои синфӣ

даъват карда мешуданд ва бо оилаҳое, ки дараҷаи миёна ва паст доштанд, корҳои фардиро бо мақсади ҷалби онҳо дар ин ё он чорабинии мактабӣ анҷом медоданд.

Бо гурӯҳи сеюми падару модарон бо тавсияи мо омӯзгорон машғулиятҳои мухталифи хусусияти методӣ дошта, сӯҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ гузаронида, падару модарон ба чорабиниҳои тарбиявии мактабӣ ҷалб карда шуданд, ки ин ба баланд бардоштани самаранокии тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол мусоидат намуд. Дар машғулиятҳои бо ин гурӯҳи падару модарон гузаронидашуда аҳамияти намунаи ибрати шахсии аъзоёни калонсоли оиларо дар тарбияи сифатҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол таъкид намуда, муносибатҳои дохилиоилавиро ҳамчун воситаи муҳимми қонеъ намудани талаботи ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва дар онҳо тарбия намудани шавқ нисбат ба аз худ намудани қоидаҳои оддии ахлоқро ҳаллу фасл намуданд.

Дар гурӯҳи сеюм мо кӯшиш ба харҷ додем, ки мавқеи падару модаронро дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол муайян намуда, онҳоро бо донишҳои зарурии педагогӣ мусаллаҳ сохта, ҳамзамон дар ташкили тарзи дурусти ҳаёти кӯдакон ба онҳо кӯмак расонем. Омӯзгорон ба ҳар як падару модар дар муайян намудани мазмун ва мундариҷаи корҳои тарбиявӣ кӯмак менамуданд. Ҳамзамон дар ҳолатҳои зарурӣ ёрии фаврии педагогӣ расонда, барои рафъи мушкилоти бавуҷудомада ёрии амалӣ мерасониданд. Лозим ба таъкид аст, ки яке аз корҳои меҳварӣ дар тарбия намудани сифатҳои ахлоқии мактабачагони хурдсол ва дар ин зимн тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқи ин баланд бардоштани маданияти педагогии падару модарон ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ин, мо барои падару модарон барномаи махсусро таҳия намудем, ки масъалаҳои зеринро фаро гирифтааст:

1.Ташкили корҳои коллективона дар оила, бо фарзандон ба театру осорхонаҳо рафтан, тамошои кинофилмҳо, рафтан ба ҷойҳои ҷолиби

диққати шаҳру ноҳия, ширкати коллективона дар тамошои намоишгоҳҳо, гузоштани гул дар лавҳаи ёдгории қаҳрамонони ҷангу меҳнат, рафтани дастаҷамъона ба ҷойҳои маъмули шуҳрати ҷангӣ ва меҳнатӣ, муҳокимаи филмҳои якҷо тамошокардашуда дар оила ва ғайра.

2. Назорат аз ҷониби падару модарон ҷиҳати риояи реҷаи рӯз, дақиқ тақсим намудани вақт барои дарстайёркунӣ, корҳои ҷамъиятӣ, бозӣ ва шуғли дӯстдошта. Тавъам будани талаботи оқилонаи падару модарон бо талабот ва шавқу завқи кӯдакон.

3. Сари вақт ислоҳи камбудиҳо дар рафтори кӯдакон ва аз ҷиҳати педагогӣ дуруст фикр кардани таъсиррасонӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дар рафтори кӯдакон. Аз худ намудану дар амал татбиқ намудани усулҳои самараноки ташаккул донишу рафторҳои ахлоқии кӯдакон аз тарафи падару модарон.

Машғулиятҳо бо падару модарон ҷиҳати ҷараёни тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии кӯдакон дар оила дар шаклҳои гуногун гузаронида мешуд. Масалан, омӯзгорон тибқи тавсияи омодакардаи мо ҳангоми гузаронидани маҷлисҳои синфии падару модарон баромади психологҳо, ҳуқуқшиносон ва табибонро ташкил намуданд. Аз рӯи масъалаҳои асосии тарбияи ахлоқии кӯдакон бо падару модарон семинарҳо гузаронида мешу два дар ин маврид диққати асосӣ ба усулҳои ташаккули рафторҳои ахлоқӣ дар кӯдакон дода мешуд. Ба ғайр аз ин, ба омӯзгорон тавсия дода шуд, ки ба «оилаҳои душвор» роҳҳои таъсиррасонии педагогир ташкил кунанд.

Барои баланд бардоштани донишҳои педагогии падару модарон аз рӯи чунин мавзӯъҳо сӯҳбатҳо гузаронида шуд: «Самаранок ташкил вақти намудани вақти холигии кӯдакон», «Татбиқ намудани талаботи ягонаи мактаб ва оила дар тарбияи ахлоқии кӯдакон», «Таъсири муҳити солими психологии оилавӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон». Ташкили чунин кору фаъолияти якҷояи мактаб ва оила натиҷаи хуб дод. Муваффақиятро дар ин самт омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумии №№

2, 4, 5, 8, 13-и ноҳияи Данғара ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумии №№ 3, 4 ва Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар ва ғайра ба даст овharданд. Дар фаъолият бо падару модарон омӯзгорони ин муассисаҳои таълимӣ назди худ чунин вазифаҳоро мегузоштанд: шиносоӣ бо андешаҳои падару модарон ва ҷалби онҳо ба чорабиниҳои тарбиявии мактабӣ, ошкор намудани таҷрибаи хуби тарбияи оилавӣ ва ба таври васеъ тарғиб ва дастраси дигарон намудани он.

Омӯзгорони муассисаҳои таълимии мазкур дар таҷрибаи худ маҷлисҳои синфии падару модарон, вохӯриҳои алоҳида бо падару модарон ва кор бо падару модарони фаъолро истифода мебурданд (рафтан ба хонаи падару модарон, даъват намудани онҳо ба мактаб). Волидайн ҳамеша ба маслиҳату машварати омӯзгорон гӯш медоданд, ки дар натиҷа онҳо нисбат ба камташаббусӣ ва бепарвогии фарзандони худ оид ба иҷрои корҳои хона, дар бораи он ки кӯдакон зери фишор ва назорати онҳо ин ё он корро иҷро мекунанд, камтар шикоят менамуданд.

Миёни омӯзгорон ва волидайн муносибатҳои эътимодбахшу боварии байниҳамдигарӣ ҳукмфармо буда, падару модарон ҳамеша аз мушкилоту муваффақияти худ омӯзгоронро воқиф менамуданд. Инро мо ҳангоми сӯҳбат аз худи кӯдакон низ мушоҳида кардем. Дар сӯҳбат бо омӯзгорон хонандагон аз он амалҳои неке, ки дар хона анҷом доданд, нақл менамуданд.

Ҳамин тавр, мо дар ҷараёни таҳқиқот ба хулосае омадем, ки яке аз роҳҳои муҳимми такмил ҷараёни тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол, ин ба таври самаранок ба роҳ мондани ҳамкории мактаб ва оила ба ҳисоб меравад.

Корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ нишон доданд, ки дар сурати мувофиқи талаботи педагогӣ ба роҳ мондани ҳамкории мактаб ва оила шароит муҳайё мегардад, ки тарбияи ахлоқии хонандагон чӣ ҳангоми дар мактаб будан ва чӣ берун аз он низ ба таври самарабахш таъмин карда

шавад. Ҳамзамон, ҳамкории зичи мактаб ва оила имконият медиҳад, ки талаботи ягона дар ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол татбиқ карда шавад.

Ба рафтору кирдори кӯдакон назорат намуда, омӯзгорон ва волидайн имконият пайдо мекунанд, ки якдигарро аз натиҷаи мушоҳидаҳои худ хабардор намоянд, дар интихоби воситаҳои тарбия, ки ба такмили минбаъдаи шахсияти кӯдакон равона карда шудаанд, машварат намоянд.

## 2.3. Ғанӣ гардонидани малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар корҳои гуногуни коллективона.

Шароити педагогии дар параграфҳои қаблии боби мазкур ошкор кардашуда, ки ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мусоидат мекунанд, дар назди мо масъалаи тасвиби онҳоро ба миён гузоштанд. Бо таваҷҷуҳ ба он ки маҷмӯи шароитҳои педагоге, ки ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол мусоидат менамоянд, зарур аст ҷорикунии шароити педагогии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муайяншуда тавре ташкил карда шавад, то ки имкониятҳои муҳити таълимию тарбиявӣ ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Мақсади таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ аз он иборат буд, ки шароитҳои қобили қабули педагогӣ барои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол муайяншуда ва имкониятҳои ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ аз ҷониби мо ошкор ва мушаххас карда шуда, муассирӣ ва таъсири онҳо муайян карда шаванд.

Маҳз аз муайян кардани таъсири ин шароит, яъне ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мақсади озмоиш иборат буд.

Ба сифати фарзияи таҳқиқот мо тахмин кардем, ки агар мазмуни ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар доираи

барномаи махсуси тарбиявӣ мутамарказ карда шавад, пас натиҷаҳои мусбатро ба даст овардан мумкин аст.

Вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ аз инҳо иборат буданд:

1. Баррасии моҳият ва ҷанбаҳои назариявии ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар адабиёти педагогию психологӣ.

2. Муайян кардани пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

4. Таҳияи технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол.

5. Бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ собит сохтани дурустӣ ва мантиқӣ будани фарзияи кории пешниҳодшуда, санҷиш ва арзёбии ҷамъбастии технологияи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол.

Мувофиқи мақсадҳои гузошташуда ва мазмуни фаъолият мо методҳои зеринро муайян кардем: ташхис, ташаккули сифатҳои шахсият, ташкили фаъолият, назорат. Методҳои ташхис инҳоро дар бар гирифтандд: методҳои омӯзиши шахсият, шароити психологӣ-педагогӣ, рушди донишҳо дар бораи худ, дар бораи олам, методҳои омӯзиши ангезаҳо (пурсишномаҳо, тестҳо, саволномаҳо). Инчунин, чунин методҳои ташхис, ба монанди методҳои омӯзиши тағйирёбии ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ (пурсишномаҳо, тестҳо, саволномаҳо), методҳои омӯзиши сифатҳои барои худмуайянкунии шахсият истифода бурда шуданд. Ҳамзамон, омода намудани барномаҳои махсуси тарбиявӣ дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол кумак расониданд.

Омода кардани барномаҳои ҳамҷавори ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ин истифода бурдан аз ташкилу гузаронидани корҳои коллективона бо назардошти иҷрои меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, истифода бурдан аз лаҳзаҳои махсуси

тарбиявии педагогӣ, таҳлили ҳикоя ва қиссаҳои мазмуни тарбиявидошта ва ғайра.

Методҳои ташкили фаъолият зеринҳо буданд: санҷиши мувофиқати тасаввуроти хонандагон дар бораи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бо низоми аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми арзишҳо, аз ҷумла ташкили чорабиниҳо оид ба устувор намудани тасаввуротҳои хонандагон оид ба ҷуръатнокии ахлоқӣ.

Методҳои назорат ва тестгузаронӣ бо мақсади ташхиси сатҳи то кадом андоза ташаккул ёфтани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ гузаронида шуд.

**Барномаи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол чунин буд:**

1. Тарбияи некдилӣ.
2. Тарбияи саховатпешагӣ.
3. Тарбияи тараҳум.
4. Тарбияи таҳаммулпазирӣ.
5. Тарбияи дасткушодӣ.
6. Тарбияи дақиқкорӣ.
7. Тарбияи адолатпешагӣ
8. Тарбияи боназокатӣ.
9. Тарбияи қарзи виҷдон.
10. Тарбияи некукорӣ.
11. Тарбияи оромтабиатӣ.
12. Тарбияи тараҳум.
13. Тарбияи рафоқат.

Бахши 1. Ташаккули тарбияи малакаҳои рафоқат, оромтабиатӣ, боназокатӣ, саховатпешагӣ. Рафоқат, оромтабиатӣ, боназокатӣ ва саховатпешагӣ ҳамчун тавсифи умумии ахлоқи шоистаи инсонӣ қонуни ҳаёти инсониро инъикос карда, амалҳои шоистаи рафтор ҳар як инсонро таъмин мекунад.

Бахши 2. Тарбияи некдилӣ, таҳаммулпазирӣ, дасткушодӣ, дақиқкорӣ. Дар ин бахш корҳои тарбиявӣ аз васеъ намудани тасаввуроти хонандагон дар бораи фарҳанги некдилӣ, таҳаммулпазирӣ, дасткушодӣ, дақиқкорӣ иборат буд. Тарбия ва ташаккули мафҳумҳои зикргардида дар муҳити иҷтимоӣ ба шароити ҳаёти маънавии ҷомеа нигаронида шудаанд. Дар ин ҷо фарҳанги рафтори инсон: омӯзонидан ва ёд додани

рафторҳои ахлоқӣ дар мактаб ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, рафтори муносиб ба пиронсолон, маъюбон, кӯдакон, фарҳанги сухан гуфтан, фарҳанги мубоҳиса, муколама ва ғайра.

Бахши 3. Тарбияи некдилӣ, тараҳум, қарзи виҷдон, адолатпешагӣ. Иҷрои сифатҳои ахлоқии зикргардида аз хонандагон шуурнокии баландро тақозо менамуданд. Дар ин бахш тавассути ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ аз ҷониби мактаббачагони хурдсол амалҳои ахлоқие анҷом дода шуданд, ки аз онҳо иродонокӣ, қавииродагӣ ва барои манфиати умум аз баҳри манфиати шахсӣ гузаштанро тақозо менамуд.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми аз рӯйи барномаи мазкур кор кардан, мо тадриҷан ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол усули зинанизомро истифода бурдем, яъне бо назардошти мураккабшавии мафҳумҳои ахлоқӣ.

Мо, ду усули корро аз рӯи барномаи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар муассисаҳои таълимӣ мушоҳида намудем.

Якум – дастрасӣ ба ҳамаи самтҳо бо интихоби ихтиёронаи саволҳои дар бахшҳои барнома зикршуда мебошад. Чунин роҳи маҷбуриро омӯзгоре интихоб мекунад, ки бо хонандагонн аз рӯи принсипи тасодуфӣ ва пешгӯинашавандагӣ кор мекунад. Хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии мактаббачагони хурдсол, мазмуни ҳаёти коллективи хонандагонро надониста, омӯзгор оид ба малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон таъкидҳо таъсиррасонии иҷбориро пеш мегирад.

Дуюм – роҳи татбиқи зина ба зинаи барнома, вақте ки таъкидҳои педагогӣ дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон ҳамдигарро иваз мекунанд ва «азхудкунӣ»-и арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун ташаккулҳои пайдарпайи нави рушди маънавию ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҷараён мегирад.

Ҳалли калидии муносибати дуюм принсипи бартарият мебошад. Бо фарз кардани он, ки ба таври навбатнок сол аз сол бартарияти ягон тарафи натиҷаи навбатии дилхоҳ дар ниҳоят имконияти дастёбиро ба натиҷаи умумии якпорча то охири таълим дар мактаб таъмин менамояд. Омӯзгорон аз синфи якум сар карда, мувофиқи сохтори барномаи тарбиявии болозикр таваҷуҳ зоҳир намуда, мазмуни ин бахшро пурра тамом мекунанд, то ки дар синфҳои минбаъда таваҷҷуҳро ба масъалаҳои нисбатан мураккабтар равона созанд.

Ҳамин тариқ, кор оид ба барномаи пешниҳодшудаи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дорои шакли зинавӣ буда, бо болоравии дорои арзишҳои ахлоқӣ, аз тасаввурот дар бораи фарҳанги рафтор дар ҷомеа иборат мебошад.

Яке аз ҳадафҳои зербанди боби мазкур ин ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол тавассути фаъолияти коллективона бо дарназардошти меҳнати фоиданокӣ ҷамъиятиӣ буд.

Ташкилу ба роҳ мондани корҳои коллективона дар байни хонандагон яке аз масъалаҳои муҳим дар илми педагогика ба ҳисоб меравад. Ҳануз педагогҳои барҷаста А.С. Макаренко, Н.К. Крупская, С.Т. Шатский аҳамияти фаъолияти коллективонаро дар ташаккули сифатҳои ахлоқию иҷтимоии хонандагон таъкид намуда буданд.

Н.К. Крупская қайд намуда буд, ки «корҳои ҷамъиятиву коллективона ҳар як кӯдакро водор месозад, то худро ҳамчун шахси манфиатовар барои ҷомеа ҳисобида, маҷбур месозад, ки ба эҷодкорӣ машғул шавад». Ӯ мақсади фаъолияти коллективонаи хонандагонро шарҳ дода, таъкид менамояд, ки «асоси иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ бояд ба нуқтаи назаре асос ёбад, ки ҳар як хонанда ягон қисми кори умумиҷамъиятиро иҷро намояд» [87, с. 95].

Масъалаи чи гуна ташкил намудани фаъолияти коллективонаро аз нуқтаи назари илмӣ аввалин маротиба педагоги намоён А.С. Макаренко асоснок намудааст. А.С. Макаренко дар фаъолияти кории худ ҳар чӣ

бештар ба корҳои коллективона ҷалб намудани кӯдакон, ба онҳо додани имконияти мустақилона фаъолият намудан, масъул будан дар пешравиҳои кори умум ва дигар масъалаҳои муҳими фаъолияти коллективонаро татбиқ намудааст.

Дар сарчашмаҳои педагогӣ ҳанӯз дар бораи мафҳуми «фаъолияти коллективона» нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Мо дар ин масъала консепсияи кор карда баромадаи олимони лабораторияи тарбияи ахлоқии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии проблемаҳои умумии тарбияи Академияи илмҳои педагогии Федератсияи Россияро ба роҳбарӣ гирифа, вобаста ба фаъолияти педагогии омӯзгоронии синфҳои ибтидоӣ мувофиқ намудем. Дар ин консепсия моҳияти мафҳуми «фаъолият ва коллектив» ва «фаъолияти коллективона» кушода дода шудааст: «на ҳар як кори дар коллектив ба вуҷуд омада, аз рӯи моҳияти худ коллективона ба ҳисоб меравад. «Ба таври осон дар худ фаъолиятеро тасаввур намудан мумкин, ки дар шароити коллектив ба вуҷуд омадааст, гарчанде ки он аз рӯи характери худ фардӣ ҳисобида мешавад. Дуруст аст, ки ин маънои онро надорад, ки коллектив комилан «вуҷуд надорад», гарчанде дар доираи он корҳои фардӣ анҷом меёбад, аммо далели он ки дар ин фаъолият дигарон иштирок надоранд, ба хонандагон таъсири муайян мегузорад». [130].

Дар муайян намудани мафҳуми «фаъолияти меҳнатӣ» дар коллектив мо ба ақидаҳои ходимони илмии лабораторияи тарбияи ахлоқии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии проблемаҳои умумии тарбияи Академияи илмҳои педагогии Федератсияи Россия такя намуда, ба шароити муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ мувофиқ намудем. «Дар фаъолият ба ғайр аз маҳсули мавҷудбуда, донишҳои бадастоварда ва маҳорату малака ҳамчунин натиҷаҳои ахлоқӣ низ ҷой доранд. Ин дар муносибати байниҳамдигарии мактаббачагон нисбат ба вазифаҳои худ, ба худи фаъолият ва натиҷаи он, нисбат ба дигар одамон зуҳур меёбад. Чунин натиҷа барои тарбия ҳалкунанда ба ҳисоб меравад». [130, с.15].

Мушоҳидаҳои мо ҳангоми гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохт, ки аксарияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ самаранокии фаъолияти коллективиро дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол эътироф мекунанд, аммо ба таври мунтазам на ҳамаи онҳо дар амалия аз ин воситаи хеле муфиди тарбиявӣ истифода мебаранд. Ҳамзамон таҳлил ва мушоҳидаҳо аз таҷрибаи умумии мавҷудбудаи омӯзгорон нишон медиҳад, ки дар аксари муассисаҳои таълимӣ азхудкунии маҳорати ибтидоии фаъолияти ташкилотчигӣ аз ҷониби мактаббачагони хурдсол дида намешавад. Ҳамзамон, фаъолияти коллективона на ҳамеша воситаи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол маҳсуб меёбад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсол танҳо ба ягон мақсади муайян маҳдуд шуда, ба ташкилу гузаронидани чорабиниҳои анъанавии умумимактабӣ табдил меёбанд, ки ташабускори онҳо бештар омӯзгорон ба ҳисоб мераванд.

Мазмуни фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсол вазъияти ҳаётии онҳоро инъикос наменамояд ва дар бисёр ҳолатҳо ин чорабиниҳои коллективона сол аз сол такрор ёфта, дар ниҳояти кор ба расмиятчигӣ табдил меёбанд. Дар ташкили фаъолияти коллективона бештар шаклҳои хусусияти чорабинидошта бартарӣ дошта, таъсири онҳо ба ташакккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол хеле кам ба мушоҳида мерасад. Дар натиҷа кӯдакон шавқу ҳавасро нисбат ба корҳои коллективона аз даст медиҳанд, ки ин имконияти ташакккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро аз байн мебарад. Дар фаъолияти омӯзгорон сӯҳбатҳои беасосу бидуни далел аз ҳаёти коллектив ва худи хонандагон мушоҳида карда мешавад. Барои он ки коллектив хуб фаъолият намуда, рушд кунад, фаъолияти ҳамешагии ӯ зарур аст. Вале таҷрибаи омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ нишон медиҳад, ки  ба таври мукаммал имкониятҳои

фаровони манфиатбахши фаъолияти коллективонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии онҳо истифода бурда намешаванд.

Масъалаи аз ҳама муҳим ин роҳбарӣ ба фаъолияти коллективонаи хонандагон мебошад. Ҳангоми ташкили фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсол бештар усули итоати бечунучаро ва васоияти аз ҳад зиёд ҷой дорад, ки ин фаъолияти мактаббачагони хурдсолро ҳангоми иҷрои супоришҳои коллективона маҳдуд месозад. Хонандагон супоришҳоро танҳо зери назорати омӯзгорон иҷро мекунанд. Омӯзгорон ҳангоми иҷрои корҳои коллективона бештар ба хонандагони фаъол такя намуда, боқимандаҳо ҳамчун иҷрокунандагони камфаъоли супоришҳо иштирок мекунанд.

Албатта, дар ин маврид мавқеи омӯзгорро дар кори роҳбарӣ ба фаъолияти коллективона ва риоя намудани қонуну қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби хонандагон сарфи назар намудан лозим нест. Аммо хонандагон набояд танҳо иҷрокунандаи супоришҳои калонсолон ҳисобида шаванд, балки онҳо яке аз ташкилотчиёни фаъоли кори коллективона низ бошанд. Танҳо дар раванди фаъолияти пурсамар мактаббачагон метавонанд дарк намоянд, ки риояи қоидаҳои кори дӯстона дар коллектив муваффақияти кори онҳоро таъмин мекунад.

Таҳлили ташкил намудани фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсол аз ҷониби омӯзгорон нишон медиҳад, ки бештари вақт худи омӯзгорон меъёри рафтор ва ташкили меҳнатро дар коллектив муайян менамоянд. «Муҳити ҳукмравоӣ дар мактаб ва пурқувват шудани ҳукмравоии анъанавии калонсолон дар оила дар ниҳоди кӯдакон «конформизм» (итоатии бечуну чаро)-ро ба вуҷуд меорад. Конформизм комилан ба таври фаъол ба азхудкунии қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ ва фикру ақидаи умум мушкилот ворид менамояд, ки ин барои ба таври даркорӣ аз худ намудани сифатҳои иҷтимоӣ ва ҳамроҳ шудани ӯ ба ҳаёти ҷамъиятӣ хеле зарур аст» [88, с.150 -151].

Дар ин ҳолат аъзоёни алоҳидаи коллектив барои беҳтар намудани фаъолияти он таклиф пешниҳод накарда, нуқтаи назари худро иброз намедоранд. Ё ин ки танҳо зери фишори гурӯҳ қоида ва меъёрҳои ахлоқиро риоя намуда, берун аз коллектив риояи қоидаҳои ахлоқиро зарур намешуморанд.

Дар ҳолати дар рафтори коллектив мавҷуд будани рафторҳои марбут ба конформизм, аъзоёни алоҳидаи он дар ҳаёти коллектив ғайрифаъол ширкат варзида, ба фикри коллектив бечунучаро итоат мекунанд. Дар миёни баъзе аз аъзоёни коллектив барои он ки дар канор намонанд, муросокорӣ пайдо мешавад. Дар чунин коллектив хонандагон донишҳои ахлоқиро бошуурона не, балки рӯякӣ аз худ мекунанд. Ҳол ки онҳо ба ин донишҳо дар тамоми ҳаёти худ эҳтиёҷ доранд.

Ҳангоми ташкили кори коллективона аз ҳама камбудии асосии омӯзгорон дар он зоҳир меёбад, ки онҳо фаъолияти ҳар як аъзои гурӯҳро назорат намекунанд. Супоришҳое, ки аз ҷониби коллектив дода мешавад, таҳлилу баррасӣ, назорат ва ҳатто тағйир намедиҳанд. Кору фаъолияти хонандагон ҳаматарафа арзёбӣ (баҳогузорӣ) нашуда, натиҷаҳо низ равшан муҳокима намегарданд. Фаъолияти коллективонаи хонандагон дар бештари ҳолатҳо хусусияти якхелаву расмӣ мегирад. Дар кори коллективона ба хонандагон иҷрои супоришҳои начандон муҳим вогузор шуда, супоришҳо аксаран ба як хел хонандагон дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, норасоӣ дар рафторҳои ахлоқии кӯдакон дар бисёр ҳолатҳо аз он сабаб рух медиҳад, ки омӯзгорону волидайн аз имкониятҳои тарбиявии фаъолияти корҳои дастаҷаъмона самаранок истифода намебаранд.

Мо барои дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ меъёрҳои дар рафти озмоиш меъёрҳои зеринро таҳия намудем:

1.Тағйирёбандаҳои вобаста дар таҳқиқот сатҳҳои ташаккулёфтаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол паст мебошанд.

– афзоиши шумораи мактаббачагони хурдсол бо сатҳи баладтари ташаккулёбии сифатҳои шахсият, ки сатҳи арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро инъикос мекунанд;

– камшавии хонандагони дорои сатҳи ташаккулёфтаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии паст дар гурӯҳҳои озмоишӣ;

– устувории нишондиҳандаҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва тағйирёбии нишондиҳандаҳо дар гурӯҳи озмоишӣ.

– тағйир додани сохтори гурӯҳи озмоишӣ бо бартарияти хонандагон бо сатҳи ташаккулёфтаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии баланд.

Кори озмоишӣ аз се марҳила: омодагӣ, муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, бо таҳлили минбаъдаи натиҷаҳои бадастомада иборат буд.

Ҳар як марҳила ба марҳилаҳои озмоишӣ ва таҳлилӣ тақсим карда шуд. Марҳилаи озмоишӣ тайёр кардани маводи таҳқиқот, санҷишро пешбинӣ мекард. Дар ин зимн чунин методҳои таҳқиқот, ба монанди пурсиш, тестгузаронӣ, мушоҳида истифода шуданд.

Ҳадафи асосии марҳилаи омодагӣ таҳия ва коркарди унсурҳои алоҳидаи шароити педагогӣ буд, ки раванди малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро фаъол мегардониданд.

Озмоиши муқарраркунанда дар солҳои 2015–2020 гузаронида шуд. Таҳқиқот дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти умумии №№ 2, 4, 5, 8, 13-и ноҳияи Данғара ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумии №№ 3, 4 ва Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар гузаронда шуд. Аз ҷониби мо 220 нафар хонандагон мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот мо як хусусиятро қайд кардем: хонандагоне, ки аз муассисаҳои таҳсолоти томактабӣ омадаанд, дорои низоми устувортари арзишҳои ахлоқӣ мебошанд. Дар тасаввуроти онҳо арзишҳои ахлоқӣ мақоми хеле баланд доранд. Ин имкон дод тахмин карда шавад, ки барои ҳалли вазифаҳои малакаи ҷуръатнокии ахлоқии

мактаббачагони хурдсол ва ташаккули тамоюлҳои арзишии онҳо ташкили корҳои коллективона ва сӯҳбатҳои ахлоқӣ мувофиқтар мебошанд, зеро онҳо ба мадди аввал ҳадафҳои созандагии шахсиятро дар раванди азхудкунии таҷрибаи шахсӣ пешбарӣ карда, азхуд кардани мафҳумҳои тамоюли ахлоқидоштаро ҳамчун мақсади асосӣ дар назар дорад.

Аз рӯи натиҷаҳои ташхис гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шуданд. Дар худи ҳамин марҳила барномаи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳия карда шуд, ки ба хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хонандагон мувофиқат мекунад.

Дар марҳилаи назоратии озмоиш ташхиси такрорӣ гузаронида шуда, тағйирёбии сатҳҳои ташаккулёфтаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ муқоиса карда шуда, ҷамъбаст ва тафсири натиҷаҳои бадастомада анҷом дода шуд.

Натиҷаҳои марҳилаи дуюм – марҳилаи муқарраркунандаи таҳқиқоти таҷрибавиро таҳлил мекунем. Мақсади марҳилаи дуюм муайян намудани вазъи ибтидоии ташаккулёбии малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол буд. Барои ин вазифаҳои зерин муайян карда шуданд: 1) муайян кардани сатҳҳои рушди малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол; 2) таҳиқи воситаҳои мавҷудаи ташхиси малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ; 3) ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ.

Бояд зикр намуд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи тасҳилоти миёнаи умумӣ аллакай дорои баъзе малакаҳои ҷуръатнокии ахлоқӣ мебошанд. Вазифаи омӯзгор дар ин ҷо аз муайян кардани сатҳи ташаккулёфтаи тамоюлҳои арзишӣ, ки барои рушди шахсияти хонандагон заруранд, иборат мебошад.

Мувофиқи вазифаи якуми марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш сатҳҳои ташаккулёбии ҷуръатнокии ахлоқиро ҷудо мекунем. Дар кори мазкур мо се сатҳро муайян кардем:

Сатҳи паст бо нишондодҳои зерин тавсиф мешавад: набудани низоми донишҳо дар бораи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ, риоя накардан ё вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи ҷамъиятӣ, ташаккул наёфтани танзимкунандагони ботинии рафтори ахлоқӣ. Ба хонандагони дорои сатҳи пасти малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ вобастагии назарраси рафтор аз таъсироти вазъиятии муҳит ва барангезандаҳои беруна хос аст.

Сатҳи миёна бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф карда мешавад: тасаввуроти нокифоя ва ноустувории тамоюл ба ҷуръатнокии ахлоқӣ. Бо вуҷуди ин хонандагони дар ин сатҳ қарорёфта қодиранд арзишҳоро ба таври кофӣ фарқ карда, ҳадафҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро барои худ муайян кунад. Баъзе тамоюлҳои арзишӣ устуворанд, боқимондаҳо дар марҳилаи даркшавии онҳо аз ҷониби хонандагон қарор доранд. Шаклҳои рафтори ахлоқӣ дар вобастагии калон аз вазъияти мушаххас ва талаботҳои пешниҳодшаванда қарор доранд; мавқеи ахлоқӣ ҳамчун мусбат – ноустувор муайян карда мешавад. Дар ин саҳ низоми арзишҳои шахсиятӣ ҳанӯз пурра шакл нагирифта, дар асоси худ самтҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муносибро дорад. Самтнокии онҳо бо тамоюл ба ноил шудан ба хушбахтӣ ва иродаи неки шахсӣ муайян карда мешавад. Ҳавасмандии худтасдиқкунӣ бартарӣ дорад.

Сатҳи баланд бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф мешавад: мавҷудияти донишҳо дар бораи асосҳои ҷуръатнокии ахлоқӣ ва ташаккулёбии арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ки ҳамчун хислати устувори шахсият, ки ба омили муайянкунандаи дохилии рафтор табдил ёфтааст, зоҳир мешаванд. Дар ин сатҳ хонандагон арзишҳоро фарқ карда метавонад. Хонандагони дорои сатҳи баланди ҷуръатнокии ахлоқӣ бо устуворӣ ва таъсирбахшии зуҳуроти маънавӣ-иродавӣ, ки дар дарки зарурати объективии намуди муайяни рафтор асос ёфтаанд, фарқ

мекунанд. Тасаввуроти ахлоқӣ дорои хусусияти устувор мебошанд, ки ин аз низоми ташаккулёфтаи арзишҳои шахсиятӣ шаҳодат медиҳад. Тамоюлҳои арзишии шахсият аз ҷиҳати иҷтимоӣ мувофиқ буда, якпорчагӣ ва ғайриихтилофнокии онҳо фаъолнокии мавқеъи ҳаёти хонандагонро муайян мекунанд.Дар ин сатҳ ангезаҳои худрушддиҳӣ, худтакмилдиҳӣ бартарӣ доранд.

Баррасии сатҳҳои ташаккулёфтаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро ба омӯзгоре, ки корҳои тарбиявиро амалӣ менамояд, имкон медиҳад сатҳи рушди ҳам ҷузъҳои алоҳида, ҳам тамоми низоми арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро дар маҷмӯъ ташхис намуда ва дар ин асос раванди ташаккули шахсияти хонандагонро ба роҳ монад.

Дар марҳилаи мазкури озмоиш ташхиси марҳилавӣ (мушоҳидаи педагогӣ, тестгузаронӣ, пурсиш) бо ҳадафҳои: равшан кардани муносибати мактаббачагони хурдсол ба арзишҳои ахлоқӣ дар вазифаҳои таҳқиқот тавсифшуда (баррасии моҳият ва ҷанбаҳои назариявии ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар адабиёти педагогию психологӣ; муайян кардани пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; таҳияи технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол; бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ собит сохтани дурустӣ ва мантиқӣ будани фарзияи кории пешниҳодшуда, санҷиш ва арзёбии ҷамъбастии технологияи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол).

Чӣ тавре ки зикр намуда будем, барои ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мо ташкили фаъолияти коллективона ва ташкулу гузаронидани сӯҳбатҳои ахлоқӣ бо истифода аз ҳикоя. қисасаву ривоятҳоро истифода бурдем.

Ҳамин тавр, барои самаранок ташкил намудани фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб гирифтани омилҳои зерин муҳиманд:

– дарки мафҳуми фаъолияти коллективона аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили ягонагӣ, муттаҳидии тамоми коллектив;

– тақсим намудани вазифа ва ӯҳдадориҳо байни иштирокчиёни фаъолияти коллективона;

– пурзур намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва аз якдигар вобаста будан дар раванди фаъолияти коллективона;

– ташкил намудани мубодилаи кору фаъолият байни хонандагон (шаклҳои кори коллективона, воситаҳои амалисозии фаъолияти дастаҷаъмона) ҷиҳати ноил шудан ба мақсади ягона;

– назорат ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти коллективонаи хонандагон [127, с.144 ].

Дар асоси гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ мо шартан 3 марҳилаи ташаккули фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсолро бо мақсади ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ҷудо намудем.

Фаъолияти коллективонаро дар марҳилаҳои ибтидоӣ ҳамчун нишондиҳандаи ташаккули демократия дар ҷомеа баррасӣ намуда, мо дарк менамоем, ки он дар коллективҳои мактабӣ, синф ҳамчун як воситаи тавонои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол хизмат мекунад. Рушду такомули фаъолияти коллективона маънои дар байни хонандагон роҳбарӣ ва тобеияти мутақобила, ёрии байниҳамдигарӣ, назорат ва ҳамкории онҳоро дорад. Ба фаъолияти коллективона роҳбарӣ намуда, бояд дар назар дошт, ки иштирокчиёни он қобилияти иҷрои ҳама корҳои мухталифро дошта бошанд. Онҳо бояд барои худ ва рафиқон ҷавобгариро ҳис карда, ҳам иҷрокунанда ва ҳам роҳбар бошанд, дорои маҳорати аз рафиқони худ талаб карда тавонистану қобилияти тобеъ будан, ғамхору истодагар буданро доро бошанд.

Мо ҳамаи инро ба назар гирифта, қайд менамоем, ки фаъолияти коллективона дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсии мактаббачагони

хурдсол, ба монанди коллективизм, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, якдигарфаҳмӣ, эҳтироми тарафайн нақши ниҳоят муҳимро мебозад.

Дар давраи аввали иҷрои корҳои коллективона мактаббачагони хурдсол зери роҳбарии омӯзгор тарзи тақсим намудани корҳои дар оянда иҷрошударо омӯхта, баъд нақшаи фаъолияти дарпешистодаро тарҳрезӣ менамоянд.

Натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи педагогӣ ба ҷараёни раванди фаъолияти якҷояи хонандагон нишон медиҳад, ки онҳо кори оғознамудаи худро на ҳамеша ба охир расонида метавонанд ва на ҳамеша сари вақт ба рафиқони худ ёрӣ мерасонанд. Махсусан, ҳамин омилҳоро омӯзгорон ҳангоми ташкил намудани фаъолияти коллективонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд ба назар гиранд.

Ташкили фаъолияти коллективонаи хонандагонро аз иҷрои вазифаи навбатдории синф шурӯъ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳангоми навбатдорӣ хонандагон супоришҳои мухталифи ҷамъиятиро иҷро менамоянд: онҳо гулҳоро об медиҳад, дақиқаи варзишӣ мегузаронад, тартибу низоми китобҳоро таъмин менамояд, ба тозагии тахтаи синф ва умуман, тозагии синф назорат мебаранд.

Дар ҷараёни ташкил намудани фаъолияти коллективона диққати махсусро ба ташкилу иҷрои корҳои мухталифи муфиди ҷамъиятӣ равона кардан лозим аст. Дар ин маврид ба таври мақсаднок хонандагонро ба меъёр ва қоидаҳои корҳои дастаҷаъмона дар коллектив шинос бояд кард. Омӯзгорони пуртаҷриба дар ин ҳолат ташкили корҳои фаҳмондадиҳиро тавре ба роҳ мемонанд, ки мафҳум ва мундариҷаи қоидаҳои одобу рафтор аз тарафи худи кӯдакон тартиб дода шавад.

Ҳамин тавр, маҷмӯи баъзе қонуну қоидаҳои рафтор аз тарафи худи бачаҳо тартиб дода мешавад, ки зарурати риояи онро дар ҳаёти ҳамарӯзаашон дарк менамоянд.

Масалан, омӯзгорон бо мақсади ошно сохтани кӯдакон бо меҳнати калонсолон онҳоро ба сайри мағоза, китобхона, дорухона ва ғайра мебаранд. Сипас, онҳоро оҳиста-оҳиста барои иҷрои корҳои мухталифи фоиданоки ҷамъиятӣ ҳидоят менамоянд. Хулосаву натиҷаи кори хонандагон дар марҳилаи аввали ташкили фаъолияти коллективона одатан аз ҷониби худи омӯзгорон баҳогузорӣ карда мешавад.

Марҳилаи аввалро мо марҳилаи самараноки ба хонандагон омӯзонидани маҳорату малакаи зарурии фаъолияти коллективона ном бурдем.

Марҳилаи аввали ташаккули фаъолияти коллективона дар ҳаёту фаъолияти мактаббачагони хурдсол чунин тавсиф дода мешавад, ки дар онҳо фаъолӣ, худфаъолиятӣ, мустақилият ва ташаббускорӣ ҳанӯз хуб ташаккул наёфтааст. Дар ин ҷо бештар чунин намуди корҳои коллективонаи кӯдаконро ба роҳ мондан зарур аст: кор дар замини таҷрибавии наздимактабӣ, ҷамъоварии коғазпора, навбатдории коллективона, таъмири асбобҳои аёнии синф ва ғайра. Дар ин ҳолат кӯдакон бо камоли майл ва самарабахш дар корҳои ҷамъиятиву фаъолияти эҷодӣ иштирок менамоянд. Дар ҷараёни иштирок ва иҷрои корҳои мухталифи коллективона дар ниҳоди кӯдакон муносибатҳои ахлоқие пайдо мешавад, ки ин ба аз худ намудани меъёри муайяни донишу рафторҳои ахлоқии онҳо мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи аввал ҳангоми ҷалби хонандагон ба корҳои мухталифи коллективона ба ақидаи мо, зарур аст, ки онҳо тарзи муҳокимаи вазъиятҳои тарбиявии гуногуни ба таври шифоҳи (нақлу ҳикоя) овардашударо омӯзанд. Масалан, бо мақсади ошкор намудани тасаввуроти хонандагон дар бораи зарурати то ба охир расонидани кори саркарда ва муайян намудани фикри хонандагон роҷеъ ба ҳисси масъулиятшиносӣ ҳангоми иҷрои корҳои коллективона дар синфи 3-юми таҷрибавӣ (муаллимаи муассиса таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Данғара Ҳақназаров Саид вазъияти тарбиявии шифоҳии таҳти унвони

«Бемасъулиятӣ» ба муҳокимаи хонандагон гузошта шуд. Мазмуни ҳикоя чунин аст:

Духтарони синфи мо тасмим гирифтанд, ки рӯзи шанбе ба мактаб омада синфро тозаву озода намоянд. Мо ва Наргис дарҳол ба кор шурӯъ намудем, боқимонда 16 нафар духтарон дар як ҷо ҷамъ шуда, ҳазлу шӯхӣ мекарданд. Ман аз ин кори онҳо норозӣ шуда, даъат намудам, ки онҳо низ дар тоза намудани синф саҳм гузоранд. Муроҷиати манро шунида, Миҷгона ба ман чунин ҷавоб дод:

– Ана фарши ифлос, ана латта, худат тоза кардан гир, пеши роҳи туро ягон кас нагирифтааст!..

Баъди бо матни ҳикоя шиносоӣ пайдо намудани хонандагон ба онҳо чунин саволҳо пешниҳод карда шуд:

1. Кадом сифатҳои ахлоқӣ дар рафтори Миҷгона дида мешавад?

2. Ту дар ин вазъият киро дастгирӣ мекардӣ – Наргис ва ё Миҷгонаро?

3. Оё чунин ҳолат дар коллективи синфи шумо низ вуҷуд дорад ва бо кадом сабабҳо?

4. Чи тавр бояд рафтор кард, ки ҳангоми иҷрои корҳои коллективона чунин ҳолат рух надиҳад?

Аз таҳлили нуқтаи назари хонандагон чунин хулоса намудан мумкин аст, ки бештари онҳо рафтори Миҷгонаро барои бемасъулиятӣ нисбат ба кори супоридашуда маҳкум намуданд.

Комилҷон боҷуръатона чунин гуфт:

– Албатта, Миҷгона рафтори нодуруст кард, охир бояд як-ду нафар не, балки ҳама дар кор ташаббускору фаъол бошем.

Салим бе дудилагӣ илова намуд:

– Миҷгона бо ин рафтори худ натанҳо нисбат ба ҳамсинфон беэҳтиромӣ зоҳир намуд, балки нисбат ба омӯзгор низ беҳурматӣ намуд. Майсара чунин рафтори Миҷгонаро нисбат ба иҷрои кори коллективона рафтори бепарвоёна номид.

Баъди муҳокимаи ин ҳикоя бештари хонандагон дар бораи мунокишаҳое, ки дар коллективи синф ҳангоми иҷрои ин ё он корҳои ҷамъиятӣ ба миён меомаданд, ошкоро изҳор намуданд, ки омӯзгор пештар намедонист.

Чунин тарзи ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ натанҳо дар аз худ намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ мусоидат мекунад, балки ба омӯзгор имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фардии ҳар як хонандаро беҳтар ошкор созад.

Дар марҳилаи дуюми фаъолияти коллективона бачаҳо на фақат зери роҳбарии бевоситаи омӯзгор супоришҳои на он қадар душворро иҷро менамуданд, инчунин зери назорати сардори синф низ корҳоро бевосита анҷом медоданд. Аз рӯи гурӯҳбандии синф бачаҳо маҳорату малакаи ба таври коллективона навбатдориро идома медоданд. Ташкил намудани навбатдорӣ мустақилияти зиёдтари хонандагонро талаб мекард, ки онҳо оид ба иҷрои кори анҷомдода на ба омӯзгор, балки ба сардори синф ҳисобот медоданд.

Корҳои коллективона иҷро намуда, хонандагон бояд дарк намоянд, ки меҳнати онҳо на фақат ба манфиати худи коллектив, балки ба манфиати умум низ ташкил карда шудааст. Масалан, ҳангоми гузаронидани озмоиш кӯдакон чунин навъи корҳои коллективонаро анҷом доданд: ҷамъоварии тухми гулҳо аз қитъаи таҷрибавии наздимактабӣ, ҷамъоварии баргҳои хазон дар назди мактаб ва хонаҳо, хокпӯш намудани роҳҳои барфпӯши назди мактаб, тайёр намудани донхӯракҳо барои паррандагон ва омода сохтани бозичаҳо барои тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ғайра. Хонандагон бо ёриву кӯмаки омӯзгор коғазпора, китоб, дафтар ва дигар ашёҳои мактабиро барои мактаб-интернат ҷамъоварӣ намуда, барои ба тартиб даровардани толори маҷлисгоҳи мактаб ба хотири Иди Наврӯз, Ҷашнгирии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ороишот омода намуданд. Ҳангоми иҷрои чунин корҳо дар ниҳоди бачаҳо

коллективизм, инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат, садоқатнокӣ, меҳнатдӯстӣ, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ ташаккул меёбад.

Дар ҷараёни кори коллективона дар хонандагон маҳорату малакаи мустақилиятнокӣ ҷуръатнокию ироданокӣ ташаккул меёбад. Мустақилият ҳамчун як далели бошууронаи дарки фаъолияти коллективона хубтару беҳтар дар марҳилаи дуввум, ки онро метавон марҳилаи омодагии хонандагон барои иҷрои корҳои мустақилона номид, арзёбӣ карда мешавад.

Бо мақсади муайян намудани ҳангоми зарурат ба ҷойи рафиқ кор кардан, дар синфи 3-юми озмоишии Литсей барои хонандагони болаёқати ш. Бохтар Уразова Н. вазъияти махсуси тарбиявии амалӣ зери унвони «Навбатдорӣ» ташкил карда шуд

Навбатдорӣ дар синф чунин ташкил шуда буд: дар давоми ҳафта ҳар рӯз чор нафар хонандагон навбатдорӣ менамуданд. Набатдорон бояд миз, тахтаи синф, мизи муаллим, фарши синфро тоза намуда, ба гулҳо об медоданд, баргҳои гулҳор мешустанд, ҷевони китобмониро тоза менамуданд.

Ҳангоми навбатдорӣ дар рӯзи якум ва дуюм муовини директори мактаб оид ба корҳои тарбиявӣ хоҳиш намуд, ки ду нафари онҳо ба омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар омода сохтани лавҳаи «Варзишгарони беҳтарини мактаб» кӯмак намоянд. Дар рӯзи сеюм ва чорум бошад, омӯзгор хоҳиш намуд, ки боз ҳамон ду нафар хонанда ба хонаи оилаҳои собиқадорони ҷангу меҳнат рафта, ба корҳояшон ёрӣ расонанд. Рӯзҳои панҷуму шашум муаллими варзиш боз аз ҳамон ду нафар хонанда хоҳиш намуд, ки онҳо дар тоза намудани майдони варзишӣ барои мусобиқаи дарпешистода ба ӯ кумак расонанд. (дар муддати 7 ҳафта, хонандагони дигар низ аз рӯи чунин ҷадвал дар 5 рӯз 4-нафарӣ навбатдорӣ намуданд).

Ин лаҳзаи тарбиявии санҷишӣ буд, бинобар ин, дар аввал ва охирҳои соли хониш гузаронида шуд. Агар дар ибтидои соли хониш бештари хонандагон ба ҷойи рафиқони худ кор накарда бошанд, пас, дар охири

соли таҳсил вазъият тағйир ёфт. Маълум шуд, ки 20 нафар хонанда ба ҷойи хонандагоне, ки бо сабаб ба кор наомада буданд, кор карданд. Аз ин миқдор бо шавқу ҳавас 10 нафар, бе майлу рағбат ва бесифат 6 нафар ва 4 нафар ба ҷойи рафиқони бо сабаб дар кор иштирок надоштаашон кор карда бошанд ҳам, вале норозигӣ баён намуданд.

Дар ин бора маълумот дар диаграмма оварда мешавад.




Бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни кору фаъолияти якҷоя хонандагон хусусияту шахсияти ҳамдигарро хуб фаҳмида мегиранд ва мефаҳманд, ки ба кӣ кадом супоришро диҳанд, барои дурусту хушсифат иҷро намудани супорищҳо чӣ тавр бояд рафтор намоянд. Дар рафти фаъолияти коллективона хонандагон дарк мекунанд, ки натиҷаи меҳнати ҳар яки онҳо аз маҳорати ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ ва зоҳир намудани масъулияти тарафайн вобастагӣ дорад. Ташкил ва гузаронидани чунин тарзи кори тарбиявӣ барои омода сохтани хонандагон барои иҷрои корҳои мустақилона мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи сеюм мо ба хонандагон иҷрои корҳои нисбатан мураккабро вогузор намудем, то онҳо мустақилона кор карданро омӯзанд. Ҳамин тавр, дар синфи 3-юм мо вазъияти махсуси тарбиявии амалиро зери унвони «Омода намудани бозичаҳо барои тарбиягирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ» ташкил намудем (омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумии № 2-и ноҳияи Данғара).

Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат намуда, мақсадро фаҳмонид. Бачаҳо розӣ шуда, ба хонаҳояшон барои хӯроки пешин рафта, сипас барои иҷрои супориш ҳозир шуданд. Барои иҷрои супориш 3 рӯз мӯҳлат муқаррар карда шуд. Хонандагон бо худ аз хона маводи даркорӣ, аз қабили коғаз, картон, ширеш, ранг ва ғайраро оварданд ва ба кор шурӯъ намуданд.

Хонандагон дар давоми ду рӯз бо роҳбарии сардори синф кор карданд. Дар рӯзи охирин, пеш аз оғози кор муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ ба назди хонандагон омада мегуяд, ки имрӯз сардори синф бо шумо кор карда наметавонад, чунки ӯ бо ҳамроҳии китобдори мактаб китобҳои китобхонаро ба тартиб медароранд. Рафти кори хонандагонро мушоҳида намуда, ошкор карда шуд, ки чанд нафар хонанда зери роҳбарии муаллим, чанд нафар зери роҳбарии сардори синф ва чанд нафар мустақилона кор карданд.

Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки аз 35 нафар хонанда бо иштироки муаллим 30 нафар кор карданд. Аз онҳо 25 нафарашон боғайратона, 3 нафарашон беғайратона кор карданд. Ду нафар хонанда ба кор ҳозир нашуд (яке бо сабаб, дигаре бе сабаб). Бо иштироки сардори синф 27 нафар хонандагон фаъолият намуданд, ки аз онҳо 21 нафарашон боғайратона, 4 нафарашон беғайратон кор карданд. Чор нафари онҳо ба кор ҳозир нашуданд, ки ду нафарашон бо сабаб ва ду нафари дигар бо сабаби узрнок иштирок накарданд. Бе ҳузури сардори синф, мустақилона 20 нафар хонандагон меҳнат карданд, ки аз онҳо 16 нафарашон боғайратона ва 4 нафарашон беғайратона кор карданд.

Дар ин бора маълумот дар диаграмма оварда мешавад.

Диаграммаи №2 Омода намудани бозичаҳо барои тарбиягирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ




Кору фаъолияти коллективонаро дар ин марҳила омӯзгор дар якҷоягӣ бо сардори гурӯҳ ташкил менамояд. Бачаҳо алакай метавонанд мустақилона корро байни худ тақсим намоянд. Қисми бештари хонандагон метавонанд иҷрои навъҳои корҳои на он қадар мураккабро ба анҷом расонанд.

Дар ҷараёни кори умум хонандагон метавонанд бо роҳбарии сардори синф аз иҷрои супоришҳо ба хубӣ бароянд. Онҳо метавонанд ба якдигар ёрӣ расонанд, мустақилона китоб, воситаҳои аёнии синфро таъмир намоянд, барои тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бозича, барои собиқадорони ҷангу меҳнат албому мусаввара омода сохта, ба калонсол ғамхорӣ намоянд.

Бояд зикр намуд, ки баъзе омӯзгорон дар синф мавқеи сардори синфро баланд бардошта наметавонанд. Ҳоло он ки агар омӯзгор маҳорати кордониро дар сардори синф дуруст ташаккул диҳад, аз чунин сардорони синф сарварони хубе ба воя мерасад. Бинобар ин, тамоми кору фаъолияти хонандагон дар марҳилаи сеюми ташаккули мафҳуму мундариҷаи фаъолияти коллективона ба ташкили омадагии хонандагон ва мустақилона бо роҳбарии сардори гурӯҳ ба иҷрои корҳои мустақилона тобеъ мебошад. Дар хонандагон маҳорату малакаи риоя намудани талаботи боадолатонаи натанҳо омӯзгор, балки намояндагони коллектив низ зуҳур меёбад. Агар дар марҳилаи сеюм агар дар бештари

маврид танҳо омӯзгор роҳбарӣ намояд, мумкин аст, ақидаи хонандагон ба ақидаи онҳо мувофиқ наояд.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷараёни иштироки фаъолона дар корҳои мухталифи коллективона хонандагон қоида ва меъёрҳои пешбари ахлоқро аз худ намуда, онҳоро дар рафторҳои амалии худ истифода менамоянд. Махсусан, дар марҳилаи сеюми ташаккули фаъолияти коллективона хонандагон зарурати аз худ намудани меъёр ва қонуну қоидаҳои ахлоқро дарк намуда, ҳамзамон дар назди дигарон боҷуръатона низ вазифа мегузоранд, то онҳо низ қоидаҳои ахлоқро дар рафтори худ риоя намоянд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи сеюм барои ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол шароити нисбатан хубтару беҳтар ба вуҷуд меояд.

Лозим ба ёдоварист, ки пайдарпайӣ ва суръатафзоии ин марҳилаҳо ҷараёни ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро боз ҳам рушд медиҳанд. Дар ҳар як марҳила мазмуну мундариҷаи тарбиявии фаъолияти коллективонаи хонандагон тадриҷан мураккаб шудан мегирад ва дар ҳар як марҳила воситаҳои таъсиррасонии педагогӣ низ ба шахсияти кӯдакон дигаргун мешаванд. Ин ҷо хусусиятҳои синнусолию психологии хонандагонро дар ҳар як марҳилаи фаъолияти коллективона ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Масалан, хонандагони синфҳои якум ба таври коллективона метавонанд воситаҳои аёнии оддии таълимиро омода созанд (чӯбчаҳо барои ҳисобу китоб, фигураҳои геометрӣ, муқова барои китоб ва ғайра). Дар синфи дуюм хонандагон метавонанд силиндрҳои рангоранг, секунҷа омода намоянд. Дар синфи сеюм бошад, хонандагон аллакай корҳои нисбатан калонро анҷом медиҳанд. Масалан, онҳо коллективона қуттичаҳои шашрӯя ва бозичаҳои нисбатан мураккабро омода месозанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҳангоми хубу мақсаднок ташкил намудани фаъолияти коллективона фарқияти байни донишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои амалии хонандагон бартараф карда мешавад. Муносибати

коллекетивонаи мактаббачагони хурдсол ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вайронкунандагони тартиботи дохили коллективро боз дорад ва хонандагоне, ки ҳанӯз муҳимияти корҳои коллективонаро дарк накардаанд, ба кори коллективона ҷалб намояд.

Дар як гурӯҳи хонандагон ҳамеша чунин хоҳише пайдо мешавад, ки дар ибтидо онҳо чун қоида меъёрҳои ахлоқиро аз он сабаб қобили қабул медонанд, ки коллектив чунин амал мекунад ва минбаъд онҳо ба меъёри ахлоқӣ табдил меёбанд. Мушоҳида ва таҷрибаи шахсии педагогӣ имкон медиҳад қайд намоем, ки дар синну соли хурди мактабӣ дар ҷараёни фаъолияти коллективона натанҳо меъёрҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои рафтор аз худ карда мешаванд, балки худи шахсияти хонандагон низ ташаккул меёбад. Ҳамзамон, дар мактаббачагони хурдсол маҳорату малакаи боҷуръатона ошкор намудани камбудиҳои рафтори ҳамсолон ҳангоми иҷрои корҳои дастаҷаъмона ташаккул ёфтан мегирад.

Дар бораи ташаккул ёфтани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачаи хурдсол ҳангоми ташкили корҳои коллективона дар сурате мо хулосабарорӣ карда метавонем, ки агар онҳо дар рафторҳои амалии худ қоида ва меъёрҳои ахлоқиро бе дудилагӣ ва боҷуръатона истифода бурда тавонад, яъне гуфторашон бо рафтори амалиашон мувофиқ бошад. «Ягонагии гуфтору амал қисми ҷудонашавандаи ормонҳо, ақида ва рафтори инсон буда, зоҳир шудани мавқеи ҳаётии ӯро дар назар дорад. Бе ягонагии қавлу амал дар бораи устувории эътиқоди шахсият, саршавии шуурнокии фаъол ва ҷаҳонбинии ӯ ҳарф задан нашояд. Ягонагии қавлу амал ин зуҳуроти олами ботинӣ, дарки инсон дар бораи рафтори худ, дар амал татбиқ намудани ғоя ва эътиқодҳо дар рафторҳои амалӣ ва муносибати фаъоли ӯ ба олами иҳотакардашуда мебошад. Таҷассуми қавлу амал ҳамчун меъёри рафтори инсонҳо вазифаи калидии тарбияи ахлоқӣ маҳсуб меёбад» [88, с. 18].

Лозим ба ёдоварист, ки ҷуръатнокии ахлоқӣ воситаи рушди камолоти ахлоқии шахс маҳсуб дониста мешавад, ки он дар оянда

ҳамчун муайянкунандаи таҳкурсии ояндаи рафтори инсон хизмат мекунад. Намунаи рафторҳои ахлоқии ба одат табдилёфта бо гузашти вақт ба одатҳои муайяни рафтор табдил меёбанд, ки ба туфайли ин малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол тадриҷан мустаҳкам мегардад.

Олимон дар бораи ҷараёни ташаккулёбии донишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқии хонандагон нуқтаи назари гуногун доранд. Масалан, олимон Л.И. Божович, Т.Е. Коникова ва дигарон дар тарбияи ахлоқӣ ба таҷрибаи рафторҳои амалӣ бартарӣ додаанд. Т.Е. Конников чунин менависад: «Дар ҷараёни тарбия намунаи ахлоқӣ бояд на дар шаклу қолаби иттилооти тайёр пешниҳод карда шавад, балки он дар муносибатҳои воқеӣ, тамоми ҳаёти амалӣ ва дар кору фаъолияти мактаббачагон зоҳир шавад. [92, с. 210].

Ба андешаи О.С. Богданова [24], З.И. Василева [39], О.Д. Калинина [80], В.И. Петрова [137] роҳбарӣ ба ташаккули таҷрибаи рафторҳои ахлоқӣ бояд дар асоси баҳисобгирии маърифати ахлоқӣ ва ҷалби хонандагон ба корҳои гуногуни фоиданоки ҷамъиятии коллективона ба роҳ монда шавад. Дар сурати хубу мақсаднок ташкилу ба роҳ мондани корҳои дастаҷаъмонаи фоиданоки меҳнатӣ хонандагон метавонанд ҳамарӯза рафторҳои ахлоқиро машқ намоянд ва дар рафторҳои амалии худ амалҳои боҷуръатонаро анҷом диҳанд.

Мо бар он назарем, ки ҳангоми тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ин ҷараён «на тариқи маҳдудсозии донишҳои ахлоқӣ, муқобилгузории он бо рафторҳои ахлоқӣ, балки бо роҳи барқарорсозии зичи фаъолияти ҷамъиятӣ ва маърифати ахлоқӣ ба роҳ монда шавад».

Ин ҷо, мо дар назар дорем, ки дар ҷараёни ғанигардонии таҷрибаи амалҳои ҷуръатнокии ахлоқӣ хонандагон на танҳо меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунанд, ҳамзамон, кӯшиш менамоянд, ки қоида ва меъёрҳои ахлоқии азхудкардашударо дар рафторҳои амалии худ татбиқ намоянд.

Барои он ки малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ба рафтори шахсии хонандагон табдил ёбанд, зарур аст, ки ҷараёни кори тарбиявӣ бо фаъолияти амалии худи хонандагон алоқаманд карда шавад. Ба хонандагон бояд усулҳои гуногуни амалҳои ҷуръатнокии ахлоқӣ бо мисолҳи мушаххас ба таври равшан фаҳмонида шуда, беҳтар мебуд намунаи рафторҳои ахлоқии шоиста ба таври аёнӣ нишон дода шавад.

Ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ дар тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ба мақсад мувофиқ аст, ки аз ҳамаи навъҳои фаъолияти коллективонае, ки кӯдакон ба онҳо ҷалб карда мешаванд, истифода бояд бурд. Дар баробари ин бояд дар хотир дошт, ки барои захира намудани таҷрибаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол вазъиятҳои махсуси тарбиявии педагогӣ ёрии амалӣ расонида метавонанд.

Дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода бурдан аз вазъиятҳои махсуси тарбиявии педагогӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аз ҷониби мо ҳам вазъиятҳои тарбиявии шифоҳӣ ва ҳам вазъиятҳои тарбиявии амалӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, ки дар худ ҷузъҳои малакаи ҷуръатнокии ахлоқиро доштанд.

Вазъиятҳои махсуси тарбиявии педагогии хусусияти ахлоқӣ дошта, аз хонандагон интихоби муайяни рафтори ахлоқиро талаб мекунанд. Вазъиятҳои махсуси тарбиявии педагогӣ шифоҳӣ ва амалӣ мешаванд. Вазъиятҳои махсуси тарбиявии шифоҳии хусусияти ахлоқидоштаро худи хонандагон бо роҳбарии омӯзгор муҳокима менамоянд, ки ин имконият медиҳад онҳо фикр кунанд, баҳсу андешаронӣ намоянд, ақидаи худро баён намоянд ва ниҳоят ба як хулосаи даркорӣ оянд.

Вазъиятҳои махсуси тарбиявии педагогии амалӣ ба таври махсус пешакӣ тарҳрезӣ карда шуда, ҷиҳати машқ додани хонандагон барои ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ истифода бурда

мешаванд. Ҳангоми гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ вазъиятҳои тарбиявии зикргардида ба мо имконият доданд, то ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагонро боло бардорем. Аз тарафи дигар, иштироки фаъолонаи хонандагон дар корҳои гуногуни коллективонаи пешакӣ  тарҳрезикардашуда имконият фароҳам овард, ки хонандагон ҳаматарафа мушоҳида карда шаванд ва дараҷаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқиашон муайян карда шавад.

Самти амалии вазъиятҳои махсуси тарбиявӣ ба он нигаронида шуда буданд, ки дар мактаббачагони хурдсол натанҳо қобилияти мушоҳидачӣ буданро ташаккул медоданд, балки ҳамзамон ба ёрӣ мерасониданд, ки худи онҳо иштирокчии фаъоли дар амал ҷорӣ намудани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ бошанд.

Самаранокии истифодаи вазъиятҳои тарбиявии амалӣ аз он иборат буд, ки қисми зиёди хонандагон барои манфиати умум шуда, аз манфиатҳои шахсии худ даст кашиданд. Чунин дасткашӣ қобилияти тобеъ намудани манфиати шахсиро барои манфиати умум тақозо мекард. Воситаи нисбатан пурқуввати тарбиявӣ дар пайвастагию алоқамандӣ истифода бурдан аз вазъиятҳои тарбиявии шифоҳӣ ва тарбиявии амалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар бораи чӣ тавр истифода бурдани омӯзгорон аз вазъиятҳои тарбиявии амалӣ якчанд мисол меорем. Масалан, ташкили вазъияти махсуси тарбиявиро дар синфҳои дуюми муассисаи таҳсилоти умумии умумии № 9-и ноҳияи Данғара (Назаров П.) ҳамчун мисол оварда мешавад. Муовини директори мактаб оид ба корҳои тарбиявӣ ба хонандагон пешниҳод намуд, ки барои ҷашнгирии иди «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 50 дона табрикнома бо тасвири нусхаи гули лола ва ҳамчунин 50 дона гули бобуна омода созанд. Барои тайёр намудани ин супориш мӯҳлат хеле кам буд ва лозим буд, ки кори зиёд бояд ба анҷом расонида шаванд. Бинобар ин, муовини директори мактаб оид ба корҳои тарбиявӣ пешниҳод намуд, ки тарзи ташкили корро барои

зудтар ва босифат иҷро кардани он муҳокимаву баррасӣ намоянд. Ба хонандагон лозим буд, ки ба чунин саволҳо посух гӯянд:

1. Шумо бо гурӯҳ кор кардан мехоҳед, ё бо рафиқи худ ва ё танҳо?

2. Барои омодасозии тӯҳфаҳои бисёру босифат кадом амалҳоро бояд анҷом дод?

Аксарияти хонандагон иброз намуданд, ки тӯҳфаҳоро дар сурате бисёртару зудтар ва босифат тайёр намудан мумкин аст, ки агар дӯстона ва бо якдигар ёрӣ расонида корро анҷом диҳем. Танҳо 3 нафар бачаҳо пешниҳод намуданд, ки тӯҳфаҳоро худашон дар алоҳидагӣ омода месозанд.

Баъди 20 рӯз боз дар ҳамин синф ба ҳамин монанд вазъияти тарбиявии амалӣ ташкил карда шуд. Ба хонандагон супориш дода шуд, барои табрики омӯзгорон бахшида ба Рӯзи омӯзгор откриткаҳо омода созанд. Барои омодасозии откриткаҳои зебо, босифат ва хушрӯй корро чӣ тавр ташкил кардан лозим аст? – суол дод муаллим. Хонандагон иброз намуданд, ки корро ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, иҷро менамояд. Шавқи хонандагонро ба инобат гирифта, муаллим онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуд (6 гурӯҳ ташкил карда шуд). Ҳар як гурӯҳ 5 нафар хонандаро дар бар мегирифт. Баъдан бо роҳбарии омӯзгор кор байни гурӯҳҳо ба таври зер ташкил карда шуд: яке аз гурӯҳҳо аз рӯи қолаб нақши откриткаҳоро дар варақае мекашиданд, гурӯҳи дуюм онҳоро мебуриданд, гурӯҳи сеюм онҳоро ба қолаби тайёршуда ширеш мекарданд, гурӯҳи чорум барои пардози ороишоти открыткаҳо ранг ҷудо карда, откриткаҳоро ранг менамуд.

Ҷудо кардани ранг ва пардози откриткаҳо, ки нисбатан душвор буд, бачаҳо ин бахши корро ба таъхир меандохтанд. Муаллим назорат мекард, ки бачаҳои кори на он қадар мушкилро иҷро карда (23 нафар) ба хонандагони корҳои нисбатан душворро иҷро мекарда чӣ гуна муносибат менамоянд. Аз 23 нафар хонанда мувофиқи хоҳиши худ ягон нафар ба рафиқони худ ёрӣ нарасондан. Бо супориши муаллим 13 нафар

ёрӣ расониданд. Дар байни нафарони ёрӣ расонида 3 нафар кӯшиш менамуданд, ки ба ҷойи рафиқони худ корро иҷро намоянд. Ду нафар умуман ба мушкилоти рафиқони худ аҳамият намедоданд. Эроди худро нисбати иҷрокунандагони бахши ранг ва пардози откриткаҳо чунин баён намуданд: боодобона 20 нафар; бо тамасхур 4 нафар; дағалона 6 нафар.




Таҳлили натиҷаҳои ба даст омада аз вазъияти тарбиявӣ нишон дод, ки миёни тасаввуротҳои мактаббачагони хурдсол дар бораи ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ ва рафторҳои амалӣ фарқият мушоҳида карда мешавад. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани вазъиятҳои тарбиявии шифоҳӣ ҳамаи хонандагон пурра хоҳиши ба рафиқон ёрӣ расонданро изҳор намуданд, вале дар ташкили вазъияти тарбиявии амалӣ бошад, танҳо 43%-и хонандагон гуфтанд, ки ба рафиқонашон бо хоҳиши худ ёрӣ мерасонанд.

Дар синфҳои назоратӣ шумораи хонандагоне, ки ба ёрии рафиқони худ наомада буданд, ду маротиба зиёдтар буд. Мушоҳидаи рафтори хонандагон маълум намуд, ки бештари онҳо ба ҳамдигар ёрӣ нарасонида, мехоҳанд, ки ба ҷойи рафиқи худ супориши ӯро иҷро намоянд, ё ин ки агар рафиқашон корро нодуруст анҷом диҳад, хатои ӯро бо сабаби беҷуръатӣ гуфта наметавонанд.

Ба андешаи мо, ҳамон хулосаи муаллимони синфҳои озмоишӣ муҳим аст, ки онҳо дар якҷоягию дар алоқамандӣ истифода бурдани ҳам вазъиятҳои тарбиявии шифоҳӣ ва ҳам вазъиятҳои тарбиявии амалиро

дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол эътироф намудаанд.

Хусусиятҳои синнусолӣ, фардӣ ва психологии хонандагони синфҳои 3-юму 4-ум ва андешаҳои онҳо, аз хонандагони синфҳои 1-уму 2-юм фарқ мекунанд. Хонандагони синфҳои 3-юму 4-ум аллакай рафторҳои мусбат ва манфиро дар ин ё он ҳолату вазъияти баамаломада фарқ карда метавонанд. Бинобар ин, зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барои синфҳои 3-юму 4-ум вазъиятҳои тарбиявии нисбатан мураккабтар интихоб карда шуданд. Яке аз онҳо «Омода кардани хоначаҳо барои паррандагоне, ки зимистон ба ҷойҳои гарм парвоз намекунанд» буд (вазъияти тарбиявии шифоҳӣ). Ин вазъияти тарбиявӣ бо хонандагони синфи 3-юми мактаби таҳсилоти миёнаии умумии №58-и ноҳияи Данғара гузаронида шуд.

Ошкор карда шуд, ки дар синфҳои 3-юму 4-ум фарқият байни малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар муқоиса бо хонандагони синфҳои 1-юму 2-юм кам шуда меистад, ки ин аз пурзӯр шудани корҳои тарбиявии омӯзгорон бо истифода аз вазъиятҳои махсуси тарбиявии шифоҳӣ ва амалӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, ин падида имконият медиҳад, ки дараҷаи шуурнокии хонандагон баланд бардошта шавад.

Ҳамин тариқ, мо шоҳиди он шудем, ки истифодаи вазъиятҳои махсуси тарбиявии фавқуззикр барои ташаккули малакаи ҷуръатнокии мактаббачагони хурдсол ёрии калон мерасонад, чунки онҳо ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон мувофиқанд. Таъкид бояд кард, ки омӯзгорон хонандагонро ба иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намуда, ба ин восита имконият пайдо мекунанд, то фаҳманд, ки то кадом андоза кӯдакон малакаи ҷуръатнокии ахлоқии азхудкардаашонро дар рафторҳои амалии худ истифода мебаранд.

Ҳамчунин, ба мақсад мувофиқ аст, ки баъди анҷоми иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ аз ҷониби хонандагон риояи меъёрҳои ахлоқиии

дар ҷараёни меҳнати коллективона азхудкардашуда муҳокима карда шаванд.

Мо, ақидаи Т.В. Шуртаковаро дар хусуси он ки «меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ яке аз шарти аввалини иҷтимоишавии инсон дониста мешавад», пурра пурра ҷонибдорӣ менамоем [177 с. 145]. Корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ барои рушду инкишофи зеҳни инсон, фаъолияти ҷамъиятии ӯ, ки мустақилияти ӯро барои ба даст овардани ягонагии шуур ва рафтори ахлоқӣ таъмин мекунад, мусодиат менамоянд.

Ҷараёни ташаккулёбии малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҳанӯз дар давраи кудакӣ, яъне аз давраи томактабӣ шурӯъ мешавад. Худхизматрасонӣ, риояи тартибот ҳангоми сохтани бозичаҳо, ба охир расонидани кори саркардашуда то охир - ин ҳама нахустмуносибати кӯдаконро ба меҳнат ташаккул медиҳад. Кӯдаки боғайрат ҳамеша тозакору боинтизом аст. Вале чун қоида кӯдаконе, ки ба мустақилият, корҳои манфиатноки ҷамъиятӣ майлу рағбат доранд, муносибати тарафайн ва ҳисси масъулиятшиносии онҳо дар ҷараёни ҳамин гуна корҳо қавӣ мегардад.

Бо назардошти он ки дар ғанӣ гардидани малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлолқии мактаббачагони хурдсол ташкили корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мавқеи муҳим мебозанд, аз ҷониби мо вазъиятҳои тарбиявие омода ва мавриди истифода қарор дода шуд, ки ба ин фаъолият таалуқ доштанд.

Хонандагон мактаб омада, ба навъҳои гуногуни фаъолияти якҷоя ҳамроҳ мешаванд. Дар ин масъала бе шубҳа, тарзи дурусти ташкили корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонад. «Корҳои фоиданоки ҷамъиятии мактаббачагон ба он соҳаи тарбия мансуб дониста мешаванд, ки донишҳо ва тасаввуроти хусусияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ дошта ва фаъолнокии ҷамъиятии шахсӣ ташаккул ёфта, дар якҷоягӣ бо он ваҷҳҳои ахлоқии фаъолият, маҳорату малакаи меҳнатӣ ташаккул меёбад» [92. с.270]. Гарчанде меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ барои

хонандагони синни миёна ва калони мактабӣ аҳамияти бештар дошта бошад ҳам, дар баробари ин, аҳамияти тарбиявии он барои хонандагони синфҳои поёнӣ низ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Аён аст, ки мактаббачагони хурдсол барои иштирок дар ягон намуди корҳои фоиданокии ҷамъиятӣ мекӯшанд ва омадагии худро барои иҷрои супоришҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳанд.

Пурсишҳое, ки мо дар синфҳои ибтидоӣ баргузор намудем, нишон дод, ки бештари кӯдакон мехоҳанд дар ин ё он корҳои ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки маҳорату малакаи меҳнатӣ аллакай дар мактаббачагони хурдсол пурра ташаккул ёфтааст. Саъю кӯшиши худи онҳо барои иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ гувоҳи он аст, ки онҳо қобилияти иҷро намудани ин ё он супоришҳои на он қадар душворро доранд.

Маҳорату малакаи ибтидоии фаъолияти меҳнатиро мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни тоза нигоҳ доштани тахтаи синф, фарши синф, мизу курсиҳо, дар навбатдории синф ва об додани гулҳо аз худ мекунанд. Хонандагон саъй менамоянд, ки тоза нигоҳ доштани синф ва об додани гулҳоро бонизом иҷро кунанд. Бо ин кори худ онҳо на танҳо супориши омӯзгорро иҷро мекунанд, балки натиҷаи меҳнати худро дидан мехоҳанд. Бо гузаштани вақт хусусияти супоришҳои меҳнатии хонандагон тағйир ёфта, мураккабтар мегардад ва минбаъд онҳо ба иҷрои корҳои нисбатан душвортар шурӯъ мекунанд. Мо ақидаи И.П. Прокопевро дар бораи он ки «шарти муҳими тарбияи ахлоқии хонандагон дар меҳнат тадриҷан дигаргункунӣ ва мураккаб намудани шаклу намудҳои меҳнатро талаб мекунад», комилан тарафдорӣ менамоем. [141, с. 40].

Ба корҳои мухталифи ҷамъиятӣ ҷалб намудани хонандагон натанҳо ба ғанӣ гардидани малакаи меҳнатии онҳо мусоидат менамояд, балки тафаккури ба манфиати умум меҳнат карданро ташаккул медиҳад. Ба таври самаранок истифода бурдани меҳнати манфиатноки ҷамъиятӣ

барои ғанӣ гардонидани таҷрибаи рафторҳои ахлоқии хонандагон вобастагӣ дорад.

Меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро ташкил намуда, пеш аз ҳама, бояд дар назар дошт, ки бачаҳо аҳамияту мақсади иҷро намудани кори коллективонаро чӣ гуна дарку таҳлил менамоянд. Дар ин ҳолат вазъиятҳои тарбиявии педагоии ба таври муқаррарӣ баамаломада ба омӯзгорон ёрии калон мерасонад.

Дар ин маврид мебинем, ки омӯзгори синфи 3«а»-и муассисаи таҳсилоти умумии рақами №26-и ноҳияи Бохтар Шомуродов Х. аз вазъияти тарбиявии ба таври табиӣ ба вуҷуд омада чӣ тавр истифода намудааст. Ӯ пай мебарад, ки дар байни ду гурӯҳи ҳамсинфон ҳамеша баҳсу мунозира ба миён меояд. Дар гуфтугӯи онҳо суханҳои қабеҳ ва беэҳтиромона мушоҳида карда мешавад. Гузаронидани сӯҳбатҳои пайдарпай, маҷлисҳои синфӣ ва дигар усулҳои тарбиявӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Барои муттаҳид сохтани коллектив омӯзгор аз шанбегии умумимактабӣ, ки ба муносибати рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда буд, истифода намуд. Дар вақти муқарраршуда ҳамаи хонандагони синф ҷамъ омада, корро оғоз намуданд. Сафед кардани танаи як қисм дарахтони боғи мактаб ба зиммаи хонандагони синфи 3 «а» вогузор шуда буд.

Сараввал, бачаҳо корро на он қадар бо майлу хоҳиш оғоз намуданд ва ҳатто байни худ гуфтугӯ намекарданд. Дар паҳлӯи онҳо хонандагони синфи ҳамшафати онҳо фаъолият менамуданд. Онҳо баргҳои хушки дарахтонро ҷамъ мекарданд. Синфҳои 5-ум бошанд, танаи дарахтони себро бо оҳак сафед мекарданд. Кори онҳо дар авҷ буд, муовини директори мактаб оид ба корҳои тарбиявӣ назди онҳо омада, бачаҳоро таъриф намуд. Ҳангоме ки муовин назди хонандагони синфи 3«а» омад, ҳолати дигарро мушоҳида намуд, вай шоткаро гирифта мегӯяд, ки ман хостам ба шумо ёрӣ расонам. Мумкин кор мушкил бошад, чунки шумо ҳоло хурдсолед,- илова кард ӯ. Дигарҳо аллакай корҳои худро тамом

карда истодаанд. Аз ин суханҳои омӯзгор бачаҳо шарм намуданд. Баъдан онҳо бе баҳсу мунозира корро давом дода, хостанд онро тезтар иҷро намоянд. Гарчанде хонандагон корро иҷро карда бошанд ҳам, вале на дар мухлати муқарраршуда. Дар ҷараёни кори хонандагон омӯзгор худро чунин вонамуд менамуд, ки гӯё ӯ ба фаъолияти онҳо аҳамият намедода бошад. Вақте хонандагон корро анҷом доданд, онҳоро омӯзгор ба синф даъват намуда, дар бораи натиҷаи кори иҷронамуда сухан ронда, хонандагонро сарзаниш накард ва баръакс изҳор намуд, ки ман гумон надоштам, ки бо ин рафторатон аз дигар синфҳо қафо мемонем, офарин! Биёед, якҷоя андеша намоем, ки барои дар оянда бо сифат анҷом додани ин ё он супориш чӣ бояд кард, корро бояд чӣ тавр ташкил намуд? Барои ин чӣ лозим аст?» Хонандагон дар бораи масъулияти кори ба онҳо супридашуда ва дастгирии якдигар дилпурона ва боҷуръатона андешаронӣ намуданд. Дар ин ҷо бояд таъкид сохт, ки агар аз як тараф нотифоқии хонандагон мушоҳида карда шавад, аз ҷониби дигар, як қисми хонандагон ба ин вазъият нигоҳ накарда, бояд боҷуръатона ба кор оғоз мекарданд. Аз ин рӯ, маҳз тарбияи боҷуръат будан дар бораи иҷрои ин ё он амалу рафтор барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле зарур аст.

Яке аз хулосаҳое, ки баъди ин озмоишҳо аз ҷониби мо ироа гардид, ин дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ва тарбия намудани маҳорати аз баҳри манфиатҳои шахсии худ гузаштан ба хотири манфиатҳои ҷамъиятӣ буд. Ҳамчунин дар мисоли вазъиятҳои тарбиявии аз ҳаёти худи хонандагони синфҳои ибтидоӣ гирифташуда ва пештар дар давраи кӯдакӣ рухдода зарурияти фаҳмонидани мафҳуми корҳои коллективона ба миён омад.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо боварӣ ҳосил намудем, ки ғанигардонии малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз бисёр ҷиҳат ба ташкил ва гузаронидани вазъиятҳои тарбиявии махсуси педагогӣ вобастагӣ дорад. Дар алоқамандию ба ҳам пайвастагӣ истифода бурдан

аз вазъиятҳои тарбиявии шифоҳӣ ва амалӣ дар ғанӣ гардонидани таҷрибаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон боз ҳам бештар мусоидат менамояд.

Тавре натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон медиҳад, вазифаи ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва дар ин зимн тарбия намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҳамон вақт бомуваффақият ҳаллу фасл мегардад, ки агар омӯзгор вазъиятҳои тарбиявии ба таври воқеӣ (табиӣ)-ро, ки ҳамарӯза дар ҳаёти кӯдакон ба миён меояд, дуруст мавриди истифода қарор диҳад.

Дар асоси ошкор намудани сатҳи ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз ҷониби мо 3 нишондоди пешбаранда ба миён гузошта шуд: дараҷаи аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ, кӯшиши риоя намудани меъёр ва қоидаҳои рафтор ва дарки рафторҳои ахлоқӣ.

Бо назардошти чунин меъёри ташаккулёбии малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мо сатҳи донишҳои ахлоқӣ ва истифодаи онҳоро дар рафтори хонандагон муайян намудем. Ҳамчунин амиқии аҳамияти ҷамъиятӣ доштани меҳвари ахлоқӣ-этикии донишҳои ахлоқиро, ки идроки рафторҳои мусбиро ифода мекунанд, муайян намудем.

Ҳамин нуктаро ба назар гирифта, хонандагон ба 3 гурӯҳ ҷудо карда шуданд. Ба дараҷаи баланди ташаккул ёфтани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол хонандагоне дохил карда шуданд, ки мафҳумҳои ахлоқиро пурраву комил дарк ва риоя менамоянд. Таҷрибаи педагогӣ шоҳиди он аст, ки тарбияи муваффақонаи чунин гурӯҳи хонандагон тавассути муносибати боддиқати коллектив муайян карда мешавад. Мо чунин меҳисобем, ки агар вазифа ба хонандагон сари вақт дода шавад, тарзи иҷрои он хуб назорат ва баҳодиҳӣ карда шавад, дар ин ҳолат омӯзгор метавонад дар ҷараёни кори тарбиявӣ натиҷаи мусбатро ба даст орад.

Дар хонандагони гурӯҳи дуюм малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ пурра рушд наёфтааст. Ба назари мо, чунин гурӯҳи хонандагон қуввою имконоти худро дуруст истифода намебаранд ва ё коллективи хонандагон рафтори онҳо дуруст арзёбӣ накарда, меъёрҳои ахлоқиро мунтазам иҷро наменамоянд, агар иҷро намоянд ҳам, зери таъсири омӯзгор ё коллективи синф. Ин гурӯҳи хонандагон ҳангоми иҷрои кори коллективона ташаббус нишон намедиҳанд, ки дар натиҷа меъёрҳои ахлоқиро дар баъзе ҳолатҳо риоя менамоянд.

Ба дараҷаи пасти ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ хонандагоне шомил карда шуданд, ки меъёрҳои ахлоқиро дар сатҳи паст аз худ кардаанд. Ин гурӯҳи хонандагон меъёрҳои ахлоқиро на ҳамеша бо майлу хоҳиши том риоя мекунанд ва дар ҳолатҳои алоҳида бо хоҳиши худ риоя менамоянд. Агар риоя намоянд ҳам, дар натиҷаи якчанд маротиба таъкид намудани омӯзгор ё коллектив. Инчунин, дар ин гурӯҳи хонандагон маҳорату малакаи кори коллективона суст инкишоф ёфтааст. Мутаасифона, ин гурӯҳи хонандагон кӯшиш намекунанд, ки дар коллективи меҳнатӣ чӣ тавр бояд муносибат кунанд. Онҳо танбал буда, интизоми коллективро риоя намекунанд. Хонандагонеро, ки шартан ба гурӯҳи 3-юм ворид намудем, ба таваҷҷӯҳи ҳамешагии омӯзгор ниёз доранд.

Бояд таъкид намуд, ки дар рафти иҷрои корҳои коллективона омӯзгорон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар хонандагон малакаи ташаббускорӣ, ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ, кори саркардаро то ба охир ичро намудан, фикру мулоҳизаи рафиқони худро ба эътибор гирифтан ва ғайраро  ташаккул диҳанд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, мо ба хулоса омадем, ки ҳангоми иҷрои кори коллективона тадриҷан аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ ба одати ҳаррӯзаи хонандагон табдил ёфта, дар ин зимн риояи қоида ва меъёрҳои ахлоқиро онҳо бидуни назорату фармоиши муаллимон ва фаъолони синф иҷро менамоянд. Новобаста аз

ин, баъзан мушоҳида кардан мумкин, ки баъзе хонандагон қоида ва меъёрҳои ахлоқиро ба хотири таърифу тавсифи омӯзгор иҷро ва риоя мекунанд.

Гуфтаҳои фавқро хулоса намуда, қайд кардан лозим аст, ки яке аз шартҳои асосии ғанӣ гардонидани таҷрибаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ин ташкил намудани корҳои мухталифи коллективона ва таъмин намудани фаъолнокии онҳо маҳсуб диниста мешавад. Дар ташкили фаъолияти амалии мактаббачагони хурдсол зарур аст, ки дар як вақт бо онҳо корҳои маърифатӣ-ахлоқӣ ба роҳ монда шаванд. Чунин тарзи ташкили кор ба хонандагон имконият медиҳад, ки рафторҳои худро бо донишҳои ахлоқии пештар азхудкарда муқоиса ва дар рафторҳои амалии худ истифода намоянд.

Дар ҷараёни ташкили ин ё он кори дастаҷамъона муносибатҳои ахлоқӣ ба инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон мусоидат менамояд. Супоришҳоро бо рафиқони худ якҷоя иҷро карда, хонагндагон дӯстона амал намудан, кори дар пеш истодаро ба нақша гирифтан ва баҳодии рафтори худ ва рафиқонашонро меомӯзанд.

Ҳамин тариқ, омӯзгор метавонад дар самти ғанӣ намудани таҷрибаи рафторҳои ахлоқии хонандагон бомуваффақият фаъолият намояд, агар:

– ба таври мунтазам дар вақти дарс ва корҳои беруназсинфӣ корҳои коллективонаро бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва майлу рағбати хонандагон ташкил карда тавонад;

– ба таври васеъ дар алоқамандӣ аз вазъиятҳои тарбиявии шифоҳӣ ва амалӣ истифода барад;

– ҳангоми иҷрои корҳои коллективона муносибатҳои дурусти ахлоқии хонандагонро таъмин намояд.

Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки вазифаи тарбияи мактаббачагони хурдсол танҳо ҳангоми муносибатҳои хеле фаъоли

ҳамкории мактаб ва оила ҳаллу фасл мегардад, ки масъалаи мазкур дар зербанди баъди ҳаллу фасл карда мешавад.

## Хулосаи боби дуюм

Имрӯз ҷомеа ба инсони комил ниёз дорад ва аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки дар кӯдакон механизмҳои дохилии психологӣ, ба монанди худдарккунӣ, худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ, боирода будан, ташаббускорӣ ва ғайраро ташаккул дода, кӯдакон натанҳо ба объекти тарбия, балки ба субъекти он низ табдил ёбанд.

Дар ҷараёни тарбияи ахлоқии мактаббачагон институтҳои мухталифи тарбиявӣ, аз қабили мактаб, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои беруназмактабӣ ва оила мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Мо, дар боби дуюм зимни ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ мутаассилӣ ва пайдарпаиро дар ғанӣ гардонидани малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҳам дар рафти дарс ва ҳам дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ таҳлилу натиҷагирӣ намудем.

Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишиӣ нишон дод, ки воситаи муҳимми ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин ташкили фаъолияти коллективона ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот имконият дод, муқаррар намоем, ки фаъолияти коллективона ба шахсияти хонандагон якрангу якнавохт таъсир намерасонад ва мумкин аст, ки ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам манфӣ расонад.

Фаъолияти коллективона дар хонандагон сифатҳои ахлоқиии зеринро ташаккул медиҳад: меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, иродан окӣ, боҷуръатӣ, коллективизм, масъулият барои иҷрои кори ба зимма гирифта, кори саркардаро ба охир расонидан ва ғайра. Фаъолияти коллективона кӯдакро боинтизом намуда, ӯро барои иҷрои меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷамъият одат мекунонад, бо дараҷаи муайяни маданияти ҷамъиятӣ ошно месозад, дар ӯ ҳисси масъулиятшиносиро инкишоф медиҳад. Ширкат дар фаъолияти дастаҷаъмона тасаввуроти маънавӣ-

ахлоқии хонандагонро ғанӣ гардонида, тасаввуроти онҳоро доир ба қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ васеъ менамояд.

Ҳангоми иҷрои фаъолияти коллективона ташкили дурусти самти кор ва фаҳмонидани мазмуни кори иҷронамуда мавқеи хоса пайдо мекунад. Ҳангоми ташкили фаъолияти коллективона зарур аст, ки дар хонандагон бедор намудани ҳисси қаноатмандӣ аз ширкат варзидан дар кори умум ташаккул дода шавад. Корҳои иҷронамуда аз рӯи хусусияти худ бояд фоиданок бошанд. Ба таври мақсаднок ташкил намудани фаъолияти коллективона натанҳо дар кӯдакон мувофиқи донишҳои ахлоқии азхудкарда рафтор намуданро ташаккул медиҳад, балки имконият медиҳкад, ки дар онҳо малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул дода шавад.

Дар ҷараёни фаъолияти коллективона хонандагон зарурияти риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ дар шароити наву мураккабро дарк менамоянд. Дар фаъолияти коллективона рафторҳои ахлоқи хонандагон такмил меёбад, зеро онҳо супоришҳоро танҳо зери назорат ва роҳбарии омӯзгор не, балки ба таври мустақилона низ иҷро менамоянд.

Барои ташаккули донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол ташкил намудани меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ хеле муҳим аст. Хонандагон аз синни хурдсолӣ одат мекунанд, ки ҳангоми иштирок дар корҳои оддии меҳнатӣ арзишҳои ҷамъиятии онҳоро дарк намоянд.

Баланд гардидани натиҷанокии ҷараёни ғанигардонии таҷрибаи малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба таври пурра истифода бурдан аз ҳама гуна корҳои коллективона вобастагӣ дорад. Бинобар ин, ҳар қадаре ки дар фаъолияти якҷоя имкониятҳои фардӣ, сифатҳои шахсӣ кушода шаванд, ҳамон қадар зиёдтар мазмуни ахлоқии амали иҷрошуда арҷгузорӣ шуда, шахс аз иҷрои кори муайян қаноатманд мегардад. Ин боваринокӣ, қавииродагиро ташаккул дода, шахсро ҳидоят менамояд, ки қавлу

амалаш аз якдигар фарқ накунад ва боввариро ба мақсадҳои гузошташуда зиёд созад.

Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо ба мавқеи тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол эътибори махсус додем, чунки тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ яке аз масъалаҳои марказии натанҳо назарияи педагогика, мактаб ва оила, балки яке аз муҳимтарин проблемаи сиёсати ҷомеа низ ба ҳисоб меравад.

Дар ин зимн, омӯзгорон ва волидайнро пайваста бояд як савол ба изтироб орад, яъне инсонеро, ки тарбия мекунанд, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати хулқу атвор бояд гуна бошад. Падару модарон ва омӯзгоронро ҳамзамон фикри дигар низ ба изтироб орад, яъне онҳо чӣ тавр насли наврасро ба ҳаёти бузурги ҷомеа ворид карда, ба ин васила як шахси ба ҷамъият даркориро ба камол расонида метавонанд.

Мусаллам аст, ки заминаи ҳар гуна сифати ахлоқӣ ҳанӯз дар овони кӯдакӣ гузошта мешавад. Заминаи пайдоиши ҳисси қарзи инсонӣ низ аввал дар оила пайдо мешавад ва баъдан дар мактаб тавассути оқилона ташкил намудани ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ шакл мегирад ва ба як маҷрои муайян медароад.

Дар ин маврид, бояд зикр намуд, ки ҳар амали омӯзгор дар сурате ба воситаи муҳиму бебадал ва пурзӯри таъсиррасонӣ мубаддал мегардад, ки агар ӯ кӯдаконро ба тасаввур карда тавонистани маънии хушбахтӣ дар офариниши бахту шодӣ барои одамони дигар водор карда тавонад.

